МЕҲРИНИСО

# ОИНИ ХУРШЕД

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-49

Муҳаррир *Гурез Сафар*

М-49 **Меҳринисо. Оини хуршед** (*мунтахаби ашъор*). –
– Душанбе, «Адиб», 2011, 320 саҳ.

Тараннуми нусрату шони Ватан, тасвири манзараҳои боғу чаман, васфи ишқи поку марзу буми меҳан, тулӯи офтоби бахту муҳаббат ва ин кӯю барзан мавзӯи асосии китоби нави шоираи рангинхаёл Меҳринисоро ташкил медиҳад.

ISBN 978-99947-2-111-5

© Меҳринисо, 2011

## ТАРОНАИ ҲАСТИВУ РӮҲ

Хонандаи арҷманд!

То ҳол дар китобҳои пешин дебочае оид ба шеъри худ наовардаам. Ҳамеша хонандагоне, ки китобҳоям дастрасашон гаштааст, аз ман таќозо мекунанд, ки чаро сарсухане дар китоб нест ва инак хостам чанд сухан оид ба ҳолати эҷод ва шеър ба хонандагон андешаҳои худро нависам.

Шеър таъриху таъриф надорад. Омилҳое мавҷуданд, ки ба инсон таъсир мерасонанд, зеҳнро мусаххар месозанд, ба торҳои эҳсос нохун мезананд ва он гоҳ дигар чизе дар атроф намебинї ба ҷуз он ҳолате, ки саропо туро асири худ кардааст. Мусиќии рӯҳи худро хеле гуворо мешунавї, ки оромии туро барҳам мезанад ва он гоҳ тамоми ќафасҳои гирифториро ба дур меафканї ва меравї ба олами зебои рӯъёи хештан. Хуш ба ҳоли оне, ки ин лаҳзаро дармеёбад ва мепардозад ба баёни ҳолати рӯҳонї ва кайҳонии худ.

Шеърҳои ман низ маҳсули чунин ҳолатҳои зебои созандаанд, ки ниёзҳоямро ба унвони шеър боли парвоз мебахшанд. Ман ҳамеша шеърҳоямро бо мусиќї эҷод мекунам. Яъне сурудаҳоям зодаи мусиќии рӯҳи ман, муҳаббати ман ба зиндагї, зебої, ҳавас ва ормонҳои волоям ва гоҳо шикваҳоям, ки бо ҳама тамкину тамизам аз иродаи ман берун аст, мебошанд.

Аз шеър гуфтан таманнои ман тасвири зебоиҳо ва ҳидояти худам ба некӯї ва худшиносї тавассути пайдои вожаҳои зебо ва баёни муносибу мутаносиб мебошад, ки мехоҳам шеър офарам, агар офаридаҳоямро мухлисони арҷмандам шеър ќабул намоянд. Ифодаи ниёзҳое, ки маро барои расидан ба Каҳкашони садоќату саодатҳо раҳнамої мекунад ва ба

зиндагии хоксоронаи ман ѓановати маънавиро арзонї медоранд..

Ишќе, ки дар шеъри ман аст, аз тасвиру тасаввури ман болотар аст, ки онро метавон эњсос карду нафас кашид. Албатта шеър падидаест инсонї ва барои инсон, забони зебои њар замон ва рањоии огоњонаи рўњ дар њолатњои гуногунест, ки хоњу нохоњ огоњонаву ѓофил дар зиндагї дучору гирифтораш мешавем. Мухотаби шеъри ман низ инсон ва рањої аз шиканљањои маънавист ва роњ ба шукўњу ормонњои наљиби инсонист.

Агар аз бевафої гуфтам, таманноям шояд тантанаи вафодорист, агар аз дард менолам, маќсудам дармони рўњи озурдаи инсон, агар аз њаљру људої ба наво омадаам, њадафам арљ гузоштан ба висоли азизон ва пайванди љовидонаи инсонњост. Тараннуми Ватану хоки мубораки он, баёни ќудсияти парвардигории инсон дар замин, изњори самимияту муњаббат ва сипосу ќадршиносї ба азизон шояд талошест барои комил будан, расидан ба худ ва озодиву ободии инсонњои шоиста.

Ва њар чї ки гуфтаму баён кардам, шояд фосилањост то воќеан шоирона будан, вале бо тамоми њастї кўшидам, навиштањоям ташнашикантар аз ќатраи об ва рўњнавозу созанда бошад, на сўзанда, шохаи шамъи умеде гардад, ки лањзае шоми њаводорони каломро мунаввар ва машомашонро аз гулвожањои муњаббат муаттар намояд.

***Аз муаллиф***

## ДАР ГУЗАРГОҲИ НАСИМ

Ба тамошо биравем,
Ба тамошои Самарқанду Бухорои шариф,
Ба иродат, ба ибодат, ба зиёрат, ба зиё.
Ба қадамҷои азизону ба улгӯи ҳама зебоӣ.
Ба суроғи гулу гулдастаи кошикорӣ,
Ба саломи ҳунару санъати оиндорӣ.

Ба сари Чашмаи гирёну ба даргоҳи дуо,
Ба садоқат, ба муноҷот ба даргоҳи Худо
Сабзаро бӯй кунем.
Ба хушӣ рӯй кунем.
Аз бузургони тариқат нафасе ёд кунем,
Рӯҳро аз қафаси тирагӣ озод кунем.
Ба сухан арҷ гузорем.
Ба ҳунар назри нигоҳ.
Ба қалам саҷда барем,
Ба ҳавас тарки гуноҳ.
Ба кулол об диҳем,
Ба чаман файзи самар.
Ба сабо панд нагӯем, ки пандомӯз аст,
Ба ҷаҳолат абадӣ фирӯз аст.
Шаби ялдоию серуни хазон,
Ҳавасу ҳавсалаи Наврӯз аст.

Субҳдам, баъди намоз
Ҷониби арки ниёгон биравем.
Ки Маҳи хоса ҳамеша ба ҷилост,
Гарчи худ мӯъҷизае нест ба ҷуз ёди Худо.
Нақши гилкору муқарнас чӣ қадар рӯҳафзост.
Ба нигоринаи Сомон чу сиришке ба ниём,
Ба шаҳомот, ба зебоии дунёи бузургон,
Салом ба ҳунарманду ҳунаромӯзаш,
Ба мунаққаш дили шабафрӯзаш,
Ва ба наққошии наққошу ҳама эъҷозаш,
Ёдгору асару эҷодаш…

Чӣ қадар обилаҳои кафи даст,
Чӣ қадар ашк ба рӯи гили тар боридаст.
То мунаққаш бишавад гӯшаи айвону маноре,
ки варост.
Зери ҳар хишт басе нолаю фарёди ҳазин,
Рӯи ҳар зина ғубори қадами раҳгузаре.
Чӣ навое ба лаби оҳуи афтода ба банд,
Орзуе, ки маро кош бувад болу паре.
Ба расадхонаи султони шаҳид,
Ҳам ба Гӯри амиру зинаи Шоҳи зинда,
Ба пару боли уқобу сухани поянда
Ба ҳавас менигарам.
Марқаду мадрасаву минбару меҳробу манор
Ман ба по неву ба сар саҷдакунон месипарам.

Нақши дасти кӣ ба рӯи гили сурх,
Накҳати тоқи муқарнас зи куҷост?
Косаи гунбади пурнақшу нигор,
Зери борони ҳаводис на шикасту на бикост.

Бӯи нону нами борон ба димоғ,
Зеҳн дар санги мазори шаҳу авлое чанд.
Бичашам аз майи шаҳтуту барам шамъу чароғ
Ба мазоре, ки дар он шоҳу гадо мӯътабаранд.
Қадри зебоию қурби гули сурху сабақи зиндагиро
Беҳтар аз машқи вафодории мо медонанд.

Ба тамошо биравем,
Ба гузаргоҳи яқин, водии хушбӯи адаб,
Ба маконе, ки ҳанӯз аз хокаш
Накҳати шеъри дарӣ мерезад.
Рӯдакӣ шеър ба лаб, дар маҳфил,
Шоиронро ба сарӣ мезебад.
Мӯлиён гӯӣ ҳамеша ҷорист,
Гузари кӯзагарон ғарқ ба хоб.

Заргар осуда ба болини хаёл,
Дар қиёми шаби танҳорави бемоҳу чароғ,
Ошиқонро накунад ҷуз дили бедор суроғ.
Дару дарвоза ҳама то ба саҳар хомӯш аст,
Бӯалӣ дар сари бемору даво дар ҷӯш аст.
Пой оҳиста гузорем ба қолии кабуд,
Нахи он гесӯи гӯспанд, ки шояд падарони падари мову шуморо дидаст,
Модари модари мо риштаи онро ба наво ресидаст.
Нақши он аз гули садбарги нигоҳи санаме,
Ки муҳаббат ба ҳунар баста будӣ, рӯидаст.
Мурғи озодаи ҳақгӯй ба тоқи малакут,
Ҳолаи нур, чи болову накӯтар зи манорони фазост,
Анҷуманро сари паймон ба азон мехонад.
Турбату нақшаву наққошии меъмори куҳан
Баъди сад қарни дигар ҳам ба нишон мемонад.
Мо равонем, накӯӣ ба ҷаҳон мемонад.
Пас, биё меҳр набандем ба ҷуз некӯӣ,
Ва касеро напарастем ба ҷуз Эзади пок.

Поку ороста рӯ ҷониби инсоф кунем,
Ду ракат шукр гузорем ба домони гиёҳ.
Ба сароғози ҳунар,
Ба гузаргоҳи паноҳ.
Донаи меҳр бикорем ба саҳрою биёбони ҷаҳон.
То ба бозомадагоне, ки монандаи мо раҳгузаранд,
Сабзу хуррам бинамояд дили бедори замон.
Мавҷи гандум бинависему ба дарё биниҳем,
Ба пару боли парасту ҳақи абнои башар,
Шед ҳам муждаи бемарзии олам орад.
Рӯи анвори тилояш ба нафасҳои саҳар,
Он қадар софу самимӣ бошем.
Он қадар соҳиби имону карам,
Он қадар нур бипошем ба зулмоти дилу дидаи хеш,
То ки хуршед ба хуршедии мо рашк барад.

Ба тамошо биравем.
Нафас аз ҳуҷраи Ҷомӣ гирем.
Ҳавас аз кундали Тиллокорӣ,
Гӯш бар савти Зарафшони равони бари кӯҳ,
Ки садои ҷараси қалби зафармандон аст.
Гӯӣ амвоҷу равонаш ҳама кошикорӣ,
Чорбоғи ҳунару завқи дили инсон аст.
Ҷашни фирӯзаву наврӯзии лаълистон аст.

Сари андешаи садбарги хаёлам ба ниёз
Нафаси тозаи дунёи ҳунар мебӯяд.
Розу пардози ҷаҳоне, ки мусофиркада аст,
Аз тапишҳои дили оби равон меҷӯяд.
Чӣ қадар умр ба сар бояд бурд,
Чӣ қадар ҷон ҳамебояд кост.
Чӣ кадар ғусса ҳамебояд хӯрд,
Чӣ қадар ранҷу талоши абадият бо мост.
Одамиро чи қадар розу ниёзе ба тавон,
То ки ҷовид бимонад асару ному нишоне ба ҷаҳон,
То ба некӣ бибарад номи варо раҳгузарон.
Зери ин гунбади пурнақшу нигори ҳамадон.

Нигаҳам дар васати вассаи айвон обист,
Хоки ман кӯзачаи кӯзагарони сонист.
Тухми кошӣ ба кафам сабзаи хушбӯи баҳор,
Зиндагӣ оби равону дили ман боронист.

Зиндагӣ сабру сано, силсилаи
таҷрибаву хотираҳост,
Зиндагӣ як нафаси бо ҳавас эҳдои Худост.
Зиндагӣ фурсати эҷоду таманнои вафои ману ту,
Зиндагӣ ҳар чи бигӯиву нагӯӣ, зебост.
Ба тамошо биравем,
Ба санову ба дуо.

Гузари ваҳдату доноӣ дурахшон бошад,
Лутфи яздон, ки фаровону фаровон бошад.

Нури хуршед, ки бар аҳли ҷаҳон меборад,
То абад бар сари мову ту фурӯзон бошад.
Ману ту раҳгузарем,
Хушбину хушназарем.
Ба тамошо биравем.

## ФАРАҲ

Зарра-зарра мефизояд эътибори тоҷикон,
Қатра-қатра мешавад дарё табори тоҷикон.
Ид рӯи ид ояд муждаборон кӯҳу дашт,
Оби раҳмат майдаборони диёри тоҷикон.
Роҳҳои атласӣ оини хороро шикаст,
Нарм-нармак мевазад боди баҳори тоҷикон.
Соати бурҷи Душанбе бо тапишҳои дилаш
Мерабояд чашми бадро аз ҳазори тоҷикон.
«Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност»,
Сури ваҳдат месарояд обшори тоҷикон.
Чашмаҳо софанду зебо чун дили зардуштиён,
Хурраму сарсабз бодо рӯзгори тоҷикон!
Ориёӣ бо фару фарҳанг омад, марҳабо,
Медамад ҷони мубарро бар кибори тоҷикон.
Ҳар нафас, ҳар лаҳза бо пайғому пайки тозае
Боз гардад офтоби шӯълабори тоҷикон.
Эй хушо, бигсастаҳо пайваста гашта як ба як,
Шукр мерезад зи ҳар барги чанори тоҷикон.
Бо забони Рӯдакиву бо паёми Мавлавӣ
Мерасад бар кӯи мақсад шаҳсавори тоҷикон.
Ман ҳадиси ишқ мехонам, ки бар Меҳринисо
Сури фар меояд аз парвардгори тоҷикон.

## ЧАШМИ Ӯ БИНОТАР АЗ ЧАШМИ ВУҶУД

Рӯдакӣ рӯд аст, рӯди маънавӣ,
Бӯи ҷон дорад, насимаш бишнавӣ.
Қатраҳои шеъри ӯ дарёи нур,
Регзори ҳикматаш дурри булур.

Мавҷи мавҷаш панду андарзи расо,
Дар ҳубобаш низ эъҷозе басо.
Сахраҳояш пайкари одамгарӣ,
Сабзазораш ёдгори дилбарӣ.
Накҳаташ аз Мӯлиён орад хабар,
Вусъаташ шодобии зеҳни башар.
Шарбати лафзи дарӣ дар нӯши он,
Замзами шеъри биҳиштоғӯши он.
Пора-пора гарчи то мо омада,
Порае аз арши аъло омада.
Ранг дорад, бӯй дорад аз баҳор,
Нағмаву оҳанг дорад сад ҳазор.
Рӯд аз мурдоб дорад бартарӣ,
Кӯл ҳам аз рӯд мегирад фаре.
Рӯдакӣ хуршеди тобони сухан,
Аҳли Сомону Хуросони сухан.
Дурри маънояш, ки дар начво бувад,
Кай хасу хошокро маъво бувад?
Рӯдакиро кӯр гуфта пасту маст,
Чашми ӯ бинотарин чашме, ки ҳаст.
Рӯдакӣ рӯд аст, шаҳрӯди калон,
Раҳ бигирад сӯи дилҳо ҳар замон.
Ҳар кӣ мехоҳад, ки нӯшад қатрае,
То биёбад аз сафояш баҳрае.
Ҳар кӣ мехоҳад, ки андар соҳилаш
Лаҳзае бикшода гардад мушкилаш.
То бигирад панд, панди рӯзгор
Аз ҷаҳони ҳикмати омӯзгор.
Турк гӯяд, – Рӯдакӣ шони ман аст,
Ҳинд гӯяд нӯши ирфони ман аст.
Беаҷаб бар ӯзбаку totor ҳам
Рӯдакӣ улгӯи фахрӣ то адам.
Турк гӯӣ, курд гӯӣ, бок нест,
Рӯдакиро нусха дар афлок нест.
Баски оламгири шеър асту сухан,
Баски сабз аст аз таманнояш чаман,

Асли асл он Рӯдакиву қимматаш,
Гул бирезад, кай бирезад ҳикматаш!
Дар мақому қадру қурбу ҳолу қол,
Рӯдакӣ равшанзамири бемисол!
Эй хушо бар модаре, к-ӯро бизод,
К-ӯ дари хуршедро бар мо кушод.
Хуш ба ҳоли тоҷикони сарбаланд,
З-он ки пайванди Муҳаммад Ҷаъфаранд.
Зодгоҳаш Тоҷикистони ман аст,
Ибрати оинадорони ман аст.
«То ҷаҳон аст аз сари одам фароз»,
Одамӣ дорад ба устоде ниёз.
Рӯдакӣ устоди шеъру шоирон,
Ифтихори фозилу фарзонагон.
Рӯдакӣ чун ёди ёри меҳрубон,
Ҷовидон асту бимонад ҷовидон!

## РӮЗИ РӮДАКӢ ДАР ПАНҶРӮД

Диёро, арҷмандо, дӯстдоро,
Зи ҷамъи меҳрубонон ёдгоро.
Бинозам бо кафи оби зулолат,
Бимонам сар ба поят, кӯҳсоро.
Аё модар, ба қурбони ту мирам,
Туро хоҳар, бигирам дар каноро.
Бимон додар, ба рӯи шонаҳоят
Сарам монам, ки ёбам лаҳзаҳоро.
Дар оғӯшат ба мисли кӯдакам ман,
Аё бемисл дар олам, диёро.
Ҷаҳонро дидаму чун ту надидам
Сафокешу сафобахшанда, доро.
Танам аз ранҷ озод асту беранҷ
Зи файзи васл бо хешу таборо.
Ба ман лутфи дигар дорад дар ин шаҳр
Нигоҳи офтоби оламоро.
Ба рӯзи Рӯдакӣ рӯзам ҳама рӯз,

Хушо эҳсони рӯзат, рӯзгоро.
Камолу Раҳмат аз пири маонӣ
Бигуфтӣ шеър бо лаҳни ҳазоро.
Ва Шамсулҳаққ аз қалби Хуросон
Ба лаб шеъру бигиряд зор-зоро.
Шакар бишкаст Парвин – духти Эрон
Ба шаъни мардуми боэътиборо.
Ту гӯӣ, ангубин дар коми маҷлис
Бишуд ширин аз ин гуфтугузоро.
Чи базме буд дар домони деҳаш,
Дар он рӯзу дар он шаб мар қазоро.
Ту гӯӣ Рӯдакӣ бархост, бинвохт
Ҳазорон нағмаҳоро бор-боро.
Хушо ин лаҳзаи қадру қазоват,
Хушо шеъри равонат, шаҳсаворо!
Хушо султони шеъру шеъри нобаш,
Хушо панди накӯят, рӯзгоро.
Бихонам ман ба гӯши савсану гул,
Ба ҳақ менозам аз васли ту, ёро.

## ИФТИХОР

Эй хушо, даврони нав оғоз шуд,
Раҳ ба сӯи дидаву дил боз шуд.
Сулҳ омад бо паёми орзу,
Нур омад дар мақоми обрӯ.
Нуру нерӯ то ба ҳам омехтанд,
Кинаҳоро бо ҷасорат бехтанд.
Шодии аҳриманонро костанд,
Хештанро бо вафо оростанд.
Уқдаҳо бикшода шуд аз гуфтугӯ,
Омад айёми амалҳои накӯ.
Ҳар нафас эъҷозбахши муждаҳо,
Ҳамдилӣ дармони дилафсурдаҳо.
Бозгашти турнаҳо сӯи чаман,
Бозгашти нусрату шони Ватан.

Тоҷикистон аз миёни хоку хун
Сарбаланд омад алорағми фусун.
Раҳбари иршод омад бар мақом,
Сарвари фарзона бо азми тамом.
Тоҷиконро дар ҷаҳон машҳур кард,
Тоҷикистонро макони нур кард.
Рӯди Панҷам болад аз васли табор,
Менамояд Қулма роҳи эътибор.
Ҷодаҳои атласиву мармарӣ,
Равнақи илму забони модарӣ.
Мисли Роғун Сангтӯда ҳар замон
Нур бахшад бар чаҳони ориён.
Бо тулӯи офтобу бо сурур,
Бомдоди Ориёно ғарқи нур.
Нақби Анзоб ибтидои растан аст,
Бо ҷаҳони баҳру бар пайвастан аст.
Халқи ман, дар чор фасли соли ту
Мӯмиёӣ бод васли оли ту.
Мақсади мо ваҳдати аҳли башар,
Бахту шодӣ, эҳтироми ҳамдигар.
Зинда бош, эй Тоҷикистон, то абад,
Бо зафар, бо сулҳ, бо шукри аҳад!

## БУХОРО

«Бухоро, маркази ислому динӣ»,
Диёри тоҷикони нозанинӣ.
Зиёратгоҳи хуштабъони дунё,
Ҷаҳон ангуштариву ту нигинӣ.

Бухоро шаҳри ишқу орзуҳо,
Туро ман дӯст медорам ҳамеша.
Душанбе гар камолам доду иқбол,
Туӣ охир маро пайванду реша.

Ҷудо хоҳанд моро нобакорон,
Ки умре дар сари паймон набошем.

Ҷудо карданд чун Эрону Тӯрон,
Мабодо довари даврон набошем.

Ҳанӯзам гӯӣ аз он дурии дур
Садое хаста меояд ба гӯшам.
Ки то кай бо фироқу бо ҷудоӣ
Шаранги ҳаҷр дар ҷони хамӯшам?!

* * *

Ҷонам фидои мардуми сулҳофарини ту,
Қурбони осмони туву ҳам замини ту.
Номат чу мӯҳри ҷовиде андар дили ман аст,
Нозам ба навбаҳори туву ёсамини ту.
Эй шаҳри орзуи ман, эй мазҳари умед,
Ман тоири ҳавои хушу анбарини ту.
Васфи туро суруда равам то ба Кибриё,
Эй меҳани муқаддасам арши барини ту.
Меҳринисо, шарорае аз остони Суғд
Рахшад миёни дидаву ангуштарини ту.

## ИН ҶО ДУШАНБЕ

Ин ҷо Душанбе.
Пойтахти Тоҷикистони ман аст,
Беҳтарин оинадори Оли Сомони ман аст.
Дар ниҳодаш оламе аз ганҷҳои маънавӣ,
Дар дифоаш миллати боаҳду паймони ман аст.
Рӯдакӣ бо панду андарзи накӯяш сарфароз,
Пури Сино ҳам саногӯи гулистони ман аст.
Эй хушо, дар қалби зебои замини Ориён
Сулҳу ваҳдат пойдору ҷашни ирфони ман аст.
Тозакориҳо муборак бод, эй шаҳри азиз,
Ҷовидона васфи ту хуш амри виҷдони ман аст.
Аз азизон ёдгору ворисонро ифтихор,
Чун Бухорои шарифу Каъбаи шони ман аст.

## САМАРҚАНД

Эй Самарқанди ниё, фахри замин,
Шоҳшаҳри мардумони нозанин.
Ёдгори ёдмони рафтагон,
Остони шеъру шоирофарин.

Зери пои чархҳои зиндагӣ
Борҳо уфтодаву истодаӣ.
Шеъри нобу ганҷи фарҳангу ҳунар,
Шаҳди гуфтори дариро додаӣ.

Нақши девору манорат қиссагӯ
Аз гузашти рӯзгорони накӯ.
Аз шуои офтоби маърифат,
Аз Худовандони ишқу обрӯ.

Аз ҳунармандони мумтози замон,
Аз забардастони соҳибзавқи он.
Аз таҷаллои Хуросони бузург,
Аз шукӯҳу шавкати озодагон.

Чун Зарафшон мешитобам сӯи ту,
Ташнаҷони гулшани хушбӯи ту.
Аз Сиёҳоби ту менӯшам ба ҷон,
Укдаҳоро во намуда мӯ ба мӯ.

Шарфаи аспони Чингиз то ҳанӯз
Чанги зулматро ба гардун мебарад.
Модари Балху Бухорои шариф
Мотами худро ба Чайҳун мебарад.

Бар мазору масҷиду меҳроби роз
Мебарам бо саҷда тӯмори ниёз.
Мерасад бар гӯши ҷонам ҳар нафас
Нолаи ғурбат зи нойи найнавоз:

Аз ҳарири субҳ пероҳан ба тан,
Зодаи барқам, забони оташам.
Аз Авасто то ба Қуръони маҷид
Дурри маъниро ба дӯшам мекашам.

Ояи ҷамъу парешамро кунун
Ман зи бонги ошно пайдо кунам.
Ошиқони ишқро бар кӯи васл
Бо суруди Рӯдакӣ шайдо кунам.

Шӯълаи овозу оҳанги дарист
Дар дили санги мазору ҷодаҳо.
Бо забони сидқ мегӯяд сухан
Байни ҳам бо тоҷикӣ дилдодаҳо.

Зери тӯри абрҳои раҳгузар
Зевари қоиммақомам то абад.
Каъбаи илму адабгоҳи ҳунар,
Лоиқи шукри тамомам то абад.

Сӯфиёнро маҳди оинофарин,
Аз бақову аз фанову аз яқин.
Чашмаи софу зуលоли маърифат,
Нӯшбоди соликони роҳи дин.

Эй Самарқанд, эй қадамҷои бузург,
Сарзамини ормонҳои ниё.
Замзами номи ту андар қалби пок
Нӯшдоруи вуҷуди Ориё.

## МАН БУХОРОЯМ

Ман Бухороям, тапишҳои дили бедори Шарқ,
Аз навои уду рӯди Ориё ояд нидо.
Бо суруди чашмаҳои рӯҳбахшои Ватан,
Чорбоғамро нумӯи маънавист аз ибтидо.

Обшори илму фарҳангу навои Мӯлиён
Ҷорӣ андар хуни авлоду бузургони ман аст.
Дониши Синову андарзи Худованди сухан
Ёдгори ҷовидони Оли Сомони ман аст.

Аҳли фазл, аҳли ҳунар, аз аҳли дину оинанд
Зодаву парвардаи домони оламгири ман.
Бо зуҳури Нақшбандиву Имоми Тирмизӣ
Бо пару боли ҳумо бинвишта бас тақдири ман.

То замоне, ки Бухоро чун Аҳуро зинда аст,
Рӯди Сайҳуну Зарафшон аз вафо оканда аст.
Бо каломи Ҳофизи Шерозу устоди сухан
Ёди ёри меҳрубон дар ҷони ман поянда аст.

Қиссаи Эрону Тӯрон дар китоби сарнавишт,
Саргузашти номдороне, ки Фирдавсӣ навишт.
Фасли васли асл дар арши Худованди карим
Дар санои қудсиёну ҳуру ғилмони биҳишт.

## ФАРИ ЭРОНУ ТӮРОНАМ

Фари Эрону Тӯронам,
Самарқанди ниёконам.
Чу моҳи хосаи гардун
Шабафрӯзи бузургонам.

Ба азми нуктапардозам,
Азизонро ҳамовозам.
Ба дил ганҷи равон дорам,
Ба симу зар наменозам.

Нишоне аз ниёгонам,
Ниҳон аз чашми бӯҳтонам.
Ғубори ғурбати ёрон
Нишаста дар рагу ҷонам.

Ба ҳар хишти манору кӯшк
Мунаққаш номи некон аст.
Забони қудсиён гӯё
Ба тоқи арку айвон аст.

Зи ному номаи таърих
Нажодамро агар ҷӯянд,
Ҳама ҳарфу ҳиҷои он
Асилам ман, ҳамегӯянд.

Шамоли Боғи болоям,
Макони Шайхи Авлоям.
Ба уди рӯди Регистон
Танини шӯри Мавлоям.

Замин гаҳвораи инсон,
Сари гаҳвора ҳайронам.
Кӣ қисмат карда қисматро
Ба ин ҷамъи парешонам?

Ба «Гӯри Мир»-у ҳар хона,
Мазори шайхи фарзона.
Гузар андар гузар бингар
Ба чашми хешу бегона.

Суруди Рӯдакӣ бар лаб
Раҳи Шероз меҷӯянд,
Ки туркони самарқандӣ
Сухан туркӣ намегӯянд.

Саҳар аз минбару меҳроб
Садои содиқон ояд.
Фараҳ печад ҷаҳонеро,
Чу пайғоме аз он ояд.

## ДУШАНБЕ

Душанбе шаҳри ман, ҷонам туӣ, ту,
Баҳори гулбадомонам туӣ, ту.
Ба ҳар ҷо меравам, ишқи ту бар дил,
Сурурам, шӯҳрату шонам туӣ, ту.

Саросар гар равам кӯи ба кӯят,
Суҷуд орам ба хоки бас накӯят.
Аҷаб раҳмат бирезад Эзиди пок
Ба дашту домани хушрангу бӯят.

Ватан, номи ту орои забонам,
Маҳомат ифтихори ҷовидонам.
Маромат раҳнамои пиру барно,
Зиҳӣ, эй сарзамини ориёнам.

Ба васфи ту ҳамеша месароям,
Азизӣ ҳамчу модар ту бароям.
Ҳама ишқу ҳама меҳри ту бошад
Сароҳанги дилам, савтам, садоям.

## НАВБАҲОРОНАМ ОМАД

Абри найсонам омад,
Резаборонам омад,
Мужда ёронам, бар гулистонам
Навбаҳоронам омад.

Чашмаҳо хурӯшон шуд,
Ҷодаҳо гулафшон шуд,
Бо дили шайдо, масту вовайло
Лола меҳмонам омад.

Аз дил ихтиёрам рафт,
Аз барам қарорам рафт.
Бо адои нав, бо ҷилои нав
Шамси тобонам омад.

Нағмапардозам омад,
Сури овозам омад,
Файзу эҳсонам, нури нуронам,
Иди идонам омад.

Рӯзи Наврӯзам омад,
Сӯзи ғамсӯзам омад.
Чаҳ-чаҳи булбул, бӯи мушку уд
Аз наистонам омад.

Эй хушо, ба рӯзи ид
Шамъи дил барафрӯзед,
Шодиёна, бар Тоҷикистонам
Фасли умронам омад.

## ИНЪОМИ ХУДО

Хушбоду ҳаво Модар-Ватан аст,
Инъоми Худо Модар-Ватан аст.

Оинаи қудсии ҷаҳони ману ту
Ангуштнамо Модар-Ватан аст.

Бо меҳру муҳаббати ҳама фарзандон
Дар нашъунамо Модар-Ватан аст.

Бар равнақу шони одамиён бар даҳр
Шаҳболи ҳумо Модар-Ватан аст.

Не ғурбати бекасиву беҳамнафасӣ,
То дар сари мо Модар-Ватан аст.

Хушбод бинову каҳгили девораш,
Хоку гили мо Модар-Ватан аст.

Дар шебу фарози зиндагонӣ моро
Бас роҳнамо Модар-Ватан аст.

Сарриштаи сарнавишти огоҳии мо
Аз қадру қазо Модар-Ватан аст.

Зарринвараќи китоби зебои ҳаёт
Дар лавҳу ливо Модар – Ватан аст.

**ВАТАНАМ**

Тоҷикистон, Ватанам,
Роҳати сад чаманам.
Гар равад ҷон зи танам,
Ман зи ту дил наканам.
Зинати ҳар суханам,
Ватанам, эй Ватанам.

Шавкату шони манӣ,
Нури чашмони манӣ.
Шукри эҳсони Худо,
Сару сомони манӣ.
Ҷавшани ҷони манӣ,
Ватанам, эй Ватанам.

Тоҷи некӯй ба сар,
Бениёз аз дуру зар.
Рӯдҳо ганҷи равон,
Қуллаҳо тоқи зафар.
Хоса ганҷию гуҳар,
Ватанам, эй Ватанам.

Мо ҷигарбанди туем,
Решапайванди туем.

Тоири шеъру суруд,
Толиби Занди туем.
Дилу дилбанди туем,
Ватанам, эй Ватанам.

Дил ба фармони ту бод,
Дида ҳайрони ту бод.
Ҳама рӯзу ҳама сол
Шед меҳмони ту бод,
Файз дар хони ту бод,
Ватанам, эй Ватанам.

## ТОҶИКИСТОН

Ту яктои манӣ, эй Тоҷикистон,
Таманнои манӣ, эй Тоҷикистон.
Биболам бо ҳама буду набудат,
Маро ту меҳанӣ, эй Тоҷикистон.

Ҳама шаҳри туро дарвоза бошад,
Ҷаҳонро ҳусни ту овоза бошад.
Ба мисли обшорони равонат
Дилу дунёи мо ҳам тоза бошад.

Туро ман дӯст медорам чу модар,
Бароям гулшанӣ, сабзу муаттар.
Баробар бо суруди чашмасорон,
Баёзат мекунам пайваста аз бар.

* * *

Суруди ман, дуруди ман барои Модар-Ватанам,
Таронаи муҳаббатам санои Модар –Ватанам.
Сари баланду тахти ман сари баланди қуллаҳо,
Садои ишқу зиндагӣ, садои Модар –Ватанам.

Нафас-нафас тароват аст канори боғу гулшанаш,
Сафои тӯбии биҳишт ҳавои Модар-Ватанам.
Макони зарнисори ман, мақому ифтихори ман,
Бақои ман-баҳои ман атои Модар-Ватанам.
Камоли ман, ҷалоли ман, ҷаҳони безаволи ман,
Ягона такягоҳи ман ливои Модар-Ватанам.
Ба бомдоду гоҳи шаб ба гӯши ҷонам аз тараб
Чӣ хушгувору форам аст навои Модар-Ватанам.

## САРАЗМ

Эй Саразм, эй сарзамини бостон,
Эй гузаргоҳи насим, эй остон.
Эй накӯмарзи ниёгони бузург,
Эй таманнои замину осмон.

Эй сароғози ҳама аҳли вуҷуд,
Омадам бар хоки ту баҳри суҷуд.
Аз Душанбе – пойтахти тоҷикон
Бар сари тахти ниёгонам дуруд.

Ҳарф-ҳарфи ҳафриёти ту накӯ,
Азму разми барҳаёти ту накӯ.
Зарра-зарра хоки покат панди рӯз,
Рӯзгори пурнишоти ту накӯ.

Корвони файзу нусратро фарӣ,
Достони илму донишро сарӣ.
Асли моро васл мебахшӣ ба мо,
Эй ҳақиқатро нишон аз сарварӣ.

Ибтидои чархи гардони замон,
Инбисоти паҳлавигӯро амон.
Эй нигини тоҷдорони бузург,
Аз мақоми ту ҳамеҷӯям нишон…

Ту Самарқанду Бухорои manӣ,
Бо Хуросони бузургам ҳамтанӣ.
Ёдгоре аз тилисми маърифат
Дар дили хоки мубаррои манӣ.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забон дар коми ман чизе набошад,
Набошад гар забони модари ман.
Шифою нӯшдору ёбам аз он,
Самои гуфтугӯро ахтари ман.

Забони оқилону фозилон аст,
Забони нуктадонони ҷаҳон аст.
Забони Рӯдакиву пири Балхӣ,
Забони Саъдии ширинзабон аст.

Маро якто Худованду расул аст,
Маро яктост ишқи ҷовидонӣ.
Маро якто Ватан – модар ба дунё
Ба аслу наслу расми ориёнӣ.

## БАРФӢ

Барф мерақсад, муборак Соли нав,
Чарх мечархад, муборак Соли нав.
Нури ваҳдат бар дили пиру ҷавон
Сур мебахшад, муборак Соли нав!

Арчаи солинавӣ меҳмони мо,
Файзу неъмат рӯи дастархони мо.
Бар ҳама аҳли башар бодо дуруд
Аз дили гарму пур аз эҳсони мо.

Мерасад пайғоми некӯахтарӣ
Бар мақому бар забони модарӣ.
Муждаи ҷашни бузурги Ориён,
Муждаи пайванди Моҳу Муштарӣ.

Роҳи мо то ахтарони Каҳкашон,
Роҳи ваҳдат, роҳи сулҳ, эй одамон.
Мо садову мо нидои Ховарем,
Ростон, равшангаронро ёварем.

* * *

То бод санои хок бар абри сапед,
То бод садоқати баҳорон ба замин.
Ман замзамаи муҳаббати инсонро
Хоҳам бибарам ба арш, бар тахти барин.

## НИЁИШ

Бор, эй Худоям, бо худ чӣ созам,
Бо чӣ бисозам, бо кӣ бинозам?
Захме намакпош сӯзад вуҷудам,
Аз дасти ман шуд сози намозам.

Рӯзам ҳама шом, шоме ғамошом,
Не сабр дар дил, не дорам ором.
Девона хоҳад қисмат маро низ
Бо бахти гумроҳ, бо ишқи ноком.

Ҷуз ту кӣ бошад аз розам огоҳ,
Сӯзад тану ҷон серуни даймоҳ.
Бо зикри номат, лутфи тамомат
Во кун раҳамро сӯи каромат.

## ВИДОЪ

Сар ба замин ниҳоданам
Рӯ ба само фитоданам,
Лаб ба дуо кушоданам,
Ба хотири ту буду бас.

Ба сояҳо шукуфтанам,
Шукри нафас бигуфтанам,
Шаб ба саҳар нахуфтанам
Ба хотири ту буду бас.

Аз ҳама кас буриданам,
Сӯи гунаҳ надиданам,
Заҳри сухан чашиданам
Ба хотири ту буду бас.

Бистари санг сохтан,
Дар таби худ гудохтан,
Лаҳза ба ҳарза бохтан
Ба хотири ту буду бас.

## БОЗГАШТ

Салом, боз омадам
Ҳазорбора сӯи ту.
Ҳамеша чун ҳамешаҳо
Маро «марав» – бигӯӣ ту.

Чӣ буда умр, чун гузашт,
Кӣ огаҳ аст ҷуз Худо?
Чӣ рӯз, рӯзи бекасӣ
Миёни ҷамъи бевафо.

Ба чеҳра нақш аз гулон,
Ба дида ашки муддао.
Касе напурсадам, надид
Ба лаҳзае дили маро.

Ба ҳар кӣ дил супурдаам,
Баҳои худ фисурдаам.
Ба ҳар кӣ меҳр бастаам,
Дили худам шикастаам.

Зи рафтаҳои меҳрубон,
Ватан, ту мондаӣ нишон.
Ба ҷони ман, равони ман
Фақат туӣ, ту армуғон.

Қасам ба барги боварам,
Мазори поки модарам,
Зи пораи садоқат аст
Ҳиҷову ҳарфи дафтарам.

Намекашад маро қадам
Ба ҷовидона, то Ирам,
Ба беҳтарин сару садо
Салом, боз омадам!

## НИДОИ ЕСЕНИН

Зи дашти бекарони кишвари Рус,
Зи ҳар барги дарахту шохаи тус.
Зи қалби шоири озодамашраб
Ҳанӯзам мерасад ин мужда бар гӯш:

Ту, эй Шоҳона, эй кабки хушовоз,
Бубахшо, гар накардам майли парвоз
Ба дунёи пур аз шеъру тарона,
Ба хоки поки шоирхези Шероз.

Ба он шаҳре, ки шоир қадр дорад,
Ба ҷуз Эзид зи кас биме надорад.
Ба он марзе, ки шоирро навозанд,
Ба тахти арҷ шеърашро гузоранд.

Русия сарзамини бешазорон,
Ба ҳукми ҷангалу барфи баҳорон
Маро дар синаи гарму бузургаш
Нигаҳ дорад ҳаме чун пораи ҷон.

Ту эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман,
Ту эй дунёи пурафсонаи ман.
Макун бовар ба марги шоири худ,
Нигар, ки зиндаам дар қалби Меҳан.

Ман андар шеърҳои ҷовидонам
Чароғи равшани назми ҷаҳонам.
Сафои резиши борони найсон
Ба гандумзори меҳри ошиқонам.

Маро дарёб аз мавҷи хурӯшон,
Зи атри лолаву барқи куҳистон.
Ҳазорон орзу андар дили ман
Басе бишкуфта монои Гулистон.

Ту эй Шоҳона, дар базми сияҳгӯш
Макун дилдода шоирро фаромӯш.
Ба зикри хайру ҷоми сабзи Хайём,
Шароби шеъри ҷонбахши маро нӯш!

Бигӯ, ки ифтихори Русам, эй дӯст,
Баҳорон доманаш мебӯсам, эй дӯст.
Шаҳиди боғи фирдавси баринам,
Магар Фирдавсию аз Тӯсам, эй дӯст.

Намедонам кӣ будам, ё ки ҳастам,
Ҳамон ошиқ, хамон соғарбадастам.
Есенин, шоири озодаи Рус,
Азизи дилбарон будам, ки ҳастам.

## МАРГИ ЗЕБО

Ёсуман бишкуфт, булбул пар кушод
Бар суроғи накҳати ишқу ҳавас.
Нимашаб армону андӯҳаш шикаст
Масту масрур аз шукӯҳи ҳамнафас.

Ҳар киро шуд нолааш, нерӯ гирифт,
Ибрати оини ҷустуҷӯ гирифт.
Дар шаби зебои гулрези баҳор
Шабнаму шаббода бо ҳам хӯ гирифт.

Субҳдам, вақти тулӯи офтоб,
Сӯи он овоз рафтам бо шитоб.
Матлабам - бар ҳоли ошиқ бингарам,
Дастаи гулро ба гулдон оварам.

Ман чӣ дидам?
Ёсуман афсурда буд,
Рӯи шохак булбул аз ишқу ҳавас
Барг-баргашро ба ҳам афшурда буд.
Он қадар орому зебо, бедареғ,
Хоби нозаш гӯиё ки бурда буд.
Он қадар аз худ ризову бо ризо
Ҷон ба ҷонони вафо биспурда буд.

Хира мондам ман ба кори сарнавишт,
Интиҳои ҳаҷру маънои сиришт.
Шоҳиди ин моҷаро Меҳринисо
Ҳайф мегуфту «чӣ зебо» менавишт.

## МАРО ТАНҲО НАМОН ДИГАР

Куҷо бе ту тавон дигар,
Маро аз худ марон дигар.
Ман аз танҳоӣ метарсам,
Маро танҳо намон дигар.

Миёни ҷамъи хотирҷамъ
Парешонхотирам чун мӯ.
Маро дарёбу таскин бахш,
Бигӯ, ки зиндагӣ некӯ.

Биё, андар паноҳи ту
Мадоре такя то созам.
Гули арзу ниёзамро
Бароят ҳадя то созам.

Намегӯям, ки субҳу шом
Ту аз ман бошу бо ман бош.
Гаҳу ногаҳ суроғам кун,
Маҳи нозам, ту хирман бош.

Ба подоши аламҳоям,
Дили бекину танҳоям
Ба ҷуз лутфи Худовандӣ
Дигар чизе намехоҳам.

## ТАМАННО

Парандаҳо,
Парандаҳои меҳрубон,
Парандаҳои безабон.
Куҷо бувад маконатон?
Куҷо бувад қароратон?
Шумо, ки ҳаст бештар зи одамон шумоpатон,
Куҷо бувад мазоратон?
На ҳирсу на ҳақорат аст,
На фанду на адоват аст,
На ханда дар лабонатон,
На мотаме дар ин ҷаҳони покатон.
Фидои ин ҳақиқати аёнатон.
Ва розу созҳои бебаёнатон.
Парандаҳо,
Парандаҳои бегуноҳи доначӯ,
Парандаҳои бо само ба гуфтугӯ.
Нишаста бо ҳарос дар канори ҷӯ,
Нигоҳатон ба ҳар тараф,
Гаҳе ба обу гаҳ сӯяки алаф.

Гаҳе ба чашми ман, ки рӯи болатон хамидааст,
Хаёли болу пар задан ба сӯятон кашидааст.
Агар паранда мебудам,
Магар ки банда мебудам?
Дар ин макон, ки рӯзу шаб
Гаҳе табассуму гаҳе зи дарди худ фишурда лаб,
Намесурудам ин суруд,
Ки хона ҷои ман набуд!
На ҷои пар задан маро дар ин фазо,
На тоби дам задан маро дар ин саро.
Парандаҳо,
Парандаҳои меҳрубон.
Фидои болҳоятон,
Фазои бебаҳоятон.
Шумо, ки ғам намехуред,
Барои хеш лонаву ғизову пар намехаред.
Шумо ки беҳтар аз манед,
Чу бар рақиб сӯи ман набингаред.
Маро баред лаҳзае, ки бо шумо даме парам
Ба рӯи шонаи фазо ҷаҳони тоза биспарам.

## ТАСКИН

Ёр, ба ҳусни рӯи ту,
Лаҳзаи гуфтугӯи ту.
Мирам агар ба кӯи ту,
Роз маҷӯ, ки розиям.

То дами буду буданам,
Бо ғами ту фисурданам,
Ҷон ба Худо супурданам,
Роз маҷӯ, ки розиям.

Бо дили пора-пораам,
Бистари санги хораам.
Дӯст агар надориям,
Роз маҷӯ, ки розиям.

Нашнавӣ овози маро,
Баҳри ту эъҷози маро.
Нози маро, рози маро,
Роз маҷӯ, ки розиям.

Дӯст манам, на душманӣ,
Шамъ манам, ту равшанӣ.
Ишқи манӣ, дини манӣ,
Роз маҷӯ, ки розиям.

## АЗ ЁДҲО

Ман қаламро мениҳам болои дафтар,
Меравам то пушти дар,
То дари эъҷоз бикшояд бароям
Олами сеҳри дигар,
Олами меҳри дигар.
Олами андешаҳоро,
Тору пуди решаҳоро.
Мезанам дар,
Мекашам пар
То ба авҷи киштзорони кабуд,
То сарои меҳрубониву суҷуд.
Хандаи ман дар чаманзорони сабз
Ҳеҷ гоҳе инчунин рӯшан набуд.

Иртиботи офтобу накҳати рӯи замин,
Илтифоти шабнаму эҳсоси гарми ёсамин.
Абрҳои пора-пора дар фазои лоҷвард,
Дар дили хуршед медидам булӯри сурху зард.

Чашми ман монанди кӯдак медавид,
Пушт-пушти сӯзанакҳо, шаҳпаракҳо.
Медавидам, мефитодам, менишастам, мегиристам.
Шаҳпаракҳо мепариданд,
Сӯзанакҳо мерамиданд.

Меравам то хонаи момо ба дав,
Чингаҳоро чида мемонам алав.

Он ҳама айёми саршор аз қиёми орзуҳо,
Он ҳама пайки садоқат бо паёми орзуҳо.
Он ҳама атри нафасҳои баҳори кӯдакӣ,
Бо шитоби рӯзгору бо қиёми орзуҳо.

Ҳар нафас, ҳар лаҳзаро дорам ба ёд,
Мавҷ-мавҷи сабзаро дорам ба ёд.
Лахчаи сурхи танӯри модарам,
Кулчаи бомаззаро дорам ба ёд…

Ғуссаҳоро мегузорам пушти дар,
Менависам рӯи дафтар.
Эй баҳори хубу хотирмони ман,
Эй ҷаҳони сабзу беармони ман.
Эй ҳама бигзаштаҳои ғарқи нур,
Марҳабо, бар ҷони саргардони ман!

## БАРОИ « СУРУДИ СОЛ»

Бо навои обшорони чаман,
Резиши борону атри ёсуман,
Бо нидои зинда бош, эй халқи ман,
Месароям эътиборатро, Ватан.

Чун кабӯтарҳои шоди навбаҳор,
Чун гулу себаргаҳои сабзазор.
Аз дили гарми сухан сар мекашам
Бо тарона, бо чағона, бо дутор.

То дили абри гузар дарё шавад,
Хилвати дилдодагон дунё шавад.
Бо суруди ошноӣ, ҳар нафас
Бо навиду мужда ҳамово шавад.

Бо ҳама наҷвои оҳангу суруд,
Шокири чархидани чархи кабуд,
Бо навои хуштар аз савти баҳор
Бод васли Ориёноро дуруд!

Ҷӯр бодо нағмаи мо, սози мо,
Ҷовидон бодо навопардози мо!
Бо садои чашмасоронат, Ватан,
То Сурайё мерасад овози мо.

Сози борон аст дар оҳанги мо,
Панҷаи хуршед сароҳанги мо.
Ҷилваи эҳсоси гарми зиндагӣ
Дар суруду сози рангоранги мо.

Меҳрубониро ситоиш мекунем,
Меҳри оламро ниёиш мекунем.
Бо насими тозаи ишқу ҳавас
Қалбҳоро мо навозиш мекунем.

Сур бардам, эй суруди зиндагӣ,
Бо суруру бо дуруди зиндагӣ.
Болафшон бигзар аз домони шаб,
Қосиди пояндаруди зиндагӣ.

Мефизояд бар тавони мо суруд,
Мекушояд уқдаи дилҳо суруд.
Чун тулӯи офтобу ахтарон
Мекунад равшан ҷаҳони мо суруд.

Бо суруде сар шавад иқболи мо,
Иди пирӯзиву истиқлоли мо.
Мерасад пайки ҳақиқат бо суруд,
Медамад субҳи садоқат бо суруд.

## СИЛСИЛАИ ТАРОНА БАРОИ «СУРУДИ СОЛ»

* * *

Шамси равшанам,
Ахтари шабам.
Тоҷе бар сарам,
Ҷоне дар танам
Ҳастӣ, меҳанам.

Дар фазои сулҳ
Савти бемисол.
Ҳамсадои сулҳ,
Эй суруди сол.
Эй зи мо нишон,
Боғи армуғон.
Бишнав, эй Ватан,
Ин суруди мо.
Гул кун, эй Ватан,
Бо дуруди мо,
Бо суҷуди мо.

Ҳам садои дил,
Ҳам садои ҷон,
Барги боварам
Ҳадя оварам
Баҳри кишварам.

Зарра-зарра меҳр
Дар ҷабини мо.
Ҷовидон бувад
Сарзамини мо.
Тоири чаман
Ҳамнишини мо.

Мерасад баҳор,
Бар куҳандиёр.

Шўъла зан, виқор,
Шаъну эътибор
Ҷашни ифтихор.

Бо суруди мо,
Тору уди мо.
Мужда!
Медамад
Субҳи Осиё,
Сури Ориё.

* * *

Эй ҳамсадоӣ,
Созу навоӣ.
Анҷумнамоӣ,
Суруди сол.

Эй бемисол,
Базми висол.
Авҷу камол
Суруди сол.

Эй хушбаёнӣ,
Расми каёнӣ.
Аз мо нишонӣ
Суруди сол.

Мо навҷавонем,
Шўри замонем.
Ҷону ҷаҳонем,
Мо ориёнем.

Эй рўзгорон,
Бо рақси борон,
Бо майдаборон
Омад баҳорон.

Эй зиндагонӣ
Рӯди равонӣ.
Доим ҷавонӣ
Бо ҷовидонӣ.

* * *

Имрӯз рӯзи некӯ,
Гул дар чаман шукуфта.
Парвоз мекунад дил
Бо қиссаи нагуфта.

Бо тоирони гулшан
Шеъру тарона хонем.
Овозаи Ватанро
То Каҳкашон расонем.

Дар водии муҳаббат
Ман шохи арғавонам.
Ту ҳамсадои ман бош,
То бехазон бимонам.

Мо насли бахтёрем,
Коре ба ғам надорем.
Бо ишқ сарфарозем,
Бо дилбарӣ бинозем.

Эй дил, саро ба гулшан,
Фасли ҷавонӣ омад.
Бо рез-рези борон
Иди каёнӣ омад.

Бо ҳавас биё,
Ҳамнафас, биё,
Эй дил, эй дил, эй дил.

Бо навои хуш,
Бо ҳавои хуш,
Эй дил, эй дил, эй дил.

Дар ҳарими ҷон
Шӯри ноаён.
Эй дил, эй дил, эй дил.

Ҷоми Ҷам ба каф,
Номи ту ба лаб,
Эй дил, эй дил, эй дил.

* * *

Эй муғаннӣ,
Нағма сар кун.
Ғунчаҳоро
Гулбасар кун.

Базми моро,
Азми моро.
Боасар кун,
Босамар кун.

Эй тулӯи бахти инсон,
Ахтаронро ахтаристон.
Ибрати тубои ризвон,
Ҷилвагоҳи андалебон.
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

Ҳушрабо хуррам баҳорат,
Чашмасори беғуборат.
Сар ба гардун кӯҳсорат,
Дар нумӯ бод эътиборат,
Тоҷикистон, Тоҷикистон.

## ТО БА КАЙ?

*Ин шеър фармоиши Синамои тоҷик*
*буд барои филме, ки бояд бо овози*
*Ҳотами Равшан садо медод.*

Эй ҳамватан, бишнав маро, ин бесадоӣ то ба кай?
Дар коми ту, дар коми ман захри ҷудоӣ то ба кай?
Мӯҳри хамӯшӣ пора кун, захми куҳанро чора кун,
Андешаи овора кун, бедаступоӣ то ба кай?
Оташниҳоди шар машав, як мушти хокистар машав,
Талбандаи ҳар дар машав, расми гадоӣ то ба кай?
Арзу само кайҳони мо, нуқли замин дар хони мо,
Меҳри Худо дар ҷони мо, мушкилнамоӣ то ба кай?
Муште агар дорӣ, бизан бар фарқи беномусу нанг,
Айбе надорад зиндагӣ, бебармалоӣ то ба кай?
Бар ҷойгоҳи одамӣ з-оғозу анҷомаш нигар,
Фарзанду пайванди ҳамем, ноошноӣ то ба кай?
Накшода раҳ сӯи диле, нагсаста тори мушкиле,
Бар худ биҷуӣ аз Худо фарри Худоӣ то ба кай?
Ин обу хок, ин кӯҳу дашт, ин чашмасорони зулол,
Хоки ниёкони азиз,беэътиноӣ то ба кай?
Эй оқилон, эй орифон, эй воизон, эй ворисон,
Азми ватандорӣ кунед, гандумнамоӣ то ба кай?
Рафтори нек, гуфтори нек, пиндори нек оини мост,
Эй асли ман, эй насли ман, бар худ наоӣ то ба кай?

* * *

Биё, бо ҳамдигар бошем,
Барои ҳам дигар бошем.
Даме болидаву нозем,
Ба некӯӣ бипардозем.
Ҳамин як лаҳза фирӯзем,
Чароғи дил барафрӯзем.
Хушиҳоро ба ҳам бинем,
Ва рӯи ғусса кам бинем.

Чӣ бошад умр, медонем,
Чаро побанди ҳиҷронем?
Чаро умре парешонем,
Пайи озурдани ҷонем?
Туро беҳтар зи ҳар коре
Раво бошад вафодорӣ.
Накӯбину ба ҳам зорем,
Азизонро наёзорем.
Тамаллуқро барандозем,
Ба ғайбат ҳам напардозем.
Талош аз баҳри ҳам некӯст,
Вагарна бехудӣ, эй дӯст.
Раҳо кун расми берангӣ,
Биҷӯ бо дил ҳамоҳангӣ.
Ҳасодат кори девон аст,
Адӯи амну имон аст.
Ҳимоят кун ятимонро,
Зиёрат кун заъифонро.
Биё, як ҷисму ҷон бошем,
Барои ҳам ҷаҳон бошем.
Биё, мо одамем охир,
Ба ҳукми як дамем охир!

## БО МАН НИШИН

Хуш омадӣ, эй марҳабо,
Бар дидаи ғамгини мо.
Эй сатри хуби сарнавишт
Бар қисмати рангини мо.

Садбарги шоҳиям хиҷил
Аз накҳати пайғоми хуш.
Фасли гулистон мерасад
Бар манзили ман бо сурӯш.

Гум мезанад дил бо ҳавас,
Бишкаста бодо ин қафас.

Биншин ба боғи хотирам,
Бехотирам аз хору хас.

Эй рашки ҷамъи ахтарон,
Дар хилвати озодагон.
Эй меҳрубонтар аз ҳама,
Бо ман нишин, бо ман бимон.

## МАСЪУЛИЯТ

Чароғи хомӯшии ман равшантар аз моҳ
Ҳарфҳо ахтарони дурахшони вожаҳо
Замини дафтарам ситораборон
Гуфтугӯи ман пурсадотар аз ғиреви дарёҳо.
Бо моҳиёни розу ниёзам дар жарфнои сукут.
Кабӯтарони орзу дар тоқҳои баланди сурур
Номаҳои навмедию саргардони маро
Ба боди фано мебаранд.
Эҳсоси будан, осудан дар бистари бедареғи тааҳҳуд,
Арғунуннавози лаҳзаҳои раҳоӣ аз асорати вуҷуд.
Садои хома мусиқии ҳастии маро менавозад,
Беҳтар аз садои боварам, ки мегӯяд дуруд:
Дар миёни чор девори фаромӯшӣ набояд мурд,
Лаҳзаро бояд дарёфт ва шабро ба саҳар бояд бурд.
Шохаи шамъи умед баски фурӯзони фар аст,
Ба тамошои гули шому саҳар бояд бурд.
Шоирӣ мисли чароғ аст, ба фардои накӯ
Дар гулистони ҳавас рози туро меҷӯянд.
Ҳарфҳо рӯи варақҳои парешону хамӯш
Шояд аз ҳолу малоли ту сухан мегӯянд.
Дунё ба умед, баски навмедӣ балоест бузург
Рӯ ба рӯ бо ту Худоест бузург…
Рӯҳро бо қалами дард набояд афсурд.

* * *

Дар хонаи танги хеш дунёи дигар дорам,
Дар хилвати хомӯшам ғавғои дигар дорам.

Дар бистари нарми гул шабнам чӣ сафо дорад?
Дар бистари сангинам савдои дигар дорам.

Дар маҳбаси танҳоӣ дилгиру нафасгирам,
Дар олами танҳоям танҳои дигар дорам.

Дар косаи тадбирам оби ҳавасу сабр аст,
Дар кӯзаи таскинам савғои дигар дорам.

Аз лолии лолоӣ гаҳвораи дил холӣ,
Дар буғзи ниҳони худ маънои дигар дорам.

Ман ташнаи хуршедам, дар кишвари уммедам,
Шодобтар аз дарё дарёи дигар дорам.

Дар ҷамъияти махдум аз Меҳр нишоне нест,
Дар анҷумани мардум ман ҷои дигар дорам.

## ЯК БАРГИ НИЁЗ

Набзи ту бо набзи ҷонам ошност,
Ошное ҳамчу ту ҷонам, куҷост?
Меравад умру намеорад навид,
Бас умедам рафтаву рӯ бар фаност.

Рӯзгоре тираву оби равон,
Дил зи берангӣ ба ҳайрат мубталост.
Чор фасли сол менолад дилам,
Дар ҷаҳонаш гӯиё маҳшар ба пост.

Кош, розам бо ниёзе во шавад,
Во шавад ҳар мушкил аз мо, ки ба мост,
Боли парвозам кушояд муждае,
Бишканад сармо, ки ҷонамро бикост.

Бишкуфад чун ёсаминҳои фараҳ
Дар замини хотире, ки муддаост.
Рӯзи мавлуди умедам мерасад
Он замоне, ки бигӯӣ: – Ӯ куҷост?!

## РОЗ БО АХТАРОН

Ситораҳо, ситораҳо,
Чӣ ошиқона кӯятон.
Чароғи равшани шабам
Зуҳури рӯбарӯятон.

Ба саҳнаи сиёҳи шаб
Шарораи шумо чӣ хуш?!
Ба чашми орӣ аз ғанаб
Назораи шумо чӣ хуш?!

Ниҳони бебаёнатон
Кушуда чашми ҳайратам.
Зи сӯзи ҷовидонатон
Физуда ҷӯши ғайратам.

Зи шӯълаи нигоҳатон
Нигоҳи хаста равшан аст.
Ба Роҳи Каҳкашонатон
Маро ҳавои рафтан аст.

Нигоҳи интизори ман
Тамоми шаб ба сӯятон.
Ба гӯши ман ҳамерасад
Насими гуфтугӯятон.

Ба ин замини нозанин
Чу ошиқона бингаред.
Дили маро ба сӯи худ
Ҳамеша, то абад баред.

Чароғи дидае агар
Ба шоми ман намерасад,
Ишораи навидатон
Ба субҳи тоза мерасад.

## ДИЛТАНГӢ

Дар осмон чӣ мекунед,
Ситораҳо, ситораҳо?!
Суроғи ман намекунед,
Сияҳ дилам зи шаб, чаро?!

Чаро сарои хастагӣ
Даме забун намешавад,
Ғамони уқдабастаам
Зи тан бурун намешавад?

Сиришки дона-донаам
Ҳамечакад ба рӯи хок.
Намевазад насими ишқ
Ба кӯи синаҳои чок.

Ба ҳар баҳона мепаранд
Кабӯтарон зи боми ман.

Намерасад ба лаҳзае
Навидаке ба номи ман.

Ситораҳо, ситораҳо,
Фидои чашмаки шумо.
Маро зи ғам раҳо кунед
Ба фанду бо фасонаҳо.

Дилам гирифтаву ғамин
Дар ин шабони нуқрагин.
Ситораҳо, маро баред
Ба боғи атру ёсамин.

## ГУЛИ АШК

Рафтӣ, азизо, аз барам,
Ҳамвора ёдат бар сарам.
Аз ашки ман гул мекунад
Ҳарфу ҳиҷои дафтарам.

Ман розу армони дилам
Бо кӣ бигӯям баъд аз ин?
Ҳам атри домони туро
Бӯям зи чӣ, эй нозанин?

Бо нози ту, овози ту
Гум мезанад ҷону дилам.
Ёдат чу орам, модаро,
Осон кӣ созад мушкилам?

Эй дарду эй дармони ман,
Парвардгори ҷони ман.
Бе ту ғуборолуда аст
Оинаи чашмони ман.

Эй ҷони ҷонам, модарам,
Ширинзабонам, модарам.
Баъди ту, эй тобу тавон,
Ман нотавонам, модарам.

## ХАЙРБОД

Меравӣ? Роҳи фироқи ту сафед!
Ману танҳоиву дунё ба умед.
Нигарони ту нишинам, ки басе
Рафт хуршеду дигарбора дамид.

Ҳар гаҳе хост дилат, боз биё,
Боз бар рӯи ту ин дидаву дар.

Боз хоҳам, ки сафо овариям
Чу насиме ба нафасҳои саҳар.

Бо тавоне, ки бубахшӣ ба дилам,
Бикушоӣ пари парвози маро.
Бо садое, ки маро месозад,
Ту наво бахшӣ ҳама сози маро.

Ман туро мисли нафас мехоҳам,
Эй таманнои ману мӯниси ҷон.
Ту Масеҳию ба боз омаданат
Нигаронам, нигаронам, нигарон.

## ДИЛИ МАН КОСАИ ОБ

Дили ман косаи об,
Дидаам чашмаи нур.
Нафасам накҳати ёс,
Хотирам чинии нозук, ки ба як панҷа
задан мешиканад.

Рӯҳам озодаву вораста зи банд,
Рӯзгорест, ба ишқу ҳавасе менозад.
Аз садое, ки варо бесару бепо хонад,
Сабру ороми диламро ба Худо мебозад.
Оламе месозад,
Ки ба тасвиру баёнаш ба ҳама
хушҳунарӣ беҳунарам.
Он қадар содиқу бомеҳру вафо,
Он қадар аз ману манҳои дилам дуру ҷудо.

Ташнае ку, ки барояш дили худ ҳадя барам?!
Ошиқи нур надидам сари роҳ.
На ҳаводори ҳавову ҳавасе,
На яке ҳамнафасе.

Тору пудам ҳама ишқ,
Дар суҷудам ҳама меҳр.
Меравам то лаби ҷӯ,
Мебарам саҷда ба ӯ,
То ки чашми дили дилдода маро боз шавад,
Зиндагӣ бо нафаси гарми ту оғоз шавад.

## САВДОИ МУШКИЛ

Хушо бар ҳоли инсоне,
Ки мепурсад зи кӯдакҳо
Чӣ мехоҳӣ?
Ва лабханди садоқатро, саховатро
Ба хушҳолӣ, ба хушфолӣ
Ба мардум ҳадя меорад.
Намепурсад канизашро:
Куҷо рафтӣ, куҷо будӣ?
Либоси кӯҳнаро бо нони хушку пӯпанакбаста
Куҷо кардӣ, куҷо бурдӣ?
Ба фикри чиз ҳаргиз нест,
Оҷиз нест.
Чунон фарде, ки пеши зиндагиву марг
Ба мисли кӯҳ яксон аст,
Инсон аст.
Бари хеш эътимодаш ҳаст,
Ба одам эътиқодаш ҳаст.
Шарифу ҳам хирадманд ӯ,
Зи буди хеш хурсанд ӯ.
Вале афсӯс, ин сон кас куҷо ояд,
Магар модар яли дигар намезояд?
Дар айёме, ки хубонро харанду дар гарав монанд,
Мақому манзалат дар ҳукми, “ аз кӣ беш ?”
Медонанд.
Дарафтанд аз сари ҳирсу тамаъ дар рӯи як луқма,
Ба мисли лошахоронанд.
Шикамҳо бардамида, чашмҳо аз хонаҳо ҷаста,
Зи чарбу равғани бисёр гарданҳо дарун рафта.

Накӯкорӣ забун рафта.
Ҳақиқат сарнагун рафта.
Азизон хор, адибон хор,
Сухан бо шеър нодаркор.
Замона сахт каҷрафтор,
Мурувватро,
Муҳаббатро,
Садоқатро
Разолат мекашад бар дор.

Замони чархи девон аст,
Мақоми рақси шайтон аст,
Вале пайдои як инсони комил худ
Чӣ мушкил? Ғайри имкон аст.

## ОРЗУ

Ман аз тиреза менигарам
Ба ҳавз, ба об, ба роҳ.
Ба роҳ, ки чашми маро мебарад
Ба дарахт, ба чароғ, ба моҳ.
Ба баргҳои зард, сурх, кабуд,
Ки ҳама омада бар хок фуруд.
Ба шохаҳои хушку урёни дарахтони ғамангез,
Ба хазонрез дуруд.
Садои ҳавопаймо сукути шабро мешиканад,
Ва чароғакҳои он ба ситораҳо меафзоянд.
Ман ба эъҷози парвоз меандешам,
Ба танҳоӣ, ба раҳоӣ, ба оғоз меандешам.
Ман ба ситораҳои дурахшони фалак,
Ба ҳадиси нолаи найнавоз меандешам:
«Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад».[1]
Ҳавасам обитар аз оби равон
Меравам то остон,

[1] Аз Мавлавӣ

Мефитам дар остон, ку парам то осмон?
Бо алам мемӯям,
Кош, эй кош, маро қудрати парвоз будӣ,
Дили ман рӯ ба худу сӯи Худо боз будӣ,
Ки зи танҳоӣ дар ин хонаи танг,
Соири анҷумани дӯғу даранг,
Олами холӣ аз огоҳиву ранг
Сари ман мечархад,
Дили ман метаркад.

## АРЗИ ВУҶУД

Аз ман, эй бод, ба Наврӯз дуруд,
Бо садои дафу доираву уд.
Навбаҳор омадаву меболад
Дили танҳои ман аз арзи вуҷуд.
Гули нашкуфта чӣ дорад ба ниҳон,
Булбулонро ҳама савтеву суруд?
Лаби ҳар ғунча ба оҳанги сабо,
Моили мужда ба паҳнои кабуд.
Ман аз ин боғ нахоҳам рафтан,
Магар ояд гули борон ба суҷуд.
Шукри борони баҳору маҳу меҳр,
Ки пас аз будани мо хоҳад буд.
Эй хуш, он анҷумани қоили ишқ,
Фасли ишқ омада бо рӯзию суд.
Кош, эй кош, бихонад розам,
Чашми гӯётар аз ин буду набуд.
Ҳолиё дар қадами сабзаву гул
Омадам, то ки бисӯзонам уд.

## ПЕША

Ман охир шоирам,
Бо як калому лутфу лабханде
Ҳаметвонам, ки хушбахти ҷаҳон бошам,
Канори ахтарон бошам,
Ҷаҳон бошам, ҷавон бошам.

Ғазал гӯям, ғазал хонам,
Ки шеъри ҷовидон бошам,
Забонро пуштбон бошам.
Вале ҳайҳот бо қавми дағалбозу дилозорам,
Набитвонам, ки он бошам,
Ҳалиму меҳрубон бошам.
Малеҳу нуктадон бошам,
Чунин ҳам пончунон бошам.
Дилозорон намедонанд,
Ё дониста мехоҳанд, ман барги хазон бошам.
Ба ҳукми заъфарон бошам,
Асири ину он бошам,
Ҳақиру нотавон бошам.
Ало, эй ишқ, эй парвардгори ман,
Ту медониву медонам,
Ки ман бояд чӣ сон бошам?!
Набинам бар хасу хошок, дарёи равон бошам.
Замон бошам, амон бошам.
Барои одамон ОДАМ.
Ва бо ҳарфи калон бошам.

## МАРО БУБАХШ

Ҳабиби ман,
Барои лолӣ дар баробари садои ту,
Бад-ин хамӯшӣ дар муқобили вафои ту,
Ба ин сукути пурсадотар аз сурур
Ҳамеша лаб бубастанам барои ту
Маро бубахш.
Мабар гумон, ки рафтаӣ зи ёди ман,
Ман аз ҳавои ту ҳамекашам нафас,
Чу мурғи хонапарвари шикастабол,
Маро нишонда рози ту дар ин қафас.
Ба поси рози ҷовидона дар ниҳон,
Ба нахли сози пурбаҳору бехазон.
Ба хотири ту мурда-мурда зистанам,
Ба лутфи бениёзи ту нуҳуфта ҷон
Маро бубахш.

Дар ин замони пурдурӯғу бефурӯғ,
Ҳақиқати туро, ба чӣ касе аён кунам?
Ба ин гурӯҳи бехабар зи нақди ишқ,
Садоқати туро, азиз
Чӣ сону чун баён кунам?
Ба чӣ касе, ки мисли ту бувад анис,
Варақ-варақ китоби сарнавиштро
Зи ишқи нотамому номуродиҳо
Бихонаму раҳо шавам аз ин ситам.
Ки муддатест мефишорад
Ин дили фишурдаро ба сад алам.
Ба поси ишқ,
Ба поси ишқи бедалелу бефано,
Ба поси ному номаҳои дар дилам гирифта ҷо,
Ба поси он гузаштаҳо,
Гузаштаҳои пурғанову ин дами пур аз ҷазо
Маро бубахш!

* * *

Сарвро тӯфони ноҳангом боло бишканад,
Шишаи дилро ғубори ҳарфи ноҷо бишканад.
Эътибори мо ба олам ҷуз ҳубобе беш нест,
Хас агар пахлӯ бигардад, қимати мо бишканад.
Косаи сабру таҳаммул лоҷарам лабрез шуд,
То зи мижгон қатрае афтод, мино бишканад.
Ҳамнишинӣ бо сукути норасо заҷри дил аст,
Ҳарзаи хомӯши навмедӣ мудоро бишканад.
Гулшанамро нест равнақ аз ҳисоби обрӯ,
Хотами ориятамро санги хоро бишканад.
Ғофил аз найранг бикшодам пару боли умед,
Санги бемеҳрон зи ҳар сӯ хотири мо бишканад.
Нест нойе, то навозад захми дилҳои кабоб,
Бесадоӣ рафта-рафта қалби доно бишканад.
Хор шав, Меҳринисо, то хории худ нангарӣ,
Офиятро нафси саркаш, бемуҳобо, бишканад.

## БАРГАК

Барг сабз аст ба орои дарахт,
Аз баҳоре ба хазон ғарқи ҳавас.
Бас зарифона кашад боли фирор
Аз сари шох ба оғӯши абас.

Эй аҷаб, бо ҳама зебоиву ранг
Зери по гаштаву помол шавад.
Тӯъмаи оташу хокистару бод,
Тӯшаи гову хару мол шавад.

Ман ҳамон баргаки уфтода ба роҳ,
Оҳ, агар лутф кунад хушназаре,
Байни авроқи хаёли хуши худ
Барниҳад то ба баҳори дигаре.

## ЭЙ ТУ, ҲАМЕША...

Аз ту ҳикоят мекунам,
Аз ту шикоят мекунам.
Гоҳе маломат мекунам,
Гоҳе ҳимоят мекунам.

Эй ту, ҳамеша равшанӣ,
Эй хуби хуб, эй ҷовидон.
Дунё агар ёдат кунад,
Дунёи ман, бо ман бимон.

Бо ман бимон, бо ман бихон
Афсонаи дилдодагон.
Шабҳои бемаҳтоб рафт
Доманкашон аз бекарон.

Эй ибтидои буданам,
Оғози лаб бикшуданам.

Эй авҷ, дар парвози нур,
Эй мавҷи дарёи сурур.

Эй, аз ману аз ман ҷудо,
Бишнав маро баҳри Худо.
Бе ту надорад интиҳо
Ин моҷаро, ин муддао.

## ФАРЁДИ НИҲОН

Завраќи фикри маро баҳру бару обе нест,
Чун Арал хушк шуда чашмаи меҳронаи меҳр.
Аз чаманзори сукутам алами ёд гузашт,
Чашми ман сӯи парешонию фонуси сипеҳр.

Хонаам анҷумани шӯру мағалҳои дағал,
Хуш ба ҳолам, ки дигар нест таманнои амал.
Ҳосили ман ҳама лабхандаи сабр асту сукут
Сӯи ин маҳбасу ёрони ба ғафлат зи ҷадал.

Дар дилам ҳиқ-ҳиқи як мисраяке бояд гуфт,
Дар лабам шабнами орияти шукру адаб аст.
Орзуям: ба тамошои сафар бояд рафт,
Чашми ман фотиҳахони сари хони тараб аст.

Кӯчаи хотира гулбезу сароғози сароб,
Нақши пои ситаму ҷавр дар ин ҷо абадист.
Панди рӯзам, ки: аз ин хонаи дилгир гурез,
Дур аз шабнаму борон, ки намебояд зист!

Пушти дарвоза агар нест калиде ба ниёз,
Пари парвози кабӯтар ба кирои сабақ аст.
Абрҳо раҳгузару даргузару боронанд,
Сайр дар бодия идроки худу роҳи ҳақ аст.

Пушти дарвоза ҳавои дигари оғоз аст,
Суфраи сабза ба эҳсони Худоӣ боз аст.
Роҳ то манзили дилхоҳ ба андозаи меҳр,
Зиндагӣ тантанаи лаҳзаи пурэъҷоз аст.

## ОРИФ

Аз бухлу аз ҳасад,
Аз баҳси неку бад.
Аз шикваи абад
Ориф муназзаҳ аст.

Аз кинаварзҳо,
Аз макру аз риё,
Аз ҳарфи безиё
Ориф муназзаҳ аст.

Аз дӯғу арбада,
Аз шӯри майкада,
Аз танзи ғамзада
Ориф муназзаҳ аст.

Аз худнамоие,
Ноошноие,
Нокасситоие
Ориф муназзаҳ аст.

Аз ҷаҳлу аз ситез,
Гуфтори фитнахез,
Алфози тунду тез
Ориф муназзаҳ аст.

## ПАНД

Дар ин дунёи сармад аз ману ту
Фақат некӣ бимонад ёдгорӣ.
Магӯ дунё ду-се рӯзи тамом аст,
Намеарзад ба арҷу дӯстдорӣ.

* * *

Ҷадал бинмову илму дониш андӯз,
Амал бинмову шамъи дил барафрӯз.
Амонат ҷони дар танро амон деҳ
Ба шукри неъмату сабри ҳасадсӯз.

* * *

Ғанимат ҳар нафас то бошӣ шодоб,
Ҳамин як лаҳзаро бо шодӣ дарёб.
Нишони хусну маънӣ дар ҳама ҳаст,
Ҳувайдо гар ту меҷуӣ ба одоб.

## ЯЛДО

Шаби торику зулмонӣ,
Ҳаво абриву боронӣ.
Даруни хонаи тангам
Зи танҳоӣ ту мехонӣ.

Ту мехониву мешӯяд
Сиришки лолагун рӯям.
Дилам аз буғз метаркад,
Шикаста чини абрӯям.

Наво садбарги розамро
Варақгардон ҳамесозад.
Хазонрези ниёзамро
Ба нозе бурда мебозад.

## ДИЛИ ИНТИЗОР

Гар ба ёди ту нола сар кунам,
Ҳар куҷо диле, дар ба дар кунам.
Эй фидои ту ҷони дар бадан,
Бе ту умри худ чун сипар кунам?

Эй баҳори ман, шаҳсавори ман,
Бо тараб биё то канори ман.
Мешавад хазон аз фироқи ту
Ғунчаи дили интизори ман.

Бе ту кай расад фасли дилбарӣ,
Бар диёри гарми суханварӣ.
Нолаи дили танги ман шунав,
То маро зи худ сӯи худ барӣ.

Ҳар куҷо равам, ёди ту бар сар,
Ҳар нафас маро ҷони дар хатар.
Панҷа мезанад нола бар танам,
Ё биё ба ҷон, ё маро бубар.

## ҲОЛ

Намедонам куҷо монам сари худ,
Ба кӣ пӯшида, бикшоям дари худ.
Ҳавои хона дилгирам намуда,
Нафасгирам, намеёбам фари худ.

Ман аз ёди азизон рафтаам дур,
Ба худ печам чӣ танҳоеву ранҷур.
Миёни мадду ҷазри чархи гардун
Ҷигархунам, ҷигархунам, ҷигархун.

Намеояд ғубори сина берун
Ба сад раҳ оҳ гуфтанҳои афзун.
Чанори дарди дилро реша дар об,
Ба ҳар як лаҳза мегардам дигаргун.

## МАН ҲАМ ФАРИШТА НЕ

Ман ҳам чу дигарон
Ғам дораму сурур.
Ман ҳам чу ахтарон
Пинҳонаму зуҳур.

Ман ҳам чу дигарон
Дар поси зиндагӣ
Метарсам аз Худо,
Аз ҷаҳлу бандагӣ.

Шабҳо ба гӯши ҷон
Мехонам ин суруд:
«Бар қосидони субҳ
Аз шоми ман дуруд».

Ман душмани нифоқ,
Ман ҷуфти иттифоқ.
Нозам ба ақлу меҳр
Бо майлу иштиёқ.

Гаҳ абри навбаҳор,
Гаҳ сели оташам.
Гоҳе чу кӯҳи сабр,
Гоҳе мушавашшам.

Ман ҳам чу одамон
Дил дораму ҳавас.
Бо корвони умр
Сад оҳи бечарас.

Фархундаи фарам,
Мурғи самандарам.
Аз кина даргурез,
Аз фитна кайфарам.

Гаҳ шодаму ғамин,
Гаҳ сайдаму камин.
Ҳирсу ҳасад набуд
Бо ҷони ман қарин.

Ман чашмаи гувоҳ,
Ман хастаи гуноҳ.
Ман ҳам фаришта не -
Бе айбу иштибоҳ.

## МУНГА

Додари ҷон! Ман кунун хеле бузургам,
Дар ҳисоби моҳу сол,
Дар мақоми қилу қол,
Бо тапиданҳои қалби носабуру реш-реш,
Бо танини захмаҳои рӯзгорони пареш.
Бо ғами ту, мотами ту
Беқарориҳои ҷону рӯҳи саргардони хеш
Умри ман хеле гузашту шодиҳоям барнагашт.
Ёди ту оинаи рӯи ба рӯи хотирам
Чашми бемори маро месӯзаду нам мекунад.
Шодиҳоям дар балои ҳолати маҳзуни ман
Аз дилу парвардгори хуби худ рам мекунад.
Ту ба ман мегуфтӣ: «Ҳафткӯл олами афсона дорад,
Шавкати боду ҳавояш нашъаи риндона дорад.
Ранг-ранги кӯли Марҷон бебадал монанди Жанг,
Мавҷ-мавҷи обҳояш гавҳару дурдона дорад».
Аз ту, эй сайёҳи Ҳиҷрон,
Марғзору Хурдаки он.
Ҳамнишини кӯли Мижгон
Ҳамрадифи қуллаи Фон
Қисса гуфтан менадонам,
Додари ҷон.
Қуллаҳо чун ханҷаре, ки мехалад бар устухонам,
Чашмаҳо ашки равонам.

Номи сайёҳон шунуфтан менадонам,
Нақши поятро ман аз шебу фарози
Рашна ҷустан менадонам,
Дар буни санги мазори ту шукуфтан менадонам,
То мақоми ту расидан менадонам, додари ҷон.
Баъди ту равшан наметобад чароғи хонаам,
Тавба мегӯям, ки ояд файз бар кошонаам.
Ҳар нафас сад шукр мегӯям, ки ношукрӣ балост,
Гиря меояд маро аз шукру аз шукронаам.
Одамӣ аз ғам намемирад бигуфтӣ модарам,
Аз ғами ту ман намурдам, додарам.
Модарам рафту нарафтам ҳамраҳаш,
Гарчи хеле ғусса хӯрдам, додарам…
Дар баҳорон ғунчаҳоро бӯй кардам,
Бурда аз хотир ғаматро шона бар гесӯй кардам.
Бар хушиҳо рӯй кардам,
Орзуи тӯй кардам.

* * *

Зиндагӣ сад ҷома дорад, додарам,
Шодию ғамнома дорад, додарам.
Дарди мо, афсӯси мо ҳамсони абр,
Ҳанг не, ҳангома дорад, додарам.

Шаҳр холӣ, хона холӣ, додарам,
Ту нагӯӣ дар чӣ ҳолӣ, хоҳарам?
Бо алам, бо дард, бо чашми тарам
Меравам аз хонаи ту, додарам.

Бе ту дар ҷоҳу ҷалолат ман ғариб,
Тӯйи фарзанди туву ҳолам аҷиб.
Бо тани бемору бо марги қариб
Меравам аз хонаи ту, додарам.

Духтаратро дида, гирём мешавам,
Дар алови ранҷ бирён мешавам.
Бе ту ман бар хок яксон мешавам,
Меравам аз хонаи ту, додарам.

Бе ту холӣ хонаву ҷои падар,
Ту чаро кардӣ зи мо қатъи назар?
Бо хумори ношикаста, мушти пар
Меравам аз хонаи ту, додарам.

Меравам, афсонаи ту бар сарам,
Медиҳад санги мазорат кайфарам.
Бо дареғу бовари нобоварам
Меравам аз хонаи ту, додарам.

Ман, ки дури дурам аз хоки диёр,
Аз канори хоҳару хешу табор.
Бо ғами ногуфта, ашки шашқатор
Меравам аз хонаи ту, додарам.

* * *

Беҳтар аз ишқи ту дилро ҳадяву инъом нест,
Беҳтар аз номи ту дар паҳлӯи номам ном нест.
Ман суханро пухта мегӯям ба ин хомии худ,
Дар гудози оташи дил пухтаеро хом нест.
Домани сабзи садоқатро накардам ман раҳо,
Мазҳаби моро раҳоӣ аз худу илҳом нест.
Гӯ ба қумрӣ дар раҳи савдои фақру имтиёз,
Орифонро тарсу бими донарезу дом нест.
Хислату хосияти боли ҳумо афсона шуд,
Бе ҷадал дар кӯи маънӣ ангубину ҷом нест.
Тавбаро мӯҳри таваккул бояду азму субот,
Нӯшдоруе ба ҷуз ин дурди хушошом нест.
Рав ба базми обшорони канори сахраҳо,
Дар суруру сабри хоро ғуссаи айём нест.
Боли парвози уқобон орзуи ҳар касест,
Шаҳпари идроки моро орзуи бом нест.
Дар китоби сарнавишту водии сабру сукут
Эй хушо, Меҳринисоро бомдоду шом нест.

## МАВРУС

Хушо, аҳли ҳунар бо сарфарозӣ
Дили худро фано карданду рафтанд.
Тамаъро кушта-кушта бо таҷаллӣ,
Таҳаммулро ризо карданду рафтанд.
Набурда даст пеши косаи ҳирс,
Ба ҳайрат иктифо карданду рафтанд.
Вуҷуди хешро мисли ҳумо бас
Ба огоҳӣ расо карданду рафтанд.
Ба савти саъйи худ рақсида чанде,
Таманнои сафо карданду рафтанд.
Талабро аз ҳасад боло ниҳода,
Чи ишратҳо ба по карданду рафтанд.
Ба ишқу маърифат оганда танро,
Саодатро асо карданду рафтанд.
Даруни кулбаи мушкину равшан
Ғанимат аз дуо карданду рафтанд.
Дили хоро ба даст оварда, моро
Ба олам ошно карданду рафтанд.
Барои нусрати имрӯзу фардо
Ба қурби худ вафо карданду рафтанд.
Ба нури дидаву гуфтори некӯ
Ҳақиқатро ливо карданду рафтанд.
Ба дастури қаноат ҷони худро
Ба халқи худ фидо карданду рафтанд.
Китоби ибрату оинадорӣ
Насиби ту, нидо карданду рафтанд.
Ҳама панду ҳама қанду ҳама ганҷ
Бино аз ҳадяҳо карданду рафтанд.
Магӯ, Меҳринисо, дар ҷодаи ишқ
Туро бемутакко карданду рафтанд.

* * *

Кош мемондӣ, ки ишқам дар дилат ҷо мегирифт,
Нури меҳрам дар ду чашмони ту маъво мегирифт.

Кош медидӣ шафақҳои тарабро дар дилам,
То туро уммеди гулгунии фардо мегирифт.

Кош мехондӣ ту аз тарҳи нигоҳе рози ман,
Ҷои сад андешаро як ҳарфи гӯё мегирифт.

Кош мегаштӣ аниси орзуҳои дилам,
То туро оғӯш боре қасри рӯъё мегирифт.

Кош медидӣ миёни дидагонат акси ман,
То туро як лаҳзае шавқи тамошо мегирифт.

Кош мерафтӣ ту аз гулхона бо атри видоъ,
Ҷои гулҳои таваллоро таманно мегирифт.

Кош мебурдӣ маро то сарҳади зебои сабр,
Рӯҳи саргардони ман дарси шикебо мегирифт.

Кош мегуфтӣ, марав, Меҳринисо, сӯи ҳавас,
Ин дили оворагардам дар қафас ҷо мегирифт.

## ЭЪТИРОФ

Ман дар ин дунёи мамлӯ аз ҳарос
Нестам аз банди танҳоӣ халос.
Ҳар касе дорад гуноҳеву паноҳ,
Ошкоро ҳарчи дорам ман гуноҳ.
Хонашини гӯшаи бедориям,
Доначини хирмани ҳушёриям.
Бад намегӯям бадонро бо ғазаб,
Бадгумонӣ нест аз рӯи адаб.
Ҳар чӣ мегӯям, садои ин дил аст,
То напиндорӣ, ки ҳарфи ботил аст.

Бо низоми сабру тамкин созишам,
Иффату имону ибрат хоҳишам.
Хокам аз хокистари зардуштиён,
Дорам аз мероси аҷдодӣ нишон.
Дар вуҷудам зарра-зарра офият,
Дар суҷудам ояҳои орият.
Дар мақоми хоксорӣ арши ман,
Бениёзӣ зебу зинатбахши ман.
Мисли гул хандонам, аммо дарди дил
Мебарад нозам ба савдои хиҷил.
Дӯстонро дӯст медорам ҳамеш,
Устуворам дар раҳи паймони хеш.
Оҳи ногоҳи маро донад қалам,
Баски дорад мисли ошиқ чашми нам.
Не тамаллуқ, не хушомад кори ман,
Не ба ғайбат меравад ахбори ман.
Мегурезам аз нигоҳи ҷоҳилон,
Н-ошноям бо гурӯҳи коҳилон.
Дӯст медорам Худоро бо расул,
Менавозам ҷону дилро бо усул.
Водии фақру қаноат масканам,
Ҷомаи арҷу садоқат дар танам.
Мар зи дунёи иродатҳо маро
Имтиёзу хуррамиҳои саро.
Ин бувад Меҳринисоро сарнавишт,
Варна кай ин шеърҳоро менавишт?

* * *

Ин ёри ман, ағёри ман ёд аз вафо кай мекунад?
Бо дард хоҳад куштанам, шарми ҷафо кай мекунад?
Бо сад қасам гӯям, бирав аз хонаи чашму дилам,
Чашме ба сӯи ин дили девона во кай мекунад?
Ҳамчун ниёзам меравад, аз кӯи нозам меравад,
Аз ман куҷо, аз хештан боре ҳаё кай мекунад?
Сабру тавонам мебарад, то Каҳкашонам мебарад,
Чун лӯлиёни дар ба дар дастам раҳо кай мекунад?

Сӯи азизон мебарад, нози рақибон мехарад,
Ҳайрон, ки парвои «чаро» бемоҷаро кай мекунад?
Гӯям, ки бингар як замон, дил меканам аз ду ҷаҳон,
Гӯяд, ки ин Меҳринисо рӯ бар Худо кай мекунад?

* * *

Бихоҳӣ ё нахоҳӣ ҳам, даме дигар намешавам,
Барои аз ту буданам зи худ бадар намешавам.
Нишони нотавонӣ нест сари хамидаам чу гул,
Ҳиҷоби шарм нозук асту пардадар намешавам.
Ба як нигоҳи ҷоҳилон, ки оқиланд пеши худ,
Ба лаҳзае кушодарӯю дидавар намешавам.
Ба ҳар дари кушодае намекашад чу пои ман,
Барои эҳтиёҷ хам ба пои шар намешавам.
Барои лаҳзаи хушӣ ба гирди хони ғамкушӣ
Нишаста, аз шароби фитна баҳравар намешавам.
Барои ин ҳарири дил, ки бебаҳост, бебаҳо,
Ба ҳар кӣ шуд баробарам, бари ба бар намешавам.
Танаффусест зиндагӣ барои худшиносиям,
Ба ҳар шиноси носипос ҳамсафар намешавам.

## ЭЪТИБОРИ ЗАН

Аз таманнои хушиҳоям хиҷил,
Фасли поиз асту боғи салсабил.
Ман ҳамон меҳрам, ки бечуну чаро
Медиҳам бар ҳарфи зебои ту дил.

Эй басо, ки хок гаштам, хоки роҳ,
Дар нигоҳи сарди афроди гуноҳ.
Эй басо, ман хор гаштам, хори оҳ,
Дар миёни шӯразорон бепаноҳ.

Дар мақоми фанду ғавғои касиф
Бемақомам чун ҳама ҷинси латиф.
Бо сукуту шарму сабру ҳам гуноҳ
Эътибори зан биёмад ҳамрадиф.

Пой дар гил дораму гилкори ман
Менамояд ҳафт дар боғи биҳишт.
Не тавони роҳ рафтан бедареғ,
Не навиде дар китоби сарнавишт.

Эй вуҷуди хаста аз дору мадор,
Кишвари рангини дилро дӯст дор.
Он қадар шӯридасомонӣ чу абр,
Бар гули хушкидаи нозам бибор!

Рафт аз дасти ману сомони ман
Тӯтию қумриву симурғи хаёл,
Кӯ ба кӯ мегардам аз пушти умед,
То биёбам қуллае беқилу қол.

## ТАЛАБ

Талаб кардам, ки дар ишқам фано кун,
Ба нури маърифат номам ливо кун.
Ба роҳи ваҳдату ҳиммат равонам,
Маро озодаи факру фано кун.

Ба сӯи худшиносӣ раҳсипорам,
Надорам тӯшае ҷуз ишқу матлаб.
Зи ҳирсу тарс ориям, Худоё,
Маро омӯхт устодӣ дили шаб.

Зи худхоҳии ғаммозони берӯ,
Амино, имтиёзи дигарам бахш!
Сахову хайру сабри орифонро
Зи баҳри беканори боварам бахш!

## ГУМШУДА

Он чӣ меҷӯям, намеёбам, ки чист,
Он кӣ мехоҳам, намедонам, ки кист.
Ҷустуҷӯро не сару не зеру бам,
То ба кай ин гуна мебоист зист?

Дар мақоми қурбу ҳолу эътиқод
Дил ба уммеди раҳоӣ интизор.
Шӯълаи уммеди фардо дар куҷост,
То раҳи дилро намояд нурбор ?

Ман дар ин вайронаи дилгиру сард
Рафтаам аз хешу шӯрам дар набард.
Одаму олам фаромӯши қадар
Дар талоши симу лаълу лоҷвард.

Ганҷи ман аз ранҷи беҳамтои ӯст,
Ранҷи ман аз ганҷи дунё ҳам накӯст.
Хилвату хилватнишинӣ чора нест,
Ваҳдате бо ҷони ҷонам орзуст.

Дар парешонӣ намеёбам ширеш,
То бипайвандам ба танҳоии хеш.
Бигзарам аз баҳри нопайдои ишқ,
Бишканам паймони шайдоии хеш.

Гавҳари уфтода аз чашми тарам
Рӯи гулбарги тасаллои вуҷуд.
Соили фарёди бархезу биё,
Сокини дуроҳаи буду набуд.

Умри одам лаҳзаи андӯҳ нест,
Боду барқу абру борон асту бас.
Бо таваллову тасаллою талаб
Толиби як лаҳза эҳсон асту бас.

## ТАНҲО МАНУ ТУ

Танҳо ману ту,
Танҳо шаби дил.
Танҳо марав ту,
Танҳо чӣ мушкил.

Бас роҳи душвор
Роҳи раҳоӣ.
Аз маҳбаси ҷон
То бенавоӣ.

Ай найнавозо,
Бо нағма боз о,
Танг аст қалбам
Дар мавҷи рӯъё.

Дидам, надидам
Амвоҷи дарё.
Шуд қатра-қатра
Абри таманно.

Симурғи толеъ
Мурғи хаёлам.
Истораи бахт
Ҳоли муҳолам.

Тори гусаста
Абрешими дил.
Ибрози розам
Бо ту чӣ мушкил.

Танҳо салоям,
Танҳо чароям?
Бе ту чӣ холӣ
Дунё бароям.

## РОҲИ ФИРОР

Ба Худо хаста шудам, сабру қарорам ба куҷо,
Хафа дар хона шудам роҳи фирорам ба куҷо?
Навбаҳоре ба дами боди сабо менозад,
Медамад сабзаву уммеди баҳорам ба куҷо?
Рӯ ба меҳроби Ватан саҷда намоям ба сухан,
Ба сад уммед, вале ҳавсаладорам ба куҷо?
Маърифат пораи нуре ба дилам медонам,
Чашми ман ахтари гӯёву мадорам ба куҷо?
Одамӣ бе ҳавасу ҳавсала безори худ аст,
Эй мабодо, ки чунин бод! Мазорам ба куҷо?
Шарти инсоф надонисту надонад золим,
Як сабад атри ниёзам ба кӣ борам, ба куҷо?
Меравам аз дили санги ту ба як лаҳза бурун,
Менадонам, ба Худо, охири корам ба куҷо.
Меҳр дар хонаи зулмат нанишинад ба мақом,
Бадар ояд ба таҷаллӣ, ки виқорам ба куҷо?

* * *

Дилам саргаштаи кӯи ту бошад,
Умедам дидани рӯи ту бошад.
Нигоҳам чун парастуи муҳоҷир,
Ба ҳар ҷо меравам, сӯи ту бошад.
Намеоӣ суроғам бебаҳона,
Хаёлам ёди дилҷӯи ту бошад.
Намемирам зи танҳоӣ, азизам,
Агар ҷонам ба паҳлӯи ту бошад.
Нарезам қатраи ашкам ба дарё,
Аз он абре, ки мамлӯи ту бошад.
Бароям зиндагӣ он лаҳза зебост,
Баҳоронам агар бӯи ту бошад.
Забонам лолу фарёдам ғариб аст,
Лабони ман дуогӯи ту бошад.
Бирафтиву суроғе ҳам накардӣ
Гирифторе, ки дар кӯи ту бошад.

Ба ғамҳои дили худ парда пӯшам,
Ба уммеде, ки хуш рӯи ту бошад.
Худовандо, бубахшо ошиқонро,
Ки ҳар ошиқ саногӯи ту бошад.

* * *

Имшабам барқе зи борон дар само рахшон нашуд,
Тундаре бо як садои хеш абрафшон нашуд.
Сабзаҳо аз оби борон маст уфтода ба хок,
Наргиси чашми таманноям табиби ҷон нашуд.
Нағмаи борон намемонад ба оҳанги дилам,
Фасли андӯҳи маро айёми гулгардон нашуд.
Ман ба ёди модарам уфтода менолам зи дард,
Додарам рафту чаро ин зиндагӣ поён нашуд?
Орзуям дар дили сармои танҳоӣ фисурд,
Косаи сабрам ба сар омад, дами эҳсон нашуд.
Шукр мегӯям ба оҳе, ки кушояд уқдаро,
Найнавози хотири ман бесару сомон нашуд.
Чун зи дилтангӣ раҳи имкони худ гум кардаам,
Раҳнамое як сари сӯзан сари паймон нашуд.
Ҳар касеро дастгиреву паноҳам бар Худо,
Ҳаргиз аз рӯзи азал эҳсон ба мо арзон нашуд.
Меҳнату ранҷу машаққат бар тавони мо физуд,
Эй хушо, мушкилкушоро мушкилам осон нашуд.
Дӯстонам дӯстдори молу амволу заранд,
Зарра-зарра меҳри ман бар ҷонашон сомон нашуд.
Менависам, менависам шеъру мехонам суруд
Ман ба васфи он азизе, ки ба ҷуз армон нашуд.
Мондаам дар нимароҳи зиндагӣ ғамгину зор,
Ҳеҷ кас Меҳринисоро бетамаъ пурсон нашуд.

## БАШОРАТ

Фараҳ омад, ки дил аз ғам раҳо кун,
Ба ҳусни хеш оламро намо кун.
Талабро бо таманно тӯшаи роҳ,
Таваккулро ба ҳар водӣ асо кун.

Ҳасад бигзору бигзар аз тамаллуқ,
Яқинро бар равонат муттако кун.
Тавофи маърифат айни савоб аст,
Ба ин маънӣ дилу ҷонро фидо кун.
Бинӯш аз оби ҳайвони ҳақиқат,
Ба домони хирад биншин, дуо кун.
Амонро гавҳаре ёбу нигаҳ дор,
Иморат аз булӯрини сафо кун.
Маҷӯ анқои осоиш аз айём,
Тавонро тавъами боли ҳумо кун.
Инони сабр дар ҷаҳду талош аст,
Ба файзи шукр хайроти вафо кун.
Закоту фитри ҳиҷрон бешумор аст,
Ба як дам меҳрубонӣ инзифо кун.
Шаби қадри ту истиқлоли рӯҳ аст,
Хушомад бар фазои бефано кун.
Зи пайвандони бепаймон маҷӯ меҳр,
Таваллоро ба даргоҳи Худо кун.
Ба он манзил, ки бо зиллат равонӣ,
Чароғи мағфиратро иқтизо кун.
Ба қадру қурби меҳнат то ба роҳат
Найистони садоқатро ба по кун.
Ғанимат лаҳзаи тадбиру такбир,
Суроғи лаҳзаҳову ёди мо кун.

## ТИКА-ТИКА

Садои беғуборатро кӣ дорад?
Нигоҳи беқароратро кӣ дорад?
Ба ин лутфу бад-ин сон меҳрубонӣ
Мақому эътиборатро кӣ дорад?

* * *

Баҳори бехазони ман ту ҳастӣ,
Тавони ҷисму ҷони ман ту ҳастӣ.
Баҳору тирамоҳи зиндагонӣ,
Раҳи рангинкамони ман ту ҳастӣ.

* * *

Сарамро бар сари сабре гузорам,
Диламро бар дили абре супорам.
Ҷаҳони сахраи дарё наҷӯям,
Раҳи овораи саҳро напӯям.

* * *

Марав аз дил, марав аз ҷонам, эй дӯст,
Бимон бо ман, ки бесомонам, эй дӯст.
Намеоӣ, ки дармонам биҷӯӣ,
Ба мисли қуи саргардонам, эй дӯст.

* * *

Зи дасти нокасон фарёду фарёд,
Зи қасди аблаҳон сад доду бедод.
Намедонам чаро бар гурги гушна
Насиби посбониро Худо дод.

* * *

Ба рӯи номи ман хат мезанӣ ту,
Ба озори дилам ҷон меканӣ ту.
Ба сони чашмаҳо софу зулолам,
Чаро санги маломат мезанӣ ту?!

* * *

Чаро дастам гиребоне нагирад,
Чароғам нимашабҳо дар нагирад?
Чаро бадгавҳаре бо ман ситезад,
Чаро ин дил зи танҳоӣ бимирад?

* * *

Эй модари ҷон, ба ман мадад мекардӣ,
Ғамхориву лутфи беадад мекардӣ.
Эй бор Худо, ту умри модарҳоро
Хайр ар на ҳазор, бал дусад мекардӣ.

* * *

Чун тармаи қуллаҳо дилам об шудаст,
Озурдаву афсурда зи ҳар боб шудаст.
Кас нест, ки бишнавад таваллои маро,
Инсоф магар матои камёб шудаст?

* * *

Гар як нафасат ба ришвахорӣ гузарад,
Умрат ба ҳисобу пулшуморӣ гузарад.
Оғози вазифаи ту аз оши наҳор,
Боқӣ ба умеди ҷипсаворӣ гузарад.

* * *

Нарх омаду бар сари пули миллӣ гирист,
Бе доллари Амрико набитвонам зист.
Беқадрии ту маро ба бадномӣ бурд,
Аз будани ту дигар маро суде нест.

* * *

Мақсуди замона хории ояи мо,
Бад – бад манигар ба хешу ҳамсояи мо.
Имрӯз агар надидаӣ хубии мо,
Фардо чӣ расад зи пайкару пояи мо?

* * *

Асрори ғазалро на ту дониву на ман,
В-ин шеъри наватро на ту хониву на ман.
Бо назми хатои худ мукофот барӣ,
Зеро ки тамаллуқ ту тавониву на ман.

* * *

Эй, бар сари мо нишаста чун бори гарон,
Шарме ту надорӣ аз худу аз дигарон,
Дар курсии бепоя чунон часпидӣ,
Фардо, ки фитодӣ, бишавад номи ту «в…»

* * *

Афсӯс, ки сармояи ту афюн шуд,
Аз мояи ту басе ҷигарҳо хун шуд.
Чаҳ кандаву худ нишинӣ бар ҷои баланд,
Хокат ба даҳан, ки номи ту малъун шуд.

* * *

«Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон»,
Бардоштаме ман ин аҷалро зи миён.
Бар олами қудс ончунон хостаме
Ҳар одамро, ки худ бирафтӣ зи ҷаҳон.

* * *

Бархезу бихӯр ғами либосу ғами нон,
Маншин ба хаёли рӯзӣ аз ҳазрати он.
Аз саъю талоши хома ҳосил ту маҷӯ,
Эй аҳли ҳунар, агар намедонӣ, бидон.

* * *

Ҳар гаҳ ки хаёли ту ба сар доштаме,
Дастам ба дуои шукр бардоштаме.
Шаб то ба саҳар ба хотири муждаи субҳ
Дар рӯи кафам ситора мекоштаме.

* * *

Эй кош тавони Каъба дидан будӣ,
Овози туро дами шунидан будӣ.
Эй кош, ки баъди хорию тавбаву ранҷ
Як лаҳза умеди орамидан будӣ.

* * *

Афсӯс, ки асри номахонӣ бигзашт,
Аз боди сабо муждарасонӣ бигзашт.
Умрам ба хаёли мерасад рӯзи Худо
Бо буду набуди зиндагонӣ, бигзашт.

* * *

Гар фикри фалак ба кори варзида будӣ,
Эҳсони Худо ба адл борида будӣ.
Гар қодири қадри шоирон буд ба даҳр,
Аҳволи бади маро куҷо дида будӣ?!

* * *

Пайғом ба лаб омада, бадном шудем,
Парвонаи шамъи куштаи шом шудем.
Ҳар кас пайи ризқу рӯзие мегардад,
Мо ҷуръакаши лаҳзаи илҳом шудем.

* * *

Ҳар як касро марому мақсуде ҳаст,
Ҳар одамро камолу камбуде ҳаст.
Аз ёр маранҷу домани кина магир,
Ҳар шӯъла, ки сар ҳамекашад, дуде ҳаст.

* * *

Аз хона бурун марав, марав, эй дили ман,
Беҳуда ба ҳар тараф мадав, эй дили ман.
Аз розу ниёзи ин замон бехабарӣ,
Маҳкуми бало, бало машав, эй дили ман.

* * *

Ғам дориву ғамхор надорӣ, дили ман,
Танҳоиву як ёр надорӣ, дили ман.
Чун кӯзаи бишкастаи беобу шароб
Ҳамрозу талабгор надорӣ, дили ман.

* * *

Ёрон, чу калиди умр ноёфтанист,
Андӯҳи аҷал матои партофтанист.
Хушбахтию бадбахтии одам гузарон,
Чун оҳуи рӯзу шаб, ки биштофтанист.

* * *

Хаёлам меравад ин сӯву он сӯ,
Парешонам, парешонам чу гесӯ.
Куҷо ҷамъе, ки ҷамъ орад манеро,
Ки бошам хурраму хушрӯзу хушрӯ.

* * *

Оё нагуфта будам, ки меравӣ ба рӯзе,
Аз ту насиби ин дил фарёду оҳу сӯзе.
Оё нагуфта будам, оташ мазан ба ҷонам,
Ё гуфта будаму ту рафтӣ, ки худ насӯзӣ?!

## РОҲИ МАН ТО БА КУҶО?

Роҳи ман то ба куҷо?
Дили ман то ба куҷо ҳаст ҳамовози нафас?
То куҷо хоҳам бурд,
Шӯълаи чашми умедам ба ҳавас ?
Гӯши ман дар талаби муждарасон,
Хонаи чашм пур аз абри навид.
Кӣ ба зангӯлаи дил даст ниҳад?
Кӣ намояд дари беқуфлу калид?

Нафаре ҳаст дар он дурии дур,
Нафаре ҳаст, ки номам зи сабо мечӯяд.
Байни авроқи парешонии ман
Гули абёти маро мебӯяд.
Ин замон дар қафаси сарди саро
Қаламу коғазу паймони фирор.
Ашки ман рӯи варақ меборад,
Зеҳни ман тухми сухан мекорад.
Борҳо дар васати хоб ва ё руъёям,
Меравам тӯи дусад зина ба паҳлӯи само,
Ҳамраҳам тоқа дуо.
Дасти ман тӯи ҳаво
Дар ҳама умр ба бедориву хоб
Дастгире набувад дасти маро ғайри Худо…
Танги танг аст муҳити қафасам,
Ман дар ин хона нафасгир шудам.
Ба ҳама маърифату таҷрибаву илму ҳунар,
Дур аз маърака дар олами тазвир шудам,
Рафта аз ёди замон, дар катаке пир шудам.

* * *

Салом, эй ишқ, эй беихтиёрӣ,
Сафои лаҳзаҳои интизорӣ.
Биё, эй марҳабо, бар ҷони ҷонам,
Чароғи равшани шабзиндадорӣ.
Маро бигдоз андар оташи хеш,
Ба истиқболи ҷашни беқарорӣ.
Уруҷам деҳ ба шаҳболу пари хеш,
Ба сӯи қуллаҳои растагорӣ.
Маро водӣ ба водӣ раҳнамо шав
Дар ин умри дурӯза раҳсипорӣ.
Бубар бо шохаи сабзи умедам
Ба фасли орзуҳои баҳорӣ.
Ба атри ёсуман рухсора мешӯй,
Ба гӯшам найнавои дӯстдорӣ.
Дилам бар ошиқи танҳо бисӯзад,
Хаёлам меравад бар такядорӣ.

Ба ҷуз некӯиям ганҷе набахшо,
Ба подоши шиканҷи бемадорӣ.
Бишуд умрам ба ҳиҷрони маҳу сол,
Намонда умри боқиро шуморе.
Ту, эй илҳомбахши олами Меҳр,
Бимон баъди сари ман ёдгорӣ.

* * *

Тамом шуд, ҳисоби ман тамом шуд,
Ҳазору як шаби ман аз давом шуд.
Чу охирин ситораҳои бефурӯғ
Сиришки лолагунам аз ниём шуд.
Наёмадӣ суроғи ҳолатам, дареғ,
Мақоми муждагонӣ бемақом шуд.
Бунафшаҳои чашми интизори ман
Асири сояҳои бехиром шуд.
Баҳори ваъдаҳои ту гузашту рафт,
Хазони рафтани ту ҳам қиём шуд.
Сарои меҳру офият фурӯ бирехт,
Сафои зиндагӣ ба ман ҳаром шуд.
Дар ин замони сифлапарвар, эй Худо,
Насиби ман шиканҷи нотамом шуд.
Каломи охирини ман барои ту
Ба поси носипосӣ эҳтиром шуд.

* * *

Туӣ пирам, туӣ тадбирам, эй дӯст,
Намон дар хонаи дилгирам, эй дӯст.
Ба дасти меҳрубони худ биҷунбон
Гаҳе гаҳвораи тақдирам, эй дӯст.
Суроғам кун, ғанимат дон нафасро,
Камон чун зиндагиву тирам, эй дӯст.
Мабин бар чеҳраи фархундаи ман,
Ту бишнав нолаи шабгирам, эй дӯст.
Тасаввур кун ҳазори дар қафасро
Бад-он сону бад-ин тасвирам, эй дӯст.

Миёни чор девори хамӯшӣ
Басе з-ин ҷони ширин серам, эй дӯст.
Зи беқадрии шоир дар замона
Басе аз шеъри худ дилгирам, эй дӯст.
Бидидам гамбусакро рӯи девон,
Ки мерақсад пайи таҳқирам, эй дӯст.
Сарои маърифат ҷои магас шуд,
Бахилу далғакӣ пайгирам, эй дӯст.
Зи баски бемақоманд аҳли маънӣ,
Кунад оруяке таҳрирам, эй дӯст.
Бубандо ин гиреҳрову набикшо,
Фаридун рафта безанҷирам, эй дӯст.
Ту ки Меҳринисоро мешиносӣ,
Ҳамедонӣ ҳама тақсирам, эй дӯст.

## ЯГОНА

Садои Аҳмади Зоҳир чу бишнид,
Дили девона аз девона шармид.
Қафас бигсасту рафт аз хона берун,
Зи бас бегона дар оина тобид.

Нафас дар сина раҳ ҷӯяд, ки ёбад
Раҳоӣ аз сарои ғамгирифта.
Бишуд ҳуш аз сарам ҳамчун парасту
Ба шохи савсани шабнамгирифта.

Мақоми савту оҳанги фиребо
Мақоми зиндагониро дигар кард.
Ба сар омад сукути нотамомам,
Ҷаҳонамро ҷаҳони болу пар кард.

Чаковак шуд тавони бепару бол,
Бишӯриду бичархиду биуфтод.
Ба пои бениёзиҳои розам,
Ба поси савту овози Худодод.

## ДИЛИ МАН

Дили ман шикваи бисёр надошт,
Ба ҳасудони дағал кор надошт.
Ҳар чӣ аз ишқу ҳавас ногоҳе
Мерасид аз фалак, инкор надошт.
Ба қаноат, ки пару болам буд,
Гила аз фақри ҷигархор надошт.
Нахли сабре, ки маро меорост,
Боғбоне ба ҷуз аз хор надошт.
Киштии умру талаб ронда басе
Сӯи баҳре, ки харидор надошт.
Зиндагӣ бо ҳама зебоиву сур,
Аҷабо, арзиши такрор надошт.
Қиссаи рози ману нолаи най
Қиссагӯе чу мани зор надошт.
Дари дил басту бишуд Меҳринисо,
Баски як умр ҳаводор надошт.

## АСЛИ ВУҶУД

Ҳар киро сӯи гулистон назарест,
Ҳар дилеро талаби шӯру шарест.
Ҳар баҳорон нафаси тозаи гул
Интизори дами соҳибгуҳарест.
Одамӣ бо ҳама идроку хирад
Назди тақдир гаҳе кӯру карест.
Ишқ бо ҷилваи афсунгари хеш
Пардаи чашми дили худнигарест.
Дард меҳмони туфайлӣ ба тан аст,
Ояду гар наравад, дарди сарест.
Теғ бар рӯи падар гар бикашад,
Нохалаф, арчи худи ӯ падарест.
Ҳеҷ зоғе набувад бе доғе,
Дили модар ба ҳамин сон агарест.
Дарси арбоби ҷаҳолат ин аст,
Адл сармояи зулму забарест.

Муждаи васл зи борон бишунав,
Мӯ ба мӯ савту навои дигарест.
Зиндагӣ бешаи нопаймуда,
Зери ҳар соя ҳазорон хатарест.
Ин қадар шеваи рафтан алам аст,
З-ин мусофиркада, ки раҳгузарест,
Ҳар кӣ бо фақр қаноат созад,
Ту ҳамегӯй, ки ӯ муътабарест.
Ҳар кӣ озурд дилеро ба сухан,
Бадтарин одамаки беҳунарест.
Охирин оҳи нафас бо таби дард
Рӯҳро муждаи парвозу парест.
Марг ҳарчанд, ки нохостанист,
Аз азал мову туро ҳамсафарест.
Эй хушо, лаҳзаи дидори азиз,
Ки ба дил ҳадяву эҳсону фарест.
Қисса бисёр магӯ, Меҳринисо,
Дили шаб рафт, дуоро самарест.

* * *

Эй ёри писандида, оё ту намеоӣ?
Рафтиву дилам бигрифт аз офати раҳпоӣ.
Дар пои вафои ту рӯзу шабу моҳам рафт,
То чанд бипояд умр бо сабру шикебоӣ?
Бо ҷамъи дилозорон аз худ шудаам бехуд,
Бо савти ҳазин хонам ҷонро ба тавоноӣ.
Пӯшида дари дилро бар рӯи дағалбозон,
Ҷӯям раҳу деворе то гӯшаи танҳоӣ.
Бемузду маломат буд кору амалам бо ту,
Подоши ҳама хубӣ рӯзам шуда ялдоӣ.
Рафтанд азизонам, ман низ намемонам,
Эй вою дареғи ман, гар ноламу ту н-оӣ.
Ҷонам ба лаб аст, эй ёр, озурдааму ночор,
Бемораму метарсам аз ҳолати савдоӣ.
Дар гулшани ҳаҷри ту ман хор шудам,эй вой.
Ҳаргиз набувад ин сон озори шукуфоӣ.
Дурдонаи ашки худ бар домани дил резам,

То боз напайвандам бо шабнами дорой.
Мегиряму механдам,ҷонкандаву мебандам
Бо ту сари паймонам дар пояи бепой.
Эй чарх, сари моро чун чарх чӣ гардонӣ?
Боре бинамо роҳе бар хастаи ҳарҷой.
Бар Меҳринисо бардам як лаҳза дами таскин
Исонафаси сонӣ бо рӯҳи Масеҳой.

## РОҲИ ПУРХОР

Садои ту маро бемор карда,
Адои ту маро ночор карда.
Намеой ба пурсонам, ки чунӣ,
Ҷудой роҳи мо пурхор карда.

Бирафтӣ чун парастуи фирорӣ,
Аниси ман намуда интизорӣ.
Ҳама ҳарфу ҳиҷоям чун шаранге,
Занад умре ба ҷонам захми корӣ.

Ситора дар само афзуну афзун,
Чӣ созам бо дурахши ашки пурхун?
Чӣ созам, ахтарони сарду хомӯш
Намеёбанд илоҷи чашми маҳзун?

Гуноҳамро намедонам, Худоё,
Паноҳамро намеёбам, Худоё.
Ту бишкан соғару паёмонаамро,
Раҳой аз ҷунун ёбам, Худоё.

## БЕ ТУ

Баҳорам меравад бе ту,
Хазонам мерасад бе ту.
Намедонам чӣ хоҳам кард
Ба ҳаҷри беадад бе ту.

Намеоӣ суроғи ман,
Рабуда чилчароғи ман.
Надорад рангу хушбӯӣ
Ҷаҳони неку бад бе ту.

Дилам дар панҷаи ҳайрат,
Сарам дар болиши ҳасрат.
Тавони хастаамро бод
Ба ҳар сӯ мебарад бе ту.

Нигоҳи интизорамро,
Дили шабзиндадорамро,
Ба ёди ту мадорамро
Ҷудоӣ мехарад бе ту.

Мисоли қуи танҳое,
Канори баҳру тӯфоне,
Ба савдои парешонӣ
Хаёлам мепарад бе ту.

На рӯҳе дораму роҳе,
Намонда шикваю оҳе.
Маро чун як пари коҳе
Намеҷӯяд мадад бе ту.

Нигар, ман то куҷо рафтам,
Ба роҳи нокуҷо рафтам.
Пайи Меҳринисо рафтам
Ба дунёи абад бе ту.

## ТАНҲОӢ

Панд мегӯяму пайвандам нест,
Сабр меҷӯяму дар бандам нест.
Қуфли дил чун бикушоям ба сафо,
Дар бар он ёри ҳунармандам нест.

Қиссаи ғусса бигӯяд шабу рӯз,
Қосиде аз дилу дилбандам нест.
Тавба кардам, накунам фикри баде,
Рӯ ба рӯям вараќи Зандам нест.
Накушоям гираҳи роз ба ноз,
Эҳтиёҷи гули лабхандам нест.
Сайр дар боғи хаёли ту хуш аст,
Баски гулгашти Самарқандам нест.
Ғайри озодии ишқам ба ҷаҳон,
Ҳуҷҷате дар дили хурсандам нест.
Ман ба подоши хушиҳои баҳор,
Уд месӯзаму испандам нест.
Ҳолати Меҳринисоро ту мапурс,
Талабу хоҳиши даҳчандам нест.

## САБР

Эй диламро роҳати рӯзу шабон,
Эй танамро роҳати ҳарду ҷаҳон.
Дар дайу поизу тобистони умр
Боғи сарсабзиву нахли арғавон.
Дасти дил кӯтаҳ намоӣ аз тамаъ,
Қадри моро мебарӣ то Каҳкашон.
Оламиву дар ниҳоди одамӣ
Гавҳарӣ, алмос ё ганҷи равон?
Нафси бадро мерабоӣ аз вуҷуд,
Ғайратам афзуда мебахшӣ тавон.
Аз камолоте, ки дорӣ бе талаб,
Равшан ин чашми дилам чун ахтарон.
Дардро дармону марҳам мениҳӣ,
Мефизоӣ одати ҳаҷрам ба ҷон.
Мӯътабар назди азизонам зи ту,
Меҳрубон бо дӯстону душманон.
Ҳаргиз аз дасти ту н-ояд коҳише,
Хоҳишамро ту ҳамеша армуғон.
Хашми моро сарҳади некӯ туӣ,
Оташиву рашки мо барги хазон.

Ҷоми лабрези ту бо Меҳринисо
Лоиқи сад шукр мебошад, бидон.

* * *

Чашме ба раҳ, шоме сияҳ, оҳам ба гардун мерасад,
Дар интизори субҳдам ашкам ба Ҷайҳун мерасад.
Бо ахтарон гӯям сухан, нолам чу мурғони чаман,
Аз гуфтугӯи мову ман оҳангу макнун мерасад.
Эй ҷони ман, имони ман, эй ҳофизу дармони ман,
Оё ба гӯшат нимашаб оҳанги маҳзун мерасад?!
Ман ошиқи рӯи туам, афтода дар кӯи туам,
Нашкуфта ёси оразам пайғоми ворун мерасад.
Мурғи шабовези маро бирбуда шаҳбози хаёл,
Арғуни нобишкастаро озори нохун мерасад.
Сайёди бепарвои ман, н-ой пайи парвои ман,
Тарсам, ки бар савдои ман санги фалохун мерасад.
Эй дури дур, аз мо мабур, эй ғоиби беҳ аз зуҳур,
Аз чабри ту бар ҷони ман меҳрона афзун мерасад.
Меҳринисо аз ҳаҷри ту умре ҳикоят мекунад,
Аз бекарон бо жолаҳо сабри ҷигархун мерасад.

## ҲЕҶ АНДАР ҲЕҶ

Туро дидам аҷаб шоду аҷаб шод,
Бихӯрдам заҳри ёдеро ба фарёд.
Ту мерафтӣ ба сӯи манзил обод,
Ба бесӯӣ равад умри ман, эй дод.

Китоби бехаёлӣ дар бари ту,
Варақҳои парешонӣ ба дастам.
Мани ҳарҷоиву каснобадаркор
Туро мисли ҳамеша мепарастам.

Ту рӯшантар зи шамъи тирашабҳо,
Ба базми бодаву шаббодаву сайр.
Ман он нохондамеҳмони ғарибам,
Ки бошам ё набошам бармало, хайр.

Ба кунҷи хонае, ки моли ман нест,
Ман он овораи манзилбадӯшам.
Ҳазорон дурри маънӣ дар таҳи дил,
Чу мурдобе ғамину бехурӯшам.

Ҳама обилаи дасту диламро
Ба нӯги сӯзани оҳам кафонам.
Бубандам дидаву дилро ба аҳде,
Ки бе ту канданашро менадонам.

Умедам ноумеди қиссаву дард,
На бо ҷамъе бинозам, не ба танҳо.
Басе шуд лахта-лахта мурғи рӯҳам
Зи озору каломи баддаҳанҳо.

Чи дилтангӣ, чи берангӣ дар ин қайд,
Ки безорам зи бозори мағалҳо.
Макони орзуи дил хароб аст
Миёни қасру девори дағалҳо.

Ба боми хонаҳои пахсадевор
Дилам гум мезанад фасли баҳорон.
Ба пои сӯҳбати гарму гуворо
Хаёлам мечакад монанди борон.

Надорам болу парвозам муҳол аст
Аз ин ғурбатсарои қисмати хеш.
Ба лабханди базӯриву дурӯғин
Бипардозам ба таскини дили реш.

Сароби лаҳзаҳои рафта бар бод,
Мақоми беғамиҳои гиландуд.
Сари овози нозамро бигиред,
Ки оям бо навое бар сари худ.

* * *

Умр бо ёди туву ранҷи парешонӣ гузашт,
Зиндагӣ чун қиссаи шабҳои тӯлонӣ гузашт.
Бо дили танҳои танҳоям маро танҳо гузор,
К-ӯ ба уммеди таваккулҳои армонӣ гузашт.
Дарду ҳузнамро намедонад касе ғайри Худо,
Бениёз умре зи пеши чашми нодонӣ гузашт.
Ман чӣ гӯям аз шабу рӯзу маҳу соли фироқ,
Бо навои оҳи маҳзунам ба яксонӣ гузашт.
Бар ҳавасҳои дили озурдаи ман гиря кун,
Чун ба поси ёди ту як умр зиндонӣ гузашт.
Каъбаи дидорро то аз нигоҳам бурдаӣ,
Ҳудҳуди имконам аз тахти сулаймонӣ гузашт.
Андалеби боғи ирфон аз дили Меҳринисо
Оқибат бо нағмаи тӯфони ҳайронӣ гузашт.

## АЁ МОДАР

Ту шеъри беҳтарини ман,
Ту атри ёсамини ман.
Ту моҳи нозанини ман,
Худои дар замини ман.
Аё модар, фидоят ман.

Баҳори муждаорам ту,
Зи хубӣ ёдгорам ту.
Умеди рӯзгорам ту,
Хушиҳои барорам ту.
Аё модар, фидоят ман.

Бимирам ман барои ту,
Наояд кас ба ҷои ту.
Ҳама дунё намеарзад
Ба гарди хоки пои ту.
Аё модар, фидоят ман.

Сару сомони ман, модар,
Балогардони ман, модар.
Ба дороиву нокомӣ
Ба ҷонам ҷони ман, модар.
Аё модар, фидоят ман.

## НИДОИ ҶОВИДОНӢ
***(суруд)***

Ватан, ҳастии ман нисори ту бодо,
Ватан, мастии ман баҳори ту бодо.
Биболам ба номи туву ифтихорат,
Ҳамеша тавонам мадори ту бодо.

Ҳавоям сафои гулу атри меҳан,
Сароям зи нури чароғи ту равшан.
Ҳама фасли солат, ки фасли таманност,
Навоям ба созат ҳамово кунам ман.

Туӣ ҷону рӯҳам, ки ман бешикастам,
Ту ҳастӣ азизу туро мепарастам.
Забонам калиде ба ганҷи ҳунарҳост,
Ватан, бе фари ту кӣ бошам, кӣ ҳастам?

Бинозам ба ному ба оби равонат,
Ба роҳу ба ҷоҳи беҳ аз Каҳкашонат.
Ватан, ман фидои самои пур аз меҳр,
Ба сулҳу ба шукри ҳама хонадонат.

* * *

Эй осмони равшан, эй абри пора-пора,
Ангораи тарабро бар мо намо дубора.

Бо рез-рези борон, бо қатраҳои найсон
Шаб нола мезанад сар аз қалби санги хора.

Шояд, ки бо насиме ё ҷилваи калиме
Оташ бигирад ин ғам бо зӯр ё ба зора.

Бар дилбарони олам ёрӣ намонда ин дам,
Беҳуда мезанад дил санге ба ин ибора.

Аз ишқ то ба ҳиҷрон як лаҳзаеву армон,
Моему сар ниҳода бар ӯ пайи назора.

Оҳанги зиндагиро бо ҷону дил суруда,
Бо тору пуди ҳастӣ мо ошиқи ҳамора.

Бо созу рози афзун, аз худ нарафта берун,
Аз мӯй то ба нохун мо маътали ишора.

Дар чашми ҳайрати мо шукру қаноати мо,
Гаҳ майли фахру фақр аст, гаҳ базму истихора.

Меҳринисо дар ин азм озин бубаставу рафт
Бо ноз-нози будан дар партави ситора.

## САРОИ БЕМЕҲРӢ

Ҳама бегона, танҳоянд,
Ҳама танҳо дар ин хона.
Миёни ҷамъи бегона
На паймону на паймона.

Сукуту яъсу хомӯшӣ
Кашад бори алам бар дӯш.
Садои мурғи шабовез
Чу тире мерасад бар гӯш.

Дару девор беранг аст,
На овое, на оҳанг аст.
Барои гиря кардан ҳам
Фазои хонаам танг аст.

Парастуҳои хушбахтӣ
Зи тоқи мо сафар карданд.
Чаковакҳои хурсандӣ
Раҳи худро дигар карданд.

Ба боғистони ободӣ
Ба новақтӣ хазон омад.
Намедонам, чӣ офат буд,
Ки селоби калон омад.

Чароғи равшанам тор аст,
Дилам тангу гирифтор аст.
Гулӯ дар қабзаи буғзе,
Нафас аз хеш безор аст.

Ҳама бехешу бегона,
Гурезонанд аз ин хона.
Сипосу орзуву меҳр
Магар дар хобу афсона.

Куҷо азме, ки барбандам
Бисотамрову дар бандам.
Ба ин даргоҳи бемеҳрӣ
Дигар ҳаргиз набаргардам.

## ТИРАМОҲ

Тирамаҳ ҳам бӯй дорад, -
Бӯи хурмои биҳиштӣ.
Бӯи борон, бӯи анҷир,
Бӯи бас девори хиштӣ.

Бӯи себ асту сада,
Бӯи хоки намзада.
Бӯи гандум, бӯи хирман, бӯи коҳ,
Оҳ, оҳ, эъҷоз дорад тирамоҳ.

Баргҳо хушрангу хушрӯ,
Мепаранд ин сӯву он сӯ.
Бод бо дасти ҳалимаш
Менавозад шохи лимӯ.

Оламе дорад мақомаш,
Фораму дилбар маромаш.
Устоди сабру тамкин
Офтоби субҳу шомаш.

Фасли эъҷозу хаёл аст,
Фасли амну эътидол аст.
Фасли меҳру меҳрубонӣ,
Фасли ҳолатҳои ҳол аст.

Тирамаҳро дӯст дорам,
Бо пару боли хазонаш,
Бо шукӯҳи осмонаш.
Бо сафои ҷуйборони зулолаш,
Бо ҷалолаш, бо камолаш, бо заволаш…

* * *

Шамолак гоҳ-гоҳе мезанад пар,
Ба рӯи хирмани фасли хазонрез.
Саро шоир, тараннум кун хазонро,
Ки фасли меҳрубонӣ меравад тез.

* * *

Субҳу бегаҳ ҷустуҷӯят мекунам,
Чун сабо пайдову бӯят мекунам.
Ёдгорӣ аз ту дардеву дареғ,
Ёд аз рӯи накӯят мекунам.

Лаҳзае чун шӯъла бар ҷонам биё,
Нури нурӣ, бар ду чашмонам биё.
Гар наоӣ, сӯзи худ аз дил мабар,
Навбаҳорон, навбаҳоронам, биё.

Рафтаам аз ёдҳо бо ёди ту,
Рондаам аз манзили ободи ту.
Мондаам дар нимароҳи зиндагӣ
Бо тасаллои нигоҳи шоди ту.

## БА ЁДИ ТУ
***(суруд)***

Ба танҳоӣ, ба раҳпоӣ, дило, дигар набигзорам,
Саропо ашкаму оташ, ту хокистар напиндорам.

Даруни хонаи чашмам нигоҳи ту чароғон аст,
Даруни синаи тангам дили девона гирён аст.

Намеоӣ суроғи ман, мани савдоӣ медонам,
Ба бозори ҷунунам хон, ки шайдоӣ наметонам.

Баҳорамро хазонрези умеду орзу омад,
Фиғонамро зи ҳаҷри ту нумӯ андар нумӯ омад.

Маро дигар кӣ бишносад бад-ин ҳоли парешонам,
На пайдову на пинҳонӣ, на абри рав, на боронам.

Ба ёди ту, хаёли ту, таманнову висоли ту
Нишинам то саҳар,
Бигирям то саҳар,
Намеоӣ магар?

Маёзорам ба раҳпоӣ, набигзорам ба танҳоӣ,
Мани овораро,
Мани бечораро,
Дили садпораро.

## БО ТУ ХУШ АСТ

Ишқи ту, оини ту бар ман хуш аст,
Сураҳои дини ту бар ман хуш аст.
Дар дили шаб, ки баҳорони дуост,
Накҳати Ёсини ту бар ман хуш аст.
Дар дили ман меҳри беҳамтои туст,
Саҷдаву таҳсини ту бар ман хуш аст.
Рангу бӯи зиндагӣ дар орзуст,
Олами рангини ту бар ман хуш аст.
Гоҳи танҳоиву навмедиву ғам
Як қалам таҳсини ту бар ман хуш аст.
Ҳар чӣ дорам, аз ту дорам, холиқо,
Ёди атрогини ту бар ман хуш аст.
Бомдоду асру шомат кимиёст,
Хуфтану пешини ту бар ман хуш аст.
Эй Худоҷон, мӯнисе ғайри ту нест,
Тавбаву омини ту бар ман хуш аст.

## БО МУЖДА БАРХЕЗУ БИЁ

Ту аз ману аз ман ҷудо,
Ман аз туву ту бевафо.
Не даст бардорӣ зи ҷабр,
Не тарс дорӣ аз Худо.

Не шиква пеши кас барам,
Не такя дорад ин сарам.
Бар номуродиҳо даво
Ман аз куҷо бояд харам?

Бо ман ҳамеша ҳамсадо
Хомӯшию сабру сано.
Аз ман набуд, бо ман набуд
Истезаву кину ҷафо.

Биншаста бо ёди Худо,
Танҳои танҳо бо дуо.
Аз шабнами гулҳои тар,
Аз Каҳкашон ҷӯям туро.

Шаббода бинвозад барам,
Истора тобад бар сарам.
Акси ту чун нури Худо
Дар умқи чашмони тарам.

Эй аз ману аз ман ҷудо,
Эй ахтари дури само,
Ногоҳ монанди насим
Бо мужда бархезу биё!

## ҒУБОР

Ба дӯшам бори ҳиҷрон аст,
Гусаста тори паймон аст.
Ҳаво боронию ашкам,
На дарё, мавҷи тӯфон аст.
Ниҳоли орзуи ман
Хазону баргрезон аст.
Ғубори остони ту
Маро тахти Сулаймон аст.
Ғарибам, бекасу танҳо,
Шабу рӯзам ба як сон аст.
Шароби интизориҳо
Ба талхӣ кандани ҷон аст.
Надонистам, вафои ту
Ба мисли ашки мижгон аст.
На бо худ метавонам буд,
Мане аз ман гурезон аст.
На бо ту метавон осуд,
Худоё, ин чӣ эҳсон аст?!

## РОЗ МАҶӮ

Ёр ба ҳусни рӯи ту,
Лаҳзаи гуфтугӯи ту.
Мирам агар ба кӯи ту,
Роз маҷӯ, ки розиям.

То дами буду буданам,
Бо ғами ту фисурданам,
Ҷон ба Худо супурданам
Роз маҷӯ, ки розиям.

Бо дили пора-пораам,
Бистари санги хораам
Дӯст агар надориям,
Роз маҷӯ, ки розиям.

Нашнавӣ овози маро,
Баҳри ту эъҷози маро.
Нози маро, рози маро,
Роз маҷӯ, ки розиям.

Дӯст манам, на душманӣ,
Шамъ манам, ту равшанӣ.
Ишқи манӣ, дини манӣ,
Роз маҷӯ, ки розиям.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Ҷони ман, дар зиндагонӣ кор мебоист кард,
Он чӣ медонӣ, гаҳе такрор мебоист кард.
Тан мадеҳ бар коҳиливу ҷаҳд кун дар кори худ,
Аз таби бекоргардӣ ор мебоист кард.
Хизмати модар, падарро ҳаргиз аз ёдат мабар,
Қарзи фарзандии худ зинҳор мебоист кард.
Ҳурмати аҳли адабро пос медору нигоҳ,
Бо адаб бо дӯстон рафтор мебоист кард.

Илму дониш сайқали рӯҳу тавони одам аст,
Шавқи онро бо талаб бедор мебоист кард.
Гар биранҷонӣ дилеро, дар замон узраш бихоҳ,
Ҳарфи некӯ хайри ҷон, изҳор мебоист кард.
Ҳар сухан диниста мегӯю нигаҳ дор эътибор,
Лофи доноӣ мазан, ҳинҷор мебоист кард.

## АЛҲАЗАР

Аз кӯи бад, аз хӯи бад, аз худписандӣ алҳазар.
Аз фитнаи ҳангомаҷӯ, аз мустамандӣ алҳазар.
Маънӣ надорад зиндагӣ бо шиква, бо шармандагӣ,
Озода бояд зистан, аз ҳоли бандӣ алҳазар.
Аз айшу нӯши сифладӯш, ифлосиҳои пардапӯш,
Аз макри шайтони раҷим, аз нашъамандӣ алҳазар.
Он қадр зебо одамӣ бо рӯҳу ҷони маънавӣ,
Эй ҷон, агар бар ҷони ҷон ту дил набандӣ, алҳазар.
Одам ба маънӣ олам аст, олам аз одам баҳравар,
Гар хешро аз ғофилӣ бар чаҳ фикандӣ, алҳазар.
Коҳил набошад худшинос аз меҳрубонӣ, аз сипос,
Аз соҳиби худношинос, аз зӯрмандӣ алҳазар.
Улфат биҷӯ бо маърифат, бо донишу илму хирад,
Аз беадаб, аз бенасаб як луқма кандӣ, алҳазар.
Бо ростӣ ёбӣ тавон арҷе миёни мардумон,
Гар аз мароми ростон коре набандӣ, алҳазар.

## ЗАХМ

Оҳ аз ин саргаштагиҳо,
Оҳ аз ин ворастагиҳо.
Оҳ аз ин бедаступоӣ,
Хастагиҳо, хастагиҳо.

Занг зан, зангӯлаи дил,
Барфурӯзо, шӯълаи дил.
Зиндагӣ бе дӯстдорӣ
Кори мушкил, кори мушкил.

Эй фалак, эй осмоно,
Эй халоиқ, эй тавоно.
Сабри ман дигар сар омад
Ноумеду ноҳувайдо.

Меравам фардо пагоҳӣ,
Дигарам хоҳӣ, нахоҳӣ.
Ман суроғи он ягона,
Ки бувад номаш илоҳӣ.

Ғунчаҳо хандону хандон,
Сури ман сар дар гиребон.
Ман тани танҳову ғамгин
Меравам хотирпарешон.

Захми ҷон нашкуфта беҳтар,
Санги дил носуфта беҳтар.
Рамзу рози бебаёнам,
Эй Худо, ногуфта беҳтар.

## **БЕБАРГ**

Омадӣ, оре суроғам омадӣ,
Булбули шайдои боғам омадӣ.
Баъди чандин лаҳзаи бигдохтан
Бӯи уд андар димоғам омадӣ.

Ногаҳон, бе ҳеҷ ҳарфе чун ҳамеш
Лабгазон, шарманда аз рафтори хеш
Омадӣ моилтар аз муми сиёҳ
Рӯ ба рӯи хотирам масту параш.

Уқда мешуд дар гулӯям банд – банд,
Дил ҳамезад бар қарорам нешханд.
Ношикан будӣ сукутам бехаёл,
Онҷунон ки ҳайрат аз поям фиканд.

Мумиёи хотиротам пош хӯрд
Аз таби фарёди бефарёдрас.
Сахраҳои интизорӣ синачок,
Пар-пару вожуна садбарги ҳавас.

Не сururе, ки хушомад гӯямат,
Не ғурури он ки аз дар ронамат.
Не забоне, ки ба истиқболи ту
Як-дуе ҳарф аз маломат хонамат.

Ҳеҷ чизе худ набуд мақсуди ман,
Ҳеҷ кас огаҳ на аз маъбуди ман.
Ҳеҷ гоҳе ин қадар розӣ набуд
Зиндагӣ аз буду аз мавҷуди ман.

Ҷои дилро ғам намегирад, дареғ,
Одамӣ аз ғам намемирад, дареғ.
Бо ҳама такбиру тадбиру паноҳ
Нахли умрам бар намегирад, дареғ.

## ЗИНДОНӢ

Зиндониям, зиндониям, зиндонии ҳайрониям,
Эй ҷони ҷон, аз ман ниҳон дар хок мебиншониям,
Ман хастаам, бишкастаам, аз хештан бигсастаам,
Дар хилвати танҳои худ бо ёди ту биншастаам.

Нуре куҷо, норе куҷо, як дилбари зоре куҷо,
Мансури сури сониям, як ҳалқаи доре куҷо.
Дилгир ман, дилгир ман, аз хеш домангир ман,
Охир шудам, охир шудам такрори такроре куҷо?

Чархам ҳаме, чархам ҳаме бар пои пайғому навид,
Сар мезанам бар сарнавишт, сар меравад сабру умед.
Афсӯси ин шому саҳар, рӯзам надорад эътибор,
Рангинкамони зиндагӣ монанди анқо нопадид.

Ман хашми ноҳинҷорро, андӯҳи нодаркорро
Ҳарчанд бо сабру сукут аз хеш берун рондаам,
Дармондаам, дармондаам, ночори гардун мондаам,
Бар ҳар даре сар мондаам, з-он ҷой берун мондаам.

## ТАМАННОИ БУДАН

Эй баҳорони ҳамеша сабзи сабз,
Эй умеди бехазони зиндагӣ.
Эй тулӯи бомдодони ҳамеш,
Эй ҳамеша боиси фархундагӣ.

Бе ту ҳеҷам, бо ту олам бо ман аст,
Аз тулӯе тирагиҳо равшан аст.
Рафтаӣ аз хонаи чашму дилам,
Дил ҳамеша аз ғамат обистан аст.

Фурсат андак монда, мебояд шитоб,
Гоҳ-гоҳе шӯъла зан, бар ман битоб.
Баъдҳо номи туву ишқи маро
Орифон ҷӯянд аз шеъру китоб.

Зиндагӣ ҳар лаҳза дарсу имтиҳон,
Хештанро сад карат афсурдан аст.
Шукри ту, оинаи гӯёи ҷон,
Ки таманнои ту расми будан аст.

* * *

Хастаам, эй зиндагӣ, бо ман дигар бозӣ макун,
Бохта сабру сурурам, анҷумансозӣ макун.
Ҳар нафас бо печутоби дард меояд бурун,
Андаруни хона шав, эй дил, бурунтозӣ макун.
Чун ҷигарбанди азизи ман ҷигардорӣ накард,
Хок бошу хок шав, завқи сарафрозӣ макун.
Аз парастуи умедам монда дар каф мушти пар,
Орзуро бепару бебол парвозӣ макун.

Одамӣ бо қисмати пешона созиш мекунад,
Эй ғуломи бандагӣ, эҳсоси худсозӣ макун.
Ҳайфи ин мушти ғуборолудаи дардошно,
Ошу нонат медиҳад ҳасрат, ки ғаммозӣ макун.
Омадан ҳеҷ аст, агар боре набинӣ бар худӣ,
Худшиносӣ саҳл не, оинапардозӣ макун.
Дар дили нармам ҳазорон нақши пову неши хор,
Меҳр кам дорад фалак, бисёр таннозӣ макун.
Субҳ рафтам бо талаб пушти дари лутфу карам,
Гуфтиям ӯ рафта аз мо, қиссаи мозӣ макун.
Чун шабаҳ Меҳринисо мегардад андар кӯи дӯст,
Гар бубинӣ сояеро, сангандозӣ макун.

## ДУНЁ ИДОМА ДОРАД

Ин базмгоҳи гетӣ
Сад гуна нағма дорад.
Як рӯз мо равонем,
Дунё идома дорад.

Эй кош одамиро
Эъҷози рустане буд.
Маргу дареғу мотам
Дар зиндагӣ намебуд.

Гулхонаи табиат
Андарзи хуби ҳастӣ.
Як рӯз бигзарад хуш,
Як рӯз бими пастӣ.

Бас мавҷ мезанад рӯд,
То рафтанаш набинад.
Ҳангомаҳои шӯхаш
Бар сахраҳо нишинад.

Чун барқу боду борон
Ҳамвора меравад умр.

Бо тавсани ҳаводис
Пайваста медавад умр.

Шукри ҳамин дами дам,
Ороиши пайи ҳам.
Як лаҳза бо навиде
Озода будан аз ғам.

Эй ишқи пухтатадбир,
Хуш омадӣ, ба таъхир.
Дарёб буданамро,
Фардо чу мешавад дер.

* * *

Биё, эй дӯст, то бинӣ рухи аз ғам хазонамро,
Ба зери мотами модар фитода ҷисму ҷонамро.
Шикаста қомати сарви ман аз дарду парешонӣ,
На тадбире фалак ҷӯяд, на парвое замонамро.
Ҳама дарду ҳама ашку ҳама ранҷ аст фарёдам,
Ҳазорон укдаву захм ин гузаргоҳи фиғонамро.
Чӣ сон оташ дар ин пайкар фитода, худ намедонам,
Ки оҳам бесадо сӯзад тамоми устухонамро.
Самуми марг аҳволи дили тангам чӣ медонад,
Ки хун аз дида меборад, ки то бозад ҷаҳонамро.
Куҷо шуд сабру сомоне, ки умре раҳнамоям буд,
Куҷо бурдӣ, Худовандо, дуогӯи тавонамро.
Чаро Меҳринисоро чарх саргардон ҳамедорад,
Зи ношукрӣ нигаҳ дорад Худованд ин забонамро.

## ХАЗОН

Боғ осудаву орому хамӯш,
Баргҳо рӯи замин хобида.
Осмон софу кабуд,
Офтоб аст ҳама гарму малеҳ,
Менавозад тани урёни дарахт.

Оби ҷӯбор, ки аз доманаҳо мегузарад,
Бо ғами ворунаҳо мегузарад.
Бод нармак-нармак
Аз баландои баланд,
Аз дили тармаи сармои сияҳ,
Аз ҳамон қуллаи дуре, ки шумо мебинед,
Мевазад ҷониби боғ,
Мевазад ҷониби мо,
Бӯи каҳкутии вожуншударо меорад,
Ки нафасҳои тараш нам-нами борон дорад.
Ман ба поиз, ки имон дорам,
Интизорам, ки бо эъҷозе
Модарамро, ки дар ин фасл зи мо бирбудаст,
Ногаҳон боз ба мо меорад…
Ашк аз оинаи чашми тарам мешорад
Рӯи кафҳои дуопарвари ман
Қатраҳо меборад.
Боғ осудаву орому хамӯш,
Модарам зери замин…
На!
Модарам дар дили ман хобидаст.

* * *

Намедонам куҷоӣ ту, намеоӣ суроғи ман,
Басо хоҳам ба ҳар маҷлис ту бошӣ чилчароғи ман.

Нарафта накҳати розат ҳанӯзам аз гули хотир,
Надида хотири морову рафтӣ, бедимоғи ман.

Баҳорон рафту мегардад хазони муждаҳо охир,
Чаро ҳосил намегардад мурод аз нахли боғи ман.

Ба рӯи захми носурам ниҳода аз намак марҳам,
Ту шояд тоза мехоҳӣ ҷароҳатҳои доғи ман.

Дуогӯи туам, аммо ту мекӯшӣ ба ҷабри ман,
Пас аз маргам ба худ оиву сӯзӣ чун чароғи ман.

Дили Меҳринисо мамлӯи шаҳди дӯстдорӣ бод,
Агар сад бор афкандӣ ба хокистар аёғи ман.

## МУЗТАРИБ

Агар будӣ бароям ҷоми заррин,
Ба санги бевафоӣ мешикастам.
Агар мебуд ҳатто аҳду паймон,
Ба теғи носипосӣ мегусастам.

Агар будӣ ту борони баҳорӣ,
Ҳамегуфтам, хушо, пажмурданам беҳ.
Агар будӣ бароям боли парвоз,
Ҳамегуфтам, ки бисмил буданам беҳ.

Агар ту чашма будӣ дар биёбон,
Аташро мӯҳри қалбам менамудам.
Агар будӣ ту ганҷу тоҷи шоҳӣ,
Хамӯш онро ба дастат месупурдам.

Агар будӣ чанори соябонам,
Ба роҳи шод шодон менишастам.
Агар будӣ ту нури нури нурон,
Ҳамегуфтам, ки зиндон мепарастам.

Агар ту қибла мебудиву маъбад,
Дигар сӯ менамудам қиблаи хеш.
Барои чун мани беҳад Худотарс
Гунаҳкорӣ намебуд ин қадар беш.

Вале ту дар манӣ, дар ман ғунуда,
Равониву ҷаҳониву нафас ту.
Маро аз ман чӣ сон бояд рабудан,
Ба ин маҳмил, ки менозам, ҷарас ту.

## СӢ МУРҒИ ЗИНДАГӢ

Сӣ мурғи пар-парӣ,
Сӣ ҳур, сӣ парӣ
Боли ҳавас кашанд
Аз тоқи дилбарӣ.

Бо мурғи рӯҳи ман
То ошёни нур
Сӣ мурғ пар кашад
Бо шӯру бо сурур.

Он қуи зиндагӣ
Бо турнаҳои бахт
Бо қумрии шикеб
Як зоғи рӯзи сахт.

Товуси хушхиром
Бо саъбаи маром.
Гунҷишки бехаёл
Бо қарғаи висол.

Бо булбули ҳавас,
Тӯтии беқафас.
Бо як уқоби дил,
Шаҳбози ҳар нафас.

Бо ҳудҳуди талаб,
Ҳақгӯи хуштараб.
Бедонаи гуноҳ,
Бо кабки иштибоҳ.

Анқои содагӣ,
Бо буми бандагӣ.
Боли тазарви умр,
Ку..? Ку..?-и зиндагӣ.

Саҳбои хоҳишам,
Теҳуи коҳишам.
Лочини нолишам,
Ёҳуи донишам.

Бо аккаи сурур,
Бо каргаси ғурур,
Бо чуғзи дарди дил,
Шоҳини ишқу нур.

Бо кайфару фарам,
Товуси боварам.
Аз шохи хастагӣ
Қакнуси доварам.

Сӣ мурғи қисматам
Пар мекашад баланд,
То оқибат маро
Сӯи худ оваранд.

## ОҲАНГИ ЗИНДАГӢ

Гулдони гулпараст
Аз дасти гул ба рӯи хок афтодаву шикаст.
Гуфтам: Чаро шикаст?
Гуфто: Хушо ба ҳоли он, к-андар сарои ганҷ
Афтода бар ҷилои он як лаҳза дил набаст.
Дунё пур аз шикаст,
Ин гуна буду ҳаст.
Оҳанги зиндагӣ,
Авҷи баланду паст.

## РАСМИ ВИДОЪ

Салом, нозанини ман,
Саҳар мубораки ту бод.
Ҳамеша ин садои ту
Ба гӯши ман чу эътимод.

Саҳар расида, ҷони ман,
Ҳаво пур аз навиду нур.
Намевазад зи гӯшае
Навои нағмаву сурур.

Биё барои гуфтугӯ,
Ба баррасии як видоъ.
Биё, ки расми оштӣ
Дигар намекунам дифоъ.

Туро ки ҳаққи рафтан аст,
Маро ҳуқуқи диданат.
Ҷудоӣ ҳам баҳонае
Барои дил шикастанат.

Дили маро чӣ ҳолате
Ба лобалои ранҷи ту.
Баҳори сабзи сабри ман,
Ҳақиқат аст, ганҷи ту.

* * *

Ба дил гуфтам, сазои ман ту бошӣ,
Ҳама бору бинои ман ту бошӣ.
Гирифторӣ намехоҳам, валекин
Гирифтори адои ман ту бошӣ.
Гаҳе ки худ намегунҷам ба олам,
Ягона худнамои ман ту бошӣ.
Басе ҳангомаҳо барпо намуда,
Садои бесадои ман ту бошӣ.
Зи мактабхонаи сабрам рабуда,
Сукуте бар нидои ман ту бошӣ.
Ба зиндони ҳавасҳоят асирам,
Тарафдори ҷазои ман ту бошӣ.
Зи ман ҳарфи муҳаббат ҷуста то чанд,
Дареғо, бевафои ман ту бошӣ.
Наметарсӣ аз оҳи номуродон,
Сароҳанги навои ман ту бошӣ.

Намегардад гиреҳ аз мушкилам во,
Агар мушкилкушои ман ту бошӣ.
Маро наҳ мезаниву мешавӣ хуш,
Аҷаб рангиннамои ман ту бошӣ.
Дар ин киштӣ дар охир мешавам ғарқ,
Худои нохудои ман ту бошӣ.
Ту мехонӣ ҳама ҳарфу ҳиҷоям,
Чӣ мекардам, ба ҷои ман ту бошӣ?
Дилам хандиду гуфто: Бениёзам,
Агар Меҳринисои ман ту бошӣ.
«Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам»,
Аз оғоз ошнои ман ту бошӣ.

## НИЁЗ

Ту бо ман меҳрубонтар аз ҳама кас,
Маро як лаҳза бо ту буданам бас.
Чаро нолам зи бемеҳрони дунё,
Ки меҳроби манӣ, эй дастнорас.
Туро дорам, чӣ ғам дорам ба олам,
Ки ғамхорам ту ҳастиву туӣ пас.
Агар мирам, дубора созӣ эҳё,
Нафасро дода эъҷози мунаффас.
Ҳасад дорам ба ҳурони биҳиштӣ,
Ки мӯътоданду махмуранду ақдас.
Худоё, боз кун қуфли диламро,
Ки дилгирам дар ин тоқи муқарнас.
Ба растохези беҳамтои фардо
Фақат ту рӯ ба рӯ ой маро, бас.

* * *

Боз омаду боз омад Наврӯз ба дорой,
Вақт аст, дило, худро бо ишқ биорой.
Пайғоми саҳар омад, айёми самар омад,
Паймона ба сар омад бо лолаи саҳрой.
Фархунда чаман пургул, хуш нағмасаро булбул,
Ҷавлони сияҳгӯшон бо чеҳраи узрой.

Ҳар навда тараб резад, ҳар ғунча ба сад ангез,
Шаббода фараҳ безад бо завқи дилороӣ.
Бо замзамаҳо борон ояд зи дили кайҳон,
Эй дур нигоҳи бад аз олами ҳуроӣ.
Дастам ба дуо бишкуфт, ҷонам зи сабо бишнуфт
Оҳанги авастоӣ, бо захмаи митроӣ.
Шукронаи нур омад, меҳрона зи дур омад,
Бо нағмаву сур омад Наврӯзи аҳуроӣ.
Наврӯз муборак бод, эй мардуми озода,
Хонам ғазали тоза бо сабки бухороӣ.

## САДА

Оташ афрӯзед, эй ёрони хуб,
Ин Сада бо меҳри ёрон омада.
Зарра-зарра барфи поку оҳарӣ
Аз само бо муждаборон омада.

Ёдгоре аз Ҳушанг, аз бостон
То ба мо бо файзи Яздон омада.
Расму оини ниёконро дуруд,
К-инқиёди мо зи эшон омада.

Дӯст медорам туро, ҷашни Сада,
Дар канори дӯстону деҳкада.
Оташ афрӯзам, ки афрӯзад равон,
Меҳрмаҳ рафту зимистон омада.

## МАҚОМИ ЗАН

Ман баҳору ҳам хазони боғҳоро дидаам,
Зиндагониро ба чашми меҳри худ санҷидаам.
Андар ин умре, ки рафта бо таманною талаб,
Ҳам гулистони тараб, ҳам доғҳоро дидаам.

Ман ба танҳоӣ, ки бо ман мӯнису ҳамкеш буд,
Оламеро дар сукути хеш пайдо кардаам.

Вожаҳоро ҷустаам, то ки ҳамовозам шаванд,
Байтҳоро чида-чида шеъри воло кардаам.

Гоҳи чобуқ номи худро гӯр карда зери хок,
Донишамро сарфаи ҳаммосаи дегу табақ.
Бо ҷиҳозам уту карда шеъру андарзам басе,
Аз мақоми зан бидодам ҷову ҷоруро сабақ.

Рафта аз ёди замону зиндагонӣ бедареғ,
Ёди ёрони қадимӣ чилчароғи манзилам.
Бо хумори офтоби бомдоди баччагӣ
Мекашам поро ба зери соядевори дилам.

Ман ба кӣ гӯям, ки танҳо мондаам поёни умр,
Ҳеҷ кас парвои ман ҳаргиз надорад, модаро!
Розҳоямро бубандам дар ҳарири оҳи сард,
То ба он рӯзе, ки ҷон аз тан бурун ояд маро.

## ОГОҲОНА

Бедортар аз хоб,
Бемортар аз дард.
Аз будани бесуд
Ман сардаму дил сард.

Аз ғул - ғула хомӯш,
Аз қул - қула бенӯш.
Ман хастаи хаста,
Аз хеш фаромӯш.

Сад фитна зи фитна
Бас дида надидам.
Ман пардаи нокас
Ҳаргиз надаридам.

Аз беадаби рӯз
Пайваста гурезам.

Ман донаи меҳрам
Ҳар ҷой нарезам.

Ман саҳламу мушкил,
Ман қиламу ноқил.
Ман ошиқи ақлам,
Девонаи оқил.

## КОРВОНИ НОКУҶО

Дарё равон доманкашон,
Доманкашон дарё равон.
Бо печ-печи ҳар замон,
Гаҳ гулфишон, гаҳ гилкашон.

Шом асту рӯи саҳраҳо
Бо моҳ дорам гуфтугӯ.
Дарё хаёлам мебарад
Соҳил ба соҳил, ҷӯ ба ҷӯ.

Амсоли амвоҷу насим,
Ман беқарорам, беқарор.
Дарёб, дарё, соҳилам,
Ишқи маро бо ман гузор.

Бинмо раҳи хуршедро,
Бикшо раҳи уммедро.
Ман чашмаи чашми тарам,
Ку дилбарам, ку дилбарам?

Ин синаи саҳрои дард,
Ин кинаи сармои сард.
Эй нури нури нуриён,
Бингар, ки бо меҳрам чӣ кард.

Ман аз талабҳо мондаам,
Дар ҳукми шабҳо мондаам.

Байни замину осмон
Танҳои танҳо мондаам.

Ё раб, мададҳо кун, мадад,
Боди ҷудой мевазад.
Ин корвони нокуҷо
Ақлу дилу дин мебарад.

## НАБЗИ САБЗ

Эй ғам, э ғам, ғами беш,
Домони дил раҳо кун.
Эй дам, э дам, дами беш,
Бе ғам даме ато кун.

Ман раста, раста, раста
Аз банду бори баста.
Озод мезанам пар
Бо болаки шикаста.

Аз ҳирсу кинаварзон
Умре будам гурезон.
Дар сояи дили худ
Хуршеди олами ҷон.

Дар баҳр, баҳри тамкин
Гаҳ мавҷу гаҳ фиғонам.
Дар чашм, чашми толеъ
Пайдову гаҳ ниҳонам.

Ман гард, гарди роҳам,
Хуш рӯфта меравам пеш.
Бо мушт, мушти қисмат
По куфта меравам беш.

Ман мушки нофи оҳу,
Чун набзи сабза сабзам.

Ман бод, боди ҳастӣ,
Бар кӯи хас наварзам.

Дил шуста, шуста бо нур,
Нуронӣ ар шавам, нур.
Бо тор - тори торам
Бо меҳр мешавам ҷӯр.

## ХУМОР

Эй бод, саро маро ба гулшан,
Рӯзе, ки намонад ин тани ман.
Рӯзе, ки ба ёди кас наояд
Дар ишқу ҷунун тапидани ман.

Танҳоӣ чӣ дарси мушкиломӯз,
Дар мактаби зиндагии ҳаррӯз.
Гум мезанадо дили ҳазинам,
Бар сӯҳбати модарам шабу рӯз.

Аз хешу табори ҷониям дур,
Дар хонаи сарди худ асирам.
Эй бод, расон маро ба манзил,
То домани шикваро нагирам.

Аммо чӣ кунам, ки ҳамдилам нест,
Месӯзаму нури маҳфилам нест.
Ҳамсояи хонаву дарам ҳаст,
Он соя, ки пур шавад дилам, нест.

## ИНТИЗОР

Хонаро ман пок кардам
Аз ғубору аз аламҳо.
То нафас осуда гирам,
То ҳавас гирад диламро.

Парниёни оҳариро
Ман кашидам бар тиреза.
То биёяд хонаи ман
Партави нури гуреза.

Усма кардам абрувонам,
Ҳина кардам гесувонам.
Туи гулдоне ниҳодам
Шохаҳои арғавонам.

Шед ҳам доманкашон рафт,
Шом ҳам омад ба таъхир.
Хаставу танҳои танҳо
Мекашам домони таъбир.

Зеҳн пур шуд аз баҳона,
Чанг пур шуд рӯи хона.
Бар суроғам, эй ягона,
Ҳеҷ меоӣ ту ё на?!

Дасти боду ҳалқаи дар
Ҷилваи беорӣ овард.
Шишаи тирезаамро
Барф кошикорӣ овард.

## НАФАСИ ҲАВАС

Ҷавонию ҷавонию ҷавонӣ,
Ҷаҳони сабзи сабзу арғавонӣ.
Баҳори орзуҳои гулафшон,
Баёзи шеърҳои ҷовидонӣ.

Маро ширин бувад ин зиндагонӣ
Ба сӯзу оташу ишқу ҷавонӣ.
Биороям диламро бо таманно,
Ки меоӣ, азизам, ногаҳонӣ.

Парастуи фазои беғуборам,
Парастори ҳавасҳо, беқарорам.
Туӣ, ту қиссапардози дили ман,
Туро ман дӯст дорам, дӯстдорам.

Напояд то саҳар нури ситора,
Наояд лаҳзаҳо, ҷонам, дубора.
Биё, қисмат кунем осоиши умр,
Насибу қисматамро истихора.

## ДУНЁИ МАН ТУ
***(суруд)***

Модар, модар, дунёи ман, рӯъёи ман туӣ, ту,
Атри гули хушбӯи ман, хушрӯи ман туӣ, ту.
Аз накҳати гесӯи ту ҷонам фараҳрез,
Якитои беҳамтои ман улгӯи ман туӣ, ту.

Дунё даме, шоду ғаме, субҳу шабу рӯз,
Дунёи ман бо ту бувад наврӯзу наврӯз.
Охир ягонаи манӣ, ман бо ту фирӯз,
Эй модаро, бо ту бувад шабҳои ман рӯз.

Ҷонам фидоят, модаро, қурбони номат,
Қурбони меҳрубониву панду дуоят.
Ман тӯтиё созам ба дида хоки поят,
Ҷонам фидоят, модаро, ҷонам фидоят.

Олам, олам дарду алам дорӣ ту бар дӯш,
Осоишам бихоҳӣ, ту аз худ фаромӯш.
Ман аз Худо хоҳам, ки бошӣ модарам хуш,
Ҷон модарам, хуш, нӯши ҳама нӯш.

Ту қиматӣ, хушҳикматӣ, болу парам ту,
Ман шокирам, шоҳи фарам, ки дар барам ту.
Дар зиндагонӣ раҳбарам, тоҷи сарам ту,
Ман чокарам, хушбоварам, ки модарам ту.

## ДИЛБАРО
### *(Суруд)*

Дилбаро, ишқи ту парвози дилу дидаи ман,
Эй таманнои ман, эй меҳри дурахшидаи ман.
Атри ёди ту ба гулбарги хаёлам шабу рӯз,
Наравад бо нафас, эй навгули болидаи ман.
Маҳу хуршеди фалак номи туро меҷӯянд
Аз ҳама савту навоҳои писандидаи ман.
Ту марав аз сари паймонаи пайванду вафо,
Эй сарогози ман, эй ахтари тобидаи ман.
Хотирамро накушояд ба ҳавас рози касе,
Ба ҷуз аз нози ту, эй ғунчаи ночидаи ман.
Чашми ту хонаи хуршедии ишқи ману туст,
То абад кӯи ту бошад ҳама обидаи ман.

* * *

Набзи чаман бихонад овозаи шанашро,
Барфи сапеди чилла пайғоми буданашро.
Аз жолаҳои меҳраш ман гӯшвора дорам,
Бо ҷон ҳаменавозам эҳдои Баҳманашро.
Ин шӯшаҳои барфӣ ханҷар кашида сӯям,
Инкор менамоянд андӯҳи кӯҳканашро.
Дилро зи ғам зудуда, ишқу вафо суруда,
Ҷонам ҳаменавозад пиндори равшанашро.
Дар шохаҳои урён ашки малак нишаста,
Хуршеди нимрӯзӣ пӯшида ҷавшанашро.
Гоҳе ба шӯълаборон, гоҳе ба зону ғалтон,
Бедор менамояд аз хоб савсанашро.
Ман бо нигоҳи тоза Ҳинди наве кушоям,
То сӯи Каъба орам бо бут бараҳманашро.
Меҳринисо кӣ бошад пеши таҷаллии нур?
То бишнавам ба боре суре дамиданашро!

## БОЗӢ БА БОЗӢ

Ҳар шом мегӯям ба худ,
Фардой дигар мешавам,
Акнун барои хештан
Ҳам шоҳу ҳам фар мешавам.

Сурхӣ ба рӯям мезанам,
Ҳам сурма бар чашми тарам.
Бар гесуям атри фаранг,
Ҳам куртаи нав мехарам.

Попӯши зарринам ба по,
Тавқи тило бар гарданам.
Болида мехонам суруд,
Хушбахти дунё худ манам.

Бо сад умед аз бистарам
Бо азм мехезам саҳар.
Бар сӯи фарзандони худ
Бо меҳр месозам назар.

Хуршед, аз хобат бихез,
Парвин, шитобе, дер шуд.
Ман зуд меоям зи кор,
Аз чанд соат тир шуд?

Модар, китобам дар куҷо,
Бингар, ки соат чанд шуд?
Модар, парӣ ҳангоми дарс
Поям ба чавкӣ банд шуд.

Чун моку мепечам ба худ
Бо гиру дори зиндагӣ,
Се кӯдаки хушрӯи ман
Хуш рангубори зиндагӣ.

Парвин чӣ пандам медиҳад,
Хуршед фандам медиҳад.
Хуш-хуш Фаридун бо шикеб,
Занҷиру бандам медиҳад.

Рӯзе гузашту шом шуд,
Мурғи ҳавас ором шуд.
Бозӣ ба бозӣ зиндагӣ
Бигзашту охирфом шуд.

## САРОБ

Бояд, ки равам пешу ба ҷуз фотиҳаи сабр
Дасти дигаре даст нагирад ману ин дил.
Бероҳа агар пой ниҳам, мефитам аз пой,
Бедор бибояд сипарам ин раҳи мушкил.

Пиндоштам ин раҳ, ки басе дер расидам,
Маҳ дораду пайроҳа пур аз ахтару Парвин,
Афсӯс, ҷаҳоне ки сароб асту лаҷанзор,
Не рӯшанӣ парвояду не лолаву насрин.

## ФАСЛИ ВИСОЛ

Бархез, ки муждаи дамидан бирасид,
Аз фасли висоли гул шамидан бирасид.
Овозаи овози дуҳул дар дили туст,
Ҳангоми садои дил шунидан бирасид.
Дар соҳили шикваҳо туро кардам бод,
Аз сахра садои ҳеҷ будан бирасид.
Эй шоҳи вафо, қиёми ҳиҷрон бигузашт,
Армони видои орамидан бирасид.
Дар сояи мижгони ҳақиқат бинишин,
Айёми ба пои ҳақ хамидан бирасид.
Дунёталабон қотили ишқанду вафо,
Дунё маталаб, ки толиби шан бирасид.
Хомӯшии дай гузашту дар саҳни чаман
Сад шукр, далели дил супурдан бирасид.

## РАНҶИДА

Шом маҳтобию олам равшан,
Ахтарон масти тамошои чаман.
Имшаб аз шаъшааи моҳи мунир
Бас кушода-ст гиреҳ аз дили ман.

Эй Худо, ёди маро дур мабар,
Ба суроғи шаби махмур мабар.
Мон, ки бо оташаки барқи уммед
Ҷони ман пур бишавад мисли қамар.

Ранҷи беҳосили ман бод макун,
Хонаи шикваам обод макун.
Эй дил, имшаб ба сипоси ҳавасам
Ҳар киро беҳуда фарёд макун.

Мон, саропо ҳама рӯъё бошам,
Ғарқи андешаву пӯё бошам.
Бо хату коғазу минқори қалам
Ҷамъи ҷамъияти танҳо бошам.

Ҳар чӣ бигзашт, ҳама буду набуд,
Ёд аз лаҳзаи беёд, чӣ суд?
Озарахше, ки шаби боронӣ
Оташ афканду бишуд бе падруд!

З-он нафас ку-куи белона дилам,
Рӯ ба девори аламхона дилам.
Ба ҳама мардуми берӯву дағал
Дари дил баставу бегона дилам.

## ИЛТИҶО

Худовандо, диле аз нав бино кун,
Маро аз банди танҳоӣ раҳо кун.
Сароби худфиребиро бибандо,
Ба роҳи худшиносӣ раҳнамо кун.

Ба фикру зикри бепоёни айём
Расад рӯзу шаби умрам ба фарҷом.
Дили оворагардамро бубахшо
Раҳеву раҳбаре ҳангоми анҷом.

На расми дилбарӣ донад дили ман,
На оини сабурӣ мепазирад.
Ба рӯи хоку хокистар нишаста,
Тавони ношикастанро нагирад.

Умеди рафтаам н-ояд дигар боз,
На ғамхоре, на розамро ҳамовоз.
Миёни растагориям шикаста,
Надорад мурғи рӯҳам боли парвоз.

Худовандо, дили шодам ато кун,
Ки дигар тоқати хорӣ надорам,
Ба ёди атромези ҳавасҳо
Гирифторам, гирифторе надорам.

Дилам аз тираабри дида хаста,
Чу борон рехт, ман ҳам гиря кардам.
Ғубори баргҳои хотирамро
Ба ашкам шуста, бар ғам ҳадя кардам.

Ба шоху навдаҳои токи ҳавлӣ
Сафо мекошт борони баҳорӣ.
Вале аз гавҳари ашки тари ман
Азо медошт чашми интизорӣ.

Ба гӯши раъду барқи навбаҳорон
Таваллоям гадои ноумед аст.
Худоё, тифли нозам дар кафи дил,
Гумонаш барқ пайғоми навид аст.

## НИГАРОНӢ

*Як бори дигар ханда ба лаб мешуда бошад?*
***Ашӯр Сафар***

Як рӯзи Худо рӯзи амон мешуда бошад,
Ҳар он чӣ дилам хост, ҳамон мешуда бошад?

Чун ишқ, ки парвои маҳу сол надорад,
Армони дилам тозаҷавон мешуда бошад?

Як умр ба таъзими сухан хома сар афканд,
Як рӯз сарафрози ҷаҳон мешуда бошад?

Гӯянд қалам гуфт, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Ин шоҳи ҷаҳон ризқрасон мешуда бошад?

Бар ваъдахилофони раҳи меҳру вафоям
Фарёди дилам бонги азон мешуда бошад?

Бар хоҳари ҳайрону ҷигарсӯзу ҷавонам
Исои тараб муждарасон мешуда бошад?

Аз чак-чаки ашкам, ки чу борони баҳор аст,
Дунёи дилам баҳри дамон мешуда бошад?

Бедоди замон бурд азизони ман аз бар,
Бедодгарӣ сер зи ҷон мешуда бошад?

Сарсабзии пиндори ману ёди ту некӯст,
Бунёди ҷафои ту хазон мешуда бошад?

Гар Меҳринисо рафт зи ёди шаҳи эҳсон,
Эҳсони Худоӣ нигарон мешуда бошад?

## ТАРОНАИ ВАТАН

Тоҷикистон, мулки армони манӣ,
Орамида дар дилу ҷони манӣ.
Аз манӣ ту бо ҳама шодиву ғам,
Дини ман, оину имони манӣ.

Ту бузургӣ бо ҳама шаҳномаҳо,
Бекаронӣ дар нигоҳи сабзи мо.
Ҳар куҷо гар тоҷике ҷӯяд мақом,
Номи ту ӯро расонад бар само.

Эй Ватан, ман шукргӯи номи ту,
Бо ҳама буду набудам роми ту.
Ту Масеҳои шууру шеъри ман,
Нӯшдоруи ман андар ҷоми ту.

Васфи ту поён надорад, кишварам,
Месароям, месарояд ӯву ман.
Равнақатро эътиборатро ба меҳр,
Ахтари болидарӯҳи саъди ман.

Эй Ватан, меҳробу имонам туӣ,
Ворисi авлоди Сомонам туӣ.
Ҷаннати зебои армонам туӣ,
Тоҷикистон, Тоҷикистонам туӣ.

* * *

Зи озори дилозорон чунон беҳолу беморам,
Ки меларзад зи овозе дилу дунё ба пиндорам.
Вафодорон куҷо рафтанд, бикшоям забонамро,
Ки тӯтиро аҷаб ояд зи гуфтори шакарборам.
Тавони дӯстдоронро ҳавои ҳирс бигрифта,
Куҷо нуру навиди ишқ бошад то ҳаводорам?
Набинам то фиребу нашканам паймонаҳои меҳр,
Ман аз лутфи дурӯғини азизон рӯза медорам.

Тамоми ишқу армону ҳавасҳои ниҳонамро
Ба домони таманнои дили озурда меборам.
На аз худ мешавам берун, на бар худ гаштаам мафтун,
Ман аз ҳангомаҷӯёни зи худ бегона безорам.
Ҳазорон лола мерӯяд ба боғи сабзи сабри ман,
Тамизи зиндагониро бад-ин сон дӯст медорам.

## СИПОС

Дар ишқи ту гум гаштаам
Сар то ба по, сар то ба по,
Расвои мардум гаштаам,
Савдо макун ҷони маро.

Паймони нобишкастаам,
Чашми сухангӯям нигар.
Пайки зулоли зиндагӣ,
Ҳар қатра чун луълуи тар.

Пиндоштӣ аз ҷабри ту
Уфтодаву ранҷидаам.
Не, ҷони ман, ман хешро
Бо ранҷи ту санҷидаам.

Дар ахтаре, к-аз чашми бахт
Уфтода рӯи дасти ман,
Сад раҳ ҷамоли дилбари
Хушрӯи худро дидаам.

Оё ту медонӣ, ки чист
Эъҷози парвози хаёл?
Атри фазои фосила
Аз гулшанистони камол.

Бо як нигаҳ бахшидаӣ
Анвори роҳи орифон.
Ҳайф аст, агар бо ин мақом
Гӯям, туӣ як бенишон.

Ман бо хаёли растану
Аз худ гузаштан бедареғ.
Ман бо хумори диданат
То Каҳкашон пар мекашам.

Ман бо сафои лаҳзаҳо,
Бо боли парвози шукӯҳ
Андар тарозуи хирад
Ҳамосаро бар мекашам.

Бар буду нобуду дареғ,
Эй ҷони ман, бовар макун.
Худро ба ҳалли ҳоиле
Беҳуда дарди сар макун!

## ИСРОР

Дар дили шабҳо моҳи ягона,
Дар ноумедӣ ҳастӣ баҳона.
Бе ту чӣ танҳо, бо ту ҷаҳонам,
Саҳбои ишқам беобу дона.

Ту дар нигоҳам мисли ҳилолӣ,
Дил мерабоӣ бе қилу қоле.
Бар гӯши борон, абри баҳорон,
Хонам шабу рӯз, ту бемисолӣ.

Ман бе ту ҳеҷам, зору парешам,
Бе ёди рӯят безори хешам.
Чун барги резон ашкам марезон,
Ман лоиқи ту, ошиқ ҳамешам.

* * *

Дӯстонро мепарастам, гарчи инкорам кунанд,
Дар гулистони фаромӯшӣ гули хорам кунанд.
Ман гарониро ба дӯши нозуки худ мекашам,
Миннати роҳат намехоҳам, агар борам кунанд.

Ғунчасон дар худ ниҳонам аз камоли дилбарӣ,
Бедилон, тарсам, ба дарди дил гирифторам кунанд.
Ман ба инсонҳои комил оварам рӯи ниёз,
То ба некӯӣ накӯиро падидорам кунанд.
Аз қаноат қасри тамкин дораму ҳукмам равост,
Аз карам захме нахоҳам, гарчи зинҳорам кунанд.
Нолаи найро пазирам бо нафасҳои баҳор,
Тоирон бо хушхабарҳо субҳ бедорам кунанд.
Мӯҳтавои зиндагиву шеъри ман одамгарист,
Гар ба рӯзе ноқидон таҳлили осорам кунанд.

* * *

Пурсадотар аз сукутам дар мақоми эътибор,
Бесадотар аз зуҳурам дар сарои ифтихор.

Ман набитвонам ситонам ҳаққи худро аз ҳуқуқ,
Бо Аналҳақ ҳамчу Ҳаллоҷе равам бар пои дор.

Қалби Юсуфии ман дар ҷоҳи ҳайронии фақр,
Бенавотар аз навоям дар русуми рӯзгор.

Аз баҳористони посу имтиёзам дури дур,
Гарчи меорам ба мардум муждаҳои навбаҳор.

Хуш лагадмоли ҳаводис гаштаам аз боварӣ,
Хуш намеёбам даме, к-аз хеш бинмоям фирор.

Соҳири қурбу қаноат мекашад поям ба банд,
Бо далеле, ки надорам ман тамаъ аз гиру дор.

Ихтиёрӣ меравам то сарҳади зебои ишқ,
Инбисотам бо худу танҳоӣ оин асту кор.

Дар сукутам оламе дорам ба шукри инзиво,
Сарви озоди хамӯшам, к-аз руунат растагор.

## НОМА

*Ба устод Гулрухсор*
*дар айёми ғурбатбор*

Эй дӯст, қимати умр беҳтар зи ман ту донӣ,
Бар дӯши маҳмилам бор андӯҳи саргаронӣ.

Гуфтӣ, ки меҳр дар чашм,оре хато накардӣ,
Зеро ба чашми дил ҷо будиву ҳам бимонӣ.

То рафтаӣ зи дида, ҳоли маро кӣ дида?
Кас нест, то бигӯям аз Карбалои сонӣ.

Ту дури дуру ман низ аз нур бенасибам
Дар маҳфили зағанҳо, дар аҳди бадгумонӣ.

Болу парам шикаста, шедам ба шаб нишаста,
Чун пар кашам аз ин хок, аз манзили каёнӣ?

Бемору бетабибам, беш аз ту ман ғарибам,
Бо марги худ қарибам дар шоми бенишонӣ.

Ин ҷо шабеву тира, он ҷо ҳавои ғурбат,
Ёрони бемурувват гӯянд, ки хуш фалонӣ.

Ин бахти тирарангам, хуш мекушад ба нангам,
Захме садо надорад, то даркашам фиғоне.

Чархам агар ситезад, хоки маро бибезад,
Як зарра ҳам нарезад аз Меҳр меҳрубонӣ.

Хоҳӣ ту боварам кун, хоҳӣ бигӯ баду нек,
Як умр мегурезам аз ҳарзаҳои фонӣ.

Неку бади ҷаҳонро бас бар Худо супурда,
Ҳар ҷо ки бошӣ, хуш бош, то ҳаст зиндагонӣ.

## МАШЪАЛАФРӮЗ

Шаҳдухти ҳунар чу машъал афрӯхт,
Бунёди чаҳолати замон сӯхт.
Эзад ба лаби гули чу моҳаш
Эъҷози суханварӣ биёмӯхт.

Гулрез каломи безаволаш,
Гулбез ҷамоли бемисолаш.
Эҳсони Худоиву бузургӣ
Бодову бувад ҳама ҳалолаш.

Дар асл асилу нозанин аст,
Ҳақгӯву ҳақиқати яқин аст.
Чун модари миллати сарафроз
Якрӯву адолатофарин аст.

Эй неъмати мову ганҷи фардо,
Сармояи мову дурри якто.
Дар шаъну шарофату наҷобат
Сархайли муҳаббат аз таҷалло.

Шоистаи беҳтарин чакома,
Боистаи қадру қурби хома.
Бо рафъати сабзу набзи розаш
Зебост чу зикри ному нома.

## ТУ НУРИ БАРҚИ КӮҲИСТОН

Ту пурсидӣ, гуноҳам чист?
Ҳама хомӯш лаб бастанд.
Хамӯширо набишкастанд.
Магар сайёд, ки медид
Ба сӯи сайди худ бо фанд.
Касе ҳозир набуд шояд, бигӯяд, ки
Худогоҳест!

Касе ҳиммат накард шояд, бигӯяд, ки
Гуноҳат нест!
Хамушӣ густариш меёфт,
Ҳасуде пайту чаҳ мекофт,
Зи нохун чирки маҳ мекофт.
Ҳама сокит, пакар ё худ, ки кар буданд,
Азизон дар ба дар буданд…
Фақат дидам парастуро
Ба шохи «Рӯҳи урёнат»,
Ки аз нокомӣ меларзад ва мехонад:
«…Ҳар кӣ аз бонги ҳақиқат мерамад,
Ҳафт пушти ҳақрасонро душман аст.
Ҳар хирадманде, ки меварзад сукут,
Дар ҳалокам зомини хуни ман аст».
Чӣ шаккокӣ,
Чӣ бебокӣ.
Чӣ ҳақгӯӣ бад-ин бовар,
Ки огаҳро дар ин кишвар
Харидоре набуду нест.
Аз он ки ишқ ин ҷо
Гурги Юсуф буду аз дере
Ба бадномӣ ҳасудон шӯҳра мекарданд.
Ту худ беҳтар ҳамедонӣ,
Ки эшон душмани дарданд,
Номарданд.
Гуноҳи ту «бузург», охир,
Ба пеши ҷоҳилон имрӯз,
Ки бо ин қадр доноӣ намедонӣ
Замири душманонатро,
Рақиби ақлу ҷонатро,
Замонатро, хиёнатро…
Ту барҳақ гулнамо будӣ,
Ки аз шохи наботи худ
Магасҳоро ҳамерондӣ.
Ва зоҳирсози софилро
Ту соҳибдил намехондӣ.
Ту будӣ офтобу тӯдаи шабтобҳо дар мулк
Зи беқадрии худ умре нишаста ғусса мехӯрданд.

Чу аз нури ту мемурданд,
Ба ҳуснат рашк мебурданд
Ва инак бахташон тобид
Замона ҷоҳилон зоид.
Ва аз ҷаҳлу ҷаҳолат
Зулмате қоиммақоми ин Ватан гардид,
Парасту кӯч басту нур файзаш аз чаман барчид.
На пайғамбар будӣ, охир,
Фаришта кай бувад инсон?
На худро ҳомии ин миллати садпора мехондӣ,
Фақат аз рӯи биноӣ, ки Эзад ройгон дода
Халоиқро ба сӯи нур, сӯи чора мехондӣ,
Ту нури барқи кӯҳистон,
На дудиву на хокистар.
Парасторони оташро
Набошад кайфари дигар.
Ҷурм ин аст,
Ҷурм ин аст!

## САДОЯТ РАМЗИ ЗЕБОИ МУҲАББАТ

*Ба Ҷамшеди Исмоил*

Ту нуриву шабистонро нахоҳӣ,
Хасу хори гулистонро нахоҳӣ.
Садоят рамзи зебои муҳаббат,
Парешонии инсонро нахоҳӣ.

Бувад ҷое, ки найрангеву тазвир,
Дили нарми туро тоби будан нест.
Сари болову рӯҳи саркашатро
Ниёзе бар намози мову ман нест.

Ба дунёи назокатҳои розат
На ҳар кас метавонад раҳ бигирад.
Туро он кас шиносад, ки ба ёрон
Дилу ҷонро бубахшояд, намирад.

Туро Эзид, ки аз гил н-офарида,
Туро аз пораи дил офарида.
Ба базми дӯстиву дӯстдорон
Аҷаб Ҷамшеди хушгил офарида.

Саро, Ҷамшед, то вақте ки шед аст,
Маю ҷоми Ҷаму ишқу умед аст.
Саро бо лаҳни шевоят, ки дилро
Навозишҳои зебоят навид аст.

## ЭҲДО

*Ба беҳтарину хубтарин азизи*
*зиндагисоз баъди модарам*

Ном Зебо, хислату андом зебо,
Ҷони ман, Зебои зебо,
Зинда бошӣ дар барам.
Ман пас аз ту омадам дар ин ҷаҳон,
Ту бузургиву бузург андар мақомӣ, хоҳарам.
Зиндагӣ майдони разму имтиҳони неку бад,
Пири ман, тадбири ман ҳастӣ ба ҷои модарам.

Дӯстдори волидониву ба ҷони ман қарин,
Беҳтар аз ҷони азизу дар садоқат беҳтарин.
Шоирам ман, лек ҳангоме ту мегӯӣ сухан,
Аз лабонат мечакад шаҳду каломи шаккарин.

Хоксорӣ, ман вале хокӣ намегӯям туро,
Гавҳарӣ, к-аз дидаи нуру сафо афтодаӣ.
Хуш ба ҳолам, ки туро дорам, надорам ғуссае,
Хоҳарам, дарси вафодорӣ ба ман ту додаӣ.

Ман навомӯзам, туӣ омӯзгори зиндагӣ,
Шукри рӯзу рӯзгоронро ту гӯӣ зери лаб.
Хоҳарам, умри дарозу пур зи эъҷози туро
Аз Худои меҳрубон як умр ман дорам талаб.

## ЧУН ТУ ДИГАРЕ ПАЙДО НЕСТ

*Ба ошнои фариштаҳои нур –*
*ба Муҳиддин Олимпур*

Кӣ ба лабҳои ту зад мӯҳри ситам?
Кӣ туро, ҷисми туро барҳам зад?
Кӣ ба он сина, ки буд оинаи розу ниёз,
Дашнаи марг ба сангиндилии мубҳам зад?

Ба гузаргоҳи насим,
сояву барг,
Ба гузаргоҳи ҳавасҳои накӯ,
Ба гузаргоҳи ҳама тобиши нур,
Тозатар аз гулу савсан лаби ҷӯ,
Кӣ бизад оташи ғам?
Кӣ ниҳод мӯҳри ситам?

Марги мардонаи ту пеши заифони замон
Зиндагиномаи сад хашму ҷасорат ба ситам.
Ту сарафроз ба домони замин бурда намоз,
Рӯзи милоди ҳақиқат нашавад пушти ту хам.

Он шаби тираву торик ба сӯгу ғами ту
Каҳкашонро набудӣ рӯ, ки ба дарё нигарад.
Моҳ шармандаи хуршед бад-ин ночорӣ,
Ки ба нури азалӣ синаи ялдо бидарад.

Мавҷи сангини замон бо табаҳӣ мегузарад,
Аз дили нур шаби тори замон даргузар аст.
Наъраи нафрати мардум ба сари зулмати шум
Мезанад санги ҳақорат, ки Худо бохабар аст.

Таъми талхӣ ба даҳон, аҳли ҳунар хомӯш аст,
Тарабу тантанаи шӯъбадабозон ба ҳаво.
Олам аз бӯи ғализи ҷигари сӯхта сӯхт,
Табли беорӣ занад ғофили берӯю риё.

Интиқом аз лаби андеша яқин мешукуфад,
Марги зебои ту милоди дусад бедорист.
Аз гиребони ҷаҳолат бикашад панҷаи хашм,
Лек, афсӯс, ки чун ту дигаре пайдо нест.

## НАВОИ МАСТОНА

*Ба ҳунарманди мумтоз*
*Мастона Эргашева*

Матои ишқ дар бозори маънӣ номуқаддар нест,
Баҳои савту оҳанги ту андар ширу шаккар нест.

Агар булбул ба завқи гул суруди тоза мехонад,
Зағанро ин фиребоӣ ба ду олам муяссар нест.

Наменолад зи дарди бедавои дил гадои ишқ,
Ки доруи дили ошиқ ба ҷуз тимори дилбар нест.

Ҳаменозад дили шайдову меболад зи дарди ишқ,
Худоё, ин таҳаммулро нигар, ки дар самандар нест.

Зи боғи ҷовидонсабзи ғазал гулдаста мечинӣ,
Куҷо қалбе, ки аз созу навои ту мусаххар нест?!

Ту эй Мастона, чун хонӣ Наворо бо навои хеш,
Касе андар мақому соз мисли ту музаффар нест.

## ПАДРУД

Фурсат расидааст,
Оҳанги растан аст.
Анҷоми лаҳзаҳо
Дар худ шикастан аст.

Дар кӯчабоғи ишқ
Барги хазони «хайр».
Серуни ваъдаҳо
Боди вазони хайр.

Абри хаёли ман
Борони силсила.
Ёдат ба хайр бод,
Дар фасли фосила.

## БАРОИ ТУ

Дар ғуруби атрогини ҳавас,
Дар паноҳи ояи сабзи баҳор
Ёди гулпӯши ту дар марзи сукут,
Пурсадотар аз ғиреви обшор.

Дар биёбони умеди вопасин,
Орзуи абру борон хандарез.
Аз канори ёди ғампӯшам гузар,
Эй ҳабиби аз башорат дар гурез.

Эй раҳи уммедҳоят сабзи сабз,
Бар дафи фарёди ман нохун мазан.
Чорбоғи хотири шодоби ту
Роҳате дорад, вале не баҳри ман.

Аз ҷаҳони танги танҳоям гурез,
Бо тагарги ашки беорам ситез.
Ман ба ҷӯи хушк меборам сиришк,
Оташи андӯҳ бар ҷонам марез.

Эй таманнои булӯринам нисор
Бар қадамҳои фирори ёди ту.
Мекашам аз маҳбаси сарди дилам
Ёдгори аҳди бебунёди ту.

Баъдҳо мисли ҳамеша бениёз
Ман намеҷӯям туро аз ёдҳо.
Аз яхистони сукутам мепарад
Мурғи беболу пари фарёдҳо.

## МАЗҲАРИ ИШҚУ УМЕДАМ

Тоҷикистон,
Ман намозамро ба номат мегузорам тоҷикӣ,
Ифтихорам тоҷикӣ, дору надорам тоҷикӣ.
Атромезу фараҳафзо ҳавои кишварам,
Лафзи ширину забони ширадорам тоҷикӣ.
Дар саховат офтобам, дар тараҳҳум масли абр,
З-оташи суғдон ба ҷонам сӯз дорам тоҷикӣ.
Хоки пои дӯстонро тӯтиё созам ба чашм,
Нури дида тоҷи сар бошад шиорам тоҷикӣ.
Рӯзи шодиям намедонам кӣ омад, бо кӣ рафт,
Дар азоям дӯстонро мешуморам тоҷикӣ.
Гушна мегардам, вале ояд ба дидорам ҳабиб,
Ҳар чӣ дорам рӯи хонам мегузорам тоҷикӣ.
Аҳли сомонам, мусулмон, дар садоқат комилам,
Аз Худои меҳрубон уммедворам тоҷикӣ.
Ваҳдати миллат таманнои дили Меҳринисо,
Ин башорат шӯълаи санги мазорам тоҷикӣ.

## МЕҲР

Ватан ту сарнавишти ман,
Фақат туӣ биҳишти ман.
Ту ҳам мадору ҳам табор,
Ту асли ман, сиришти ман.

Ягонаӣ ту бегумон,
Равӣ манам, ту ҷовидон.
Зи рафтагони меҳрубон
Ватан, туӣ ба ман нишон.

Чаро наболам, эй Ватан,
Ба обу хоку кӯҳи ту.
Чаро накӯшам,эй Ватан,
Ба нусрату шукӯҳи ту.

Барои ту, ба номи ту
Намозам ибтидо кунам.
Ба ҳифзи нангу ори ту
Қасам, ки ҷон фидо кунам.

Ватан, ту тоҷу тахти ман,
Ту обрӯ, ту бахти ман.
Туӣ ягона муттако,
Ба сӯзу рӯзи сахти ман!

Баҳори ту- баҳори ман,
Хазони ту - хазони ман.
Тавони ҷисму ҷони ман,
Ман аз ту, ту аз они ман.

## ИБОДАТГОҲ

Ту бораи саиди ман,
Макони моҳу шеди ман.
Нишаста дар равоқи ту
Кабӯтари умеди ман.

Ба даври шамъи рӯи ту
Бичархад ифтихори ман.
Ба ҷашни бошукӯҳи ту
Таронагӯ ҳазори ман.

Тулӯи ту маҳорат аст,
Шукӯҳи ту шаҳомат аст.
Ба ҳар куҷо, ки по ниҳам,
Ишораи ибодат аст.

Катибаҳои меҳри ман
Фидои нусрати ту бод.
Ягонаӣ ту кишварам,
Нумӯ ба қудрати ту бод!

## ТАРОНА

Эй мазҳари уммедам,
Бархостгаҳи шедам.
Ту меҳвари уммедӣ,
Ман даври ту мегардам.

Шодобӣ аз они ту,
Сомонӣ тавони ту.
Бо Рӯдакию Сино
Нерӯ ба равони ту.

Ту ҷону тани тоҷик,
Боғу чамани тоҷик.
Ту шамъи фурӯзонфар
Дар анҷумани тоҷик.

Мероси ниёгонам,
Маъвои азизонам.
Зебо Ватанам, ҷонам,
Ту Каъбаи имонам,

Бо чанд ҳаво хонам
Байту ғазали шонат.
Сарбайти навои дил
Фардои дурахшонат!

* * *

Ҳар гоҳ, ки овози ҳазор аз чаман ояд,
Овозаи ободии зебоватан ояд.
Бар ҷилваи ҳар сабза диҳам гӯш, ки шояд
Пайғом аз он қофиласолори ман ояд.
Аз нола бипарҳезаму хомӯшӣ пазирам,
Бар хотири ман хотираҳо бесухан ояд.
Андар вароқи санг нависам сухани ишқ,
То нола бурун аз дили хорошикан ояд.
Тарки назарам кардию лутфи ту зиёда,
Бар Меҳринисо кош, ки лутфи сухан ояд.

## КАЪБАИ ДИЛ

Аз Бухоро то Душанбе,
Аз Зарафшон то Бадахшон.
Сарзамини Тоҷикистон,
Баҳри мо густурда домон.
Тоҷикистион, Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон.

Тоҷдорӣ суннати мо,
Растагорӣ зинати мо,
Бахту тахту савлати мо
Бошад андар ваҳдати мо.
Тоҷикистон,Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон.

Қуллаҳоят пуштибонам,
Чашмаҳоят ҳамзабонам.
Ман биҳишти ҷовидонро
Ҷуз канорат менадонам.
Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон.

Одати мо - хушзабонӣ,
Олами мо - нуктадонӣ.
Мазҳари ишқи илоҳӣ,
Маснади пири маъонӣ.
Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Каъбаи дил, нури имон!

## ИФТИХОР

Тоҷикистон дар забони ширадорам ширaӣ,
Нест дар рӯи замин монанди ту зебо диёр.
Шукри он, ки ин Ватанро такядорӣ мекунам,
Шукри он, ки дар канорам кӯҳҳоят устувор.

Тоҷикистон, сарзамини шеъру шоирпараварам,
Тоҷикистон, зодгоҳи Рӯдакиву модарам.
Гар надонам қимати ҳар зарраи хоки туро,
Хоки олам, хоки олам, хоки олам бар сарам!

Сар ба сар шебу фарозатро ба ҷон паймудаам,
Дар сари гӯри бузургон илтиҷо бинмудаам.
То Худои меҳрубон халқи маро дорад нигоҳ
Дар паноҳаш аз балоҳои баду ҷурму гуноҳ.

Тоҷикистон, мазҳари ишқу умеди ориён,
Тӯҳфаи беминнати парвардигорам дар ҷаҳон.
Ифтихорам, иқтидорам, ҳам сари болои ман,
Ҷовидонӣ, ҷовидонӣ дар мақоми худ бимон!

## ДУШАНБЕ

Ту шаҳри нуру имонӣ, Душанбе,
Маро беҳтар ту аз ҷонӣ, Душанбе.
Ғуруби моҳу хуршедат гуворо,
Фурӯғи шавкату шонӣ, Душанбе.
Мазори мири Сомон дар Бухорост,
Мақоми Оли Сомонӣ, Душанбе.
Ба мижгонам бирӯбам хоки роҳат,
Қадамҷои бузургонӣ, Душанбе.
Чӣ кавсарҳост дар оғӯши меҳрат,
Биҳишти сониро монӣ, Душанбе.
Суруди ишқ хонад оби Варзоб,
Ту паймонро нигаҳбонӣ, Душанбе.
Ба ҳар ҷо меравам ёди ту бар сар,
Ту мероси ниёгонӣ, Душанбе.
Ба иқболу ба истиқболи тоҷик
Ҳамеша ҷовидон монӣ, Душанбе.

## СУРУДИ СУЛҲИ ОСИЁ

Суруди сулҳи Осиё таронаи башар шавад,
Ҷаҳони бекаронаро каронаи зафар шавад.
Зи нури офтоби дил ба дидаи назар шавад,
Дирафши Ковиёнае барои баҳру бар шавад.
    Садои сулҳи Осиё, сурӯши мо, сурӯши мо,
    Бақои сулҳи ҷовидон ба дӯши мо, ба дӯши мо.
Зи Чину Ҳинду Куриё, зи Бону Русу Токио,
Зи Непалу зи Туркиё, зи Ховарони Ориё.
Зи обу гил, зи ҷону дил дамида аз барои дил,
Чу охирин ҳавои дил диҳад сафои Осиё.
    Садои сулҳи Осиё, сурӯши мо, сурӯши мо,
    Бақои сулҳи ҷовидон ба дӯши мо, ба дӯши мо.
Бинои маърифат бувад бинои сулҳи Осиё,
Нидои офият бувад нидои сулҳи Осиё.
Сарои оқибат бувад сарои сулҳи Осиё,
Савоби ду ҷаҳон бувад барои сулҳи Осиё.
    Садои сулҳи Осиё, сурӯши мо, сурӯши мо,
    Бақои сулҳи ҷовидон ба дӯши мо, ба дӯши мо.

## БОМИЁН

*Аз раҳи девона худро дур дор.*
***Халилуллоҳи Халилӣ***

Тоҷи фахру пайкари фарҳанг Буддои азим,
Солиён истода дар меҳроби қалби ориён,
Бо ҷилову бо атои тоқҳои ранг – ранг
Мужда медодӣ саборо аз дирафши Ковиён.

Ҳайкали Буддо ниёзи ишқу меҳри зиндагӣ,
Эҳтиёҷи панҷаи хорошикан бар суннаташ.
Дар канори хораи хомӯши қалби Ҳиндукуш,
Инбисоти як ҳунарвар бо худу бо санъаташ.

Дар ҳариқи панҷаи зебонигори он замон
Мегудозад санг бо эъҷози афкори баланд.

Маъбади хушрангубору ифтихори Ғул-ғула,
Бомдоди ошиқонро менамояд дилписанд.

Бут ҳадиси орамидан, шод будан буду бас,
Лаҳзае дар ҳолаи имдод будан буду бас.
Дар дили санге дурахши ифтихору боварӣ,
Ҳоиле бар рағми ҳар бедод будан буду бас.

Барбариву зулм бо ангораҳои Бомиён,
Интиҳои интиқоми ҷаҳли оламсӯз буд.
Аз раҳи девона худро дурафган буду лек
Марзу буми Ориёно маътали Наврӯз буд.

* * *

Бомиён, эй шоҳшаҳри ориён,
Эй мақоми нуру армони каён.
Боз меояд ҳунарманде, ки некӯахтар аст,
То ба сангу сахраи хоки ту эъҷоз оварад,
Шавкату шони бузургонро ба ту боз оварад!

## ШАҲРИ МЕҲР

Шаҳри меҳру меҳрубонам, Панҷакент,
Аз бузургонам нишонам, Панҷакент.
Домани сабзи ту монои биҳишт,
Ҷаннати рӯи ҷаҳонам, Панҷакент.
Мардумонат хоксору сарбаланд,
Ин қадарро хуб донам, Панҷакент.
Офтоб аз кӯҳсорон сар кашад,
Офтоби ҷисму ҷонам, Панҷакент.
Аз Бухорову Самарқанди куҳан
Армуғони арғувонам, Панҷакент.
Дар паноҳи пандҳои Рӯдакӣ
Ту баҳори бехазонам, Панҷакент.
Бо Авастову Деваштич,бо каён,
Соҳиби ганҷи равонам, Панҷакент.
Дур бодо чашми бад аз рӯи ту,
Ёдгори қудсиёнам, Панҷакент.

Чашмасори ту ҳама оби ҳаёт,
Зарфишону гулфишонам, Панҷакент.
Ҳофизи Меҳринисо то ҷовидон,
Ҷовидона ҷовидонам, Панҷакент.

## ПАЙВАНД

Шаҳри ман, хеле бароям ту азиз,
Ту нигаҳбонӣ маро то растахез.
Оташи Зардушт пайдову ниҳон
Аз нигоҳи меҳрборам шӯълarез.

Рӯди ту сарбайти ашъори ман аст,
Ёди ту ҳар лаҳза дар ёди ман аст.
Панҷакентам, домани сарсабзи ту
Ҷонамози иффату ори ман аст.

Ҳамчу тифли ташнакому ташналаб,
Сӯи ту чашми умедам рӯзу шаб.
Ман шукӯҳу эътиборатро мудом
Аз Худои меҳрабон дорам талаб.

Кӯдакиву наврасиҳоям ҳанӯз
Мекашад аз домани армони ман.
Дар Душанбе нестам ман хору зор,
Лек пазмони ту бошад ҷону тан.

Чун парасту сӯи ту пар мекашам,
То бимонам дар канорат ҷовидон.
То ба оғӯшам кашӣ чун модарам,
То бигӯӣ: духтарам, бо ман бимон!

## ШАҲРИ НУР

Дар гӯшаи дури дури дур он дури дур,
Шаҳре ба навои тору танбӯру сурур.
Шаҳре ба мақоми аршу ҷавлонгаҳи нур,
Фарёд кунад марову хонад ба ҳузур.

Ин шаҳр сафои ҷону имони ман аст,
Бо оташи Зардуҳишт дармони ман аст.
Бо чашмаву руду уди устоди Сухан,
Як пораи хоки Тоҷикистони ман аст.

## МЕҲРИ ҲАЁТ

Ман туро бо хандаи ширини тифлона ба хоб,
Ман туро бо партави хуршеди раста аз саҳоб,
Ман туро бо ҷилваи барқи шаби бемоҳтоб,
Ман туро бо шаршара, бо пайкари ларзони об
Дӯст медорам, ҳаёт!

Бо садои хониши булбул ба ҳангоми сахар,
Бо нишоти шабнами рахшони гулбаргони тар,
Бо қатори турнаҳои бозгашта аз сафар,
Ман туро бо тифли хушбахте дар оғӯши падар
Дӯст медорам, ҳаёт.

Ман туро бо пуштаҳои хафтранги кӯҳсор,
Ман туро бо қуллаҳҳои сарсафеди бурдбор,
Ман туро бо даштҳои беканори зарнисор,
Ман туро бо меҳри бепоёни фарди устувор
Дӯст медорам, ҳаёт.

## ДЕҲА

Ба паҳлӯи гулу себарга хуфтан,
Ҳама шаб рози худ бо чашма гуфтан,
Саҳар чун ғунчаҳои тар шукуфтан,
Агар хоҳӣ, биё бар деҳаи ман.

Канори боғу даври хон гуворост,
Насиҳатгӯии пирон гуворост.
Дили шаб бо навои обшорон
Шамими накҳати райҳон гуворост.

Зи як сӯ хандаи гул мебарад дил,
Чӣ хуш овои булбул мебарад дил.
Буни гаҳвора, рӯи бистари ноз,
Ғаноби тифли ширин мебарад дил.

Насими нарм бӯи тоза дорад,
Ҷилое гунбади фирӯза дорад.
Дар ин ҷо, бе муҳобо, эй азизон,
Табиат ҳусни беандоза дорад.

## МАҚОМ

Лаҳзае, ки пандгӯён Рӯдакӣ
Тарк гуфтӣ олами дунпарвараш,
Мебудӣ гар молике дар мулки ӯ,
Мумиёӣ менамудӣ пайкараш.

Мисли аҳроми бузурги мисриён дар Панҷрӯд,
Пайкари пири хирад то Каҳкашон сар мекашид.
Солиён ин хоки шоирзод бо лутфи калом
Ташнагони шеърро ҳамвора дар бар мекашид.

Дар фироқи Рӯдакӣ аҳли ҳунарманди замон
Дар дили худ аз муҳаббат маъбаде бунёд кард.
Баъди даҳ садсола дар оғӯши сабзи деҳкада
Халқи тоҷик каъбаашро оқибат обод кард.

То Бухоро меравад рӯди Зарафшон зарфишон,
Дар сароғи шоири олимақоми хештан.
Аз замоне, ки суханро Рӯдакӣ парвоз дод,
То замине, ки бирӯяд аз дилаш шеъру сухан.

## ВИДОИ РУХШОНА

Ман мераваму равонам ин ҷост,
Дар ҳар ду ҷаҳон ҷаҳонам ин ҷост.
Эй ҳамватанон, сияҳ мапӯшед,
Гаҳвораи сабзи ҷонам ин ҷост.

Ангуштнамои ҳафт кишвар
Бар ними ҷаҳон кашида лашкар.
Бар кӯи фироқи ман фитода,
Пирӯз манам, на ин Сикандар.

Озурдадилам ба зери афлок,
Ишқи Ватанам маро ҷиҳоз аст.
Дар мулки ғариб бонуи шоҳ
Бо оташи Суғд дар гудоз аст.

Ҳар шом ситораи умедам
Бо ёди шумо дурахшад аз дур.
Донам, ки чароғи ёди меҳан
Дунёи маро фурӯзад аз нур.

Ҳар қатраи ашки ҳасрати ман
Лӯълӯи тар аст аз Устурӯшан.
Ҳар зарра ғубори раҳгузораш
Дорую даво ба ғурбати ман.

Дил мондаву дил супурда рафтам,
Рахшона чу шамъи мурда рафтам.
Сегонаи панди ориёнро
Бо ҷону дилам суруда рафтам.

Фасле, ки барои васл бошад,
Ин фосиларо на фасл бошад.
Пайдост, ки оқибат ба зинҳор
Пайвастани ман ба асл бошад.

## ДАР СӮГИ ЛОИҚ

Дар Хуросони сухан Баҳром ку?
Лоиқи озодаи айём ку?
Ин замини ташнаро оби равон,
Ин дилу ин дидаро ором ку?

Саҳнаи шеъру ғазал ҷӯяд ҳунар,
Он ҳунарманди накӯикдом ку?
Баски оғози муҳаббат буду ишқ,
Ишқи ӯро баъд аз ин анҷом ку?
Мардумонро тоҷ будӣ дар вафо,
Он адабомӯзи хосу ом ку?
Шамс будӣ дар шабистони сухан,
Ахтари тобони субҳу шом ку?
То бигӯяд достони Ҷоми Ҷам,
Шоири мумтози соҳибҷом ку?
Ошиқони ишқро дар базми шеър
Каъбаеву обиди илҳом ку?
Эй Зарафшони куҳан, эй ҷони ман,
Он баландовоза, некӯном ку?

* * *

Зиёратгоҳи султони ғазал фасли хазон рафтам,
Дилам чун лола азрақпӯшу бо сӯзи ниҳон рафтам
Нигоҳам санги сарди мармаринашро навозишгар,
Навои «Эй фалак» дар авҷу бо оҳи гарон рафтам.
Хаёлам дар сафи болору айвони базебаш монд,
Адоям дар гулӯ печида, бо доғи замон рафтам.
Баҳори орзуяшро шукуфон дидаму лекин
Сурoғи он гули раънои боғи ошиқон рафтам.
Камоли ғайратам ҷӯшиду дарё ҳасратам нӯшид
Ва ман печида дар оҳанги мавҷи Зарфишон рафтам.
Куҷо дигар биосояд дилам дур аз канори шеър,
Ки бо дунёи зебои ғазал то ҷовидон рафтам.
Ҷаҳони Меҳр рангоранги лутфи Туғралу назмаш,
Ки атри гулситонашро шамида, бехазон рафтам.

## АҒБАИ АНЗОБ

Ағбаи Анзоб зери тарма монд,
Номаи афсӯси моро чашма хонд.
Роҳи васли ҳамдиёрон баста шуд,
Ағба аз номеҳрубонӣ хаста шуд.

Рӯи пурожанги раҳ пӯшида шуд,
Оби раҳ бо ашки мо нӯшида шуд.
Рӯзи ободӣ ба тақдираш набуд,
Ҳеҷ кас дар фикри таъмираш нашуд.

Роҳи бетаъмиру бе пушту паноҳ
Бас кашад бори маломат бегуноҳ.
Дар фарозу шеби он ҳар марди роҳ
Тавба гӯяд аз чунин ҳоли табоҳ.

Рафта ӯ аз ёди ободӣ ба бод,
Аз шиканҷи худ ҳамеомад ба дод.
Аз мусофирҳо хиҷолат мекашид,
Бори миннат, ранҷи иллат мекашид.

Эй раҳе, ки рози ман бишнидаӣ,
Борҳо ҷонам ба манзил бурдаӣ.
Зери пои чархҳои зиндагӣ
Мисли инсонҳо ту ҳам афсурдаӣ.

То баҳорони дигар бо ҳоли зор
Менишинам ман ба ёдат интизор.
Эй Худо, роҳи наҷотамро кушой,
Ман дигар роҳе надорам то диёр…

Нақби Анзобу гузаргоҳи насим
Баъдҳо монанди шаҳроҳи азим,
Роҳи ваҳдат, роҳи дилҳо, роҳи сулҳ,
Мебарад моро ба олам мустақим.

## ХУМОР

Ба ёди сӯҳбати модар,
Ба лутфу чеҳраи хоҳар,
Ба сарви қомати додар
Дилам гум мезанад ҳар дам.

Ба кавзи гӯшаи айвон,
Шукӯҳу файзи дастархон.
Ба зармаҳтоби тобистон
Дилам гум мезанад ҳар дам.

Ба шаҳди панди додоям,
Сукути ҳузни момоям,
Ба ёди кӯдакиҳоям
Дилам гум мезанад ҳар дам.

Ба субҳу шоми Панҷекат,
Ба аршу боми Панҷекат.
Ба хосу оми Панҷекат
Дилам гум мезанад ҳар дам.

## ҶОМИ ТАМАННО

Фархунда баҳор асту дилам ҷоми таманност,
Дунё ба дилу дидаи ман саҳни тамошост.
Аз партави хуршеди саҳархез нигоҳам
Рангину сафобахшу фиребандаву зебост.
То авҷи ҷунун булбулакон нағмасароянд,
Гӯё ки ба ҳам омадани Одаму Ҳаввост.
Он қадр аз ин хушдилӣ хушбинаму хушрӯй,
Хори сари раҳ дар назарам ғунчаи раъност.
Дидори ту дар қалби баҳорам гули шодист,
Хуш омадаӣ, сози нигоҳи ту тарабзост.
Дар ҷамъияти мо алами ҳаҷр ғариб аст,
Аз ҷамъии мо ҳасрати бегонагӣ танҳост.

## БА ХОТИРИ ГУЗАШТАҲО

Ба ҷодаҳои дури дур,
Ба сайри лолаву сурур.
Ба мавҷи чашмаҳои нур
Маро бихон ту ин баҳор.

Ба хатми қиссаҳои ғам,
Ба файзи сури субҳидам.
Ба дарки буду буданам
Маро бихон ту ин баҳор.

Ба партави нигоҳи шед,
Ба атри савсани сапед.
Барои муждаву навид
Маро бихон ту ин баҳор.

Ба хотири гузаштаҳо,
Умеди барнагаштаҳо.
Ба маҳфили хуҷастаҳо
Маро бихон ту ин баҳор!

## ОЯД ХУШАМ

Сӯҳбати соҳибдилон ояд хушам,
Зиндагии дилситон ояд хушам.
Дар миёни ахтарони бешумор
Чашмҳои меҳрубон ояд хушам.
Дар канори модарони бахтиёр
Хандаҳои кӯдакон ояд хушам.
Дар баҳорон рӯи бому пуштаҳо
Лолаҳои арғавон ояд хушам.
Баъди борон рӯи гулбарги таре
Сояи тиру камон ояд хушам.
Оташе ҳарчанд месӯзад дилам,
Сӯхтан чун суғдиён ояд хушам.
Дар ҷаҳони шеъру дунёи сухан
Шоири рангинбаён ояд хушам.

* * *

Дигар марав зи хонаи ман, модари азиз,
Бо ман бимон, ягонаи ман, модари азиз.
Рангинкамони олами иқболи ман туӣ,
Меҳмони бебаҳонаи ман, модари азиз.

Бо ту шукӯҳи даҳр дари хонаи ман аст,
Бо ту баҳору поизи умрам музайян аст.
Болам ба боли хотиру эҳдои сарнавишт,
Нозам, ки нури рӯи ту ҳамвора бо ман аст.

Шеъри ман аст аз ту чӣ зебову дилнишин,
Донам нишони хубию ҳусни ту дар замин.
Ҳамчун тилисми ношикан андар ҳаёти ман
Панди туву дуои ту,эй меҳрофарин.

Модар, ту бениёзию ман зори зорамат,
Болои дидаву дили худ мегузорамат.
Ту он қадар бузургию ман пеши ту ғариб,
Баъд аз Худо, Худои манӣ, дӯст дорамат.

## АФСОНАИ ШИРИН

*Ба Мӯниси азизам*

Мӯнисам ман, меҳрубону ғамгусори модарам,
Навниҳоли хуррами фасли баҳори модарам.
Кӯдакӣ афсонаи ширини бепарвоӣ аст
Дар диёри орзуву дар канори модарам.
Ман намедонам дами гармову сардиҳои умр
Бо дурахши содаи чашми хумори модарам.
Сарнавишту саргузашти одамӣ рангобаранг,
Эй хушо, дунёи сабзу беғубори модарам.
Сад ҳазорон нуктаҳо пайдову пинҳон мешаванд
Дар сукуту дар сурури ҳузнбори модарам.
Бо муҳаббат, бо садоқат, бо сипосу эҳтиром
Офтобӣ менамоям рӯзгори модарам.
Шаҳпари иқболу шодиро барои ҷовидон
Рӯзу шаб мехоҳам аз парвардгори модарам.
Бахри ман беҳад азизу арҷмандӣ, ҷони ҷон,
Бо бузургиҳои меҳрат хоксорӣ, модарам.

* * *

Ба сури хонадони ту дилам гум мезанад, модар
Ба нури дидагони ту дилам гум мезанад, модар.
Шабонгоҳон, ки бар гардун ситора мезанад чашмак,
Ба чашми меҳрубони ту дилам гум мезанад модар.
Ба ҳар маҳфил сухан гӯям, садои ту расад бар гӯш,
Ба оҳанги баёни ту дилам гум мезанад, модар.
Ба ман тӯмори дарди сар фиристӣ, то амон бошам,
Ба армони ниҳони ту дилам гум мезанад, модар.
Ба нози ман, ниёзи ман дили дардошное ку?!
Ба лутфи бехазони ту дилам гум мезанад, модар.
Касе мисли ту ошиқ не ба ин ҷону ҷаҳони ман,
Бимирам бар ҷаҳони ту,дилам гум мезанад, модар!
Баҳор асту дилам дар хонаи тангам намегунҷад,
Ба кунҷи ошёни ту, дилам гум мезанад модар.
Ту ҳастиву маро парвои меҳру меҳрабонӣ нест,
Ба меҳри ҷовидони ту дилам гум мезанад, модар.

## ФАЙЗ БИРАФТ

Модарам рахти сафар басту бирафт
Боз бар хонаву кошонаи худ.
Муддате модари ҷонпарвари ман
Меҳмон буду ба шаҳр омада буд.

Ҳайфи ман, к-ин ҳама фурсат боре
Нанишастам ба ҳузураш баҳузур.
На зи ғамҳои дилаш пурсидам
Мани пуркораки аз ҳавсала дур.

Шояд ӯ гуфтание дошт, нагуфт,
Ё ки розе ба дилаш буд ниҳон?!
Ё ки дар хилвати танҳоии худ
Монда буд қимати умраш ба мизон?!

Мани пуркораки худро чу бидид,
Лаб фурӯ баста, қарорам нашикаст.

Як чаман панду дуо монду бирафт,
Хотири сабзи ман аз ман бигусаст.

Мурғи осоиши рӯҳам бипарид,
Ҳамчунон боли Ҳумо аз сари ман.
Хонаам холию беранг шуда,
Рафт файёзи Худо аз дари ман.

## БАЪДҲО...

Баъди марги модари ман шодмонӣ шуд дигар,
Одаму олам, тамоми зиндагонӣ шуд дигар.
Шодии ман нима гашту шуд қарорам ҳам дуним,
Ними умрам рафта будасту вале ман бехабар.

Баъди марги модарам уфтод ҷоми дил зи даст,
Ҷоми армону таманною ҳавасҳоям шикаст.
Осмон бо моҳу ахтар, Каҳкашонаш шуд дигар,
Абри баҳман омаду дар хонаи чашмам нишаст.

Дар дилам дигар намегунҷад навоҳои баланд,
Ҷаҳ-ҷаҳи ширини булбул ҳам намеояд писанд.
Бо хумори модарам он қадр дилхун мешавам,
Пандгӯии азизонам ҳама носудманд.

Баъди марги модарам ман, ростӣ, мушти парам,
Бар ғаму андӯҳи танҳоӣ ҳазорон боварам.
Дар намозам, дар ниёзам, дар рукӯам, дар суҷӯд
Рӯ ба рӯям чашмҳои меҳрубони модарам.

## ҲУРИ БИҲИШТӢ

Азизон, модарамро дида будед,
Худоё, модарам мисли парӣ буд.
Садояш найнавози ҳастии ман,
Таманнояш маро болу паре буд.

Аҷаб хушрӯву хушгӯву хушовоз,
Ҳалиму хоксору зиндагисоз.
Ҳунарманду сафобахшу сафокеш,
Қаноатпеша, аммо бонуи ноз.

Гаҳе аз авлиёҳо қисса мегуфт,
Гаҳе аз анбиёву аршу курсӣ.
Гаҳе бо лутф бар мо ҳисса мекард
Ҷиҳози хонаро баҳри арӯсӣ.

Зи ранҷи дигарон ӯ ранҷ мебурд,
Барои ҳар ғарибе ғусса мехӯрд.
Намедонам, ки ин ҳури биҳиштӣ
Куҷо рафту чаро рафту чаро мурд?

## БЕПАНОҲ

Корвонро гуфтам: он уммедвори ман куҷост,
Мӯниси беминнати шабҳои тори ман куҷост?
Сорбоно, аз шитоби ту дилам таҳ мекашад,
Мӯҳлате, то аз Худо пурсам, мадори ман куҷост?
Модарам рафту сияҳ шуд пеши чашмонам тулӯъ,
Офтоби нурбахши рӯзгори ман куҷост?
Бистарамро ашк мешӯяд, ки по монад алам,
Он ягона меҳрабону дӯстдори ман куҷост?
Бо хумори кӯдакиҳоям дилам гум мезанад,
Аз биҳишти зиндагонӣ ёдгори ман куҷост?
Ин баҳорон бе баҳори рӯш гардидам хазон,
Накҳати гулҳои хушбӯи баҳори ман куҷост?
Сад бало Меҳринисо диду вале парво накард,
Оҳ месӯзад дилам, парвардгори ман куҷост?

## РОҲЕ ТО НОКУҶО

Раҳе, ки мебарад то модарам, нест,
Дилам ғам мехӯрад, ки ғамбарам нест.
Ғами худро ба кӣ гӯям дар ин шаҳр,
Ки бар ёрону ёрӣ боварам нест.

Гиреҳ андар гиреҳ уфтода мушкил,
Каси мушкилкушое дар барам нест.
Намепурсад ҳабиб аз шоми торам,
Ба гардун нимашабҳо ахтарам нест.
Сарам пурдарду ман тобе надорам,
Даво бисёру доруи сарам нест.
Аҷаб бедасту бепою ғарибам,
Мадоре дар мадору пайкарам нест.
Ниҳоли боғи уммедам хазонрез,
Навиде аз баҳори дигарам нест.
Дили Меҳринисо мамлуи дард аст,
Ки шарҳаш дар китобу дафтарам нест.

## МАН ТОҚА МОНДАМ, ОЧА

Бе ту ба зери гардун,
Бечораву ҷигархун,
Бо ғуссаҳои афзун
Ман тоқа мондам, оча.

Чун тифли бекасу кӯй,
Ҳулбӯяки лаби ҷуй.
Ашкам ба ду бари рӯй,
Ман тоқа мондам, оча.

Бо ғуссаҳову дардам,
Бо рангу рӯи зардам,
Бо сулҳу бо набардам
Ман тоқа мондам, оча.

Бе ту миёни мардум,
Чун як шиҳоби анҷум,
Оворагарди раҳгум,
Ман тоқа мондам, оча.

Дар хонаву дари ту,
Боғи санавбари ту,
Бе рӯи анвари ту
Ман тоқа мондам, оча!
Ман тоқа мондам, оча!

## ХУМОР

Овози фораматро,
Чашми гунаҳраматро,
Шодиву ҳам ғаматро
Ман ёд кардам, оча.

Болину бистаратро,
Рӯмолаки саратро,
Тӯмори дар баратро
Ман ёд кардам, оча.

Бо ман нишастанатро,
Лочира[1] бастанатро,
Армон шикастанатро
Ман ёд кардам, оча.

## САРОҒОЗИ СУРУР

Модарам, ҳуриву нурӣ, ба Худо.
Ту сароғози сурурӣ, ба Худо.
Эй азизам, ба дилам ғайри ту нест,
Ҳар кучҷоӣ ту, ҳамон ҷои хушист.

Ба гумонам, ки Худованд туро
Аз гулу мушки тар оростааст.
Ки ба зебоиву эҳсоси хушат
Дилхушӣ ҳам ба ту дил бохтааст.

[1] Лочира – ноне, ки дар маърака пухта мешавад, мисли чапотӣ, аммо хурдтар.

Шодии ман ҳама аз шодии туст,
Орзуҳои дилам рӯ ба нумӯст.
Ранҷу озори дилам моли ту нест,
Моли ту ишқу ҳавасҳои накӯст.

Ин мабодо, ки ту бемор шавӣ,
Лаҳзае дар ғами ғамхор шавӣ.
Садқаи дар бари ман будани ту,
Ман намонам нафасе хор шавӣ.

## БЕ ТУ

Бе ту андар зиндагӣ барги хазонам, модарам,
Бе ту ман танҳои танҳо дар ҷаҳонам, модарам.
Рӯзгоре орзуҳо аз дили ман рафтааст,
Ноумеду хаставу озурдаҷонам, модарам.
Пеши чашмам лаҳзаҳои вопасини умри ту,
Бар ду рӯи заъфаронии ту ҷонам, модарам.
Нозпарвар будиву нозам ҳамедодӣ ба меҳр,
Садқаи қалби бузурги ту равонам, модарам.
Дасти ларзони ту медидам, дилам таҳ мекашид,
Вой бар ҳоли дили чун арғавонам, модарам.
Пайкарам месӯзаду ғарқоби хунам аз фироқ,
Во дареғо қиматам, ганҷи равонам модарам.

* * *

Эй дӯст, биё, ки ғам шикорам накунад,
Дар рӯзи азо фироқ хорам накунад.
Мотам ба сарам фитода чун кӯҳи гарон,
Ин бори гарон бино ба борам накунад.
Аз ғам хабаре набуд мани беғамро,
Ин кӯдаки дамгарон фигорам накунад.
Бемодарӣ рӯзи сахт сангин будаст,
Ҳошо, ба балои бад дучорам накунад.
Рагҳои вуҷудам зи алам месӯзад,
Метарсам аз ин аташ, ки норам накунад.

Ин роҳи аҷал, ки ногузир бояд рафт,
Бе пои равона, интизорам накунад.
Умрам ба ибодати вафо рафту гузашт,
Тарсам зи вафо, ки мондагорам накунад.

## БЕМИСЛУ МИСОЛ

Ғамхори бемисол
Модар фақат туӣ.
Авҷи ҳама камол
Модар, фақат туӣ.

Ҳаргиз дар ин ҷаҳон
Мислат фаришта нест.
Беҳтар зи ту худо
Фарде сиришта нест.

Атри дуои ту
Дар ҷони сабзи ман.
Фасли навозишат
Оғози набзи ман.

Тӯмори дарди сар
Модар фақат туӣ.
Ғамхору мӯътабар
Модар, фақат туӣ.

## КӮЧИ НУР

Модарам нур буду рафт зи шабҳо, аламо,
Модарам ҳур шуду рафт зи дунё,аламо.
Рӯзгорам сияҳу зиндагӣ берангу фараҳ,
Ҷигарам об шуду рехт ба дарё, аламо.
Оҳ, афсӯси тавону тарабу нозу ниёз,
Мондаам хаставу бечораву танҳо, аламо.
Ҳама ғам зону занад пеши ғами рафтани ӯ,
Дили ман зону зада пеши тавалло, аламо.

Ҳама шаб дида бидӯзам ба умеди рухи ӯ,
Дар хумораш шудаам бесару бе по,аламо.
Олами Меҳринисоро чи ҳаво буду ҳавас,
Рафт оғози ҳавасҳои муалло,аламо.

## ДИЛИ ЗАН

Бигӯяд зумрае зан дил надорад,
Ба олам тухми некӯӣ накорад.
Ба афсуну фиребу ҷодуи хеш
Фалакро бар сари андеша орад.

Диле, ки зиндагиро ибтидо дод,
Ҷароҳатҳои оламро шифо дод.
Диле, ки баҳри пайдои адолат
Ба роҳи шермардонаш дуо дод,
Дили зан нест ин дил, пас дили кист?

Диле, ки Рӯдакиро панд омӯхт,
Чароғи ақли Синоро барафрӯхт.
Диле, ки то дили шабҳо нахуфта,
Ба Фирдавсию Саъдӣ қисса гуфта,
Дили зан нест ин дил, пас дили кист?

Диле, ки насли одамро бипарвард,
Сари гаҳвора шабҳоро саҳар кард.
Диле, ки баҳри пайванди замонҳо
Ба маргаш рӯ ба рӯ омад, зафар кард.
Дили зан нест ин дил, пас дили кист?

Диле, ки махзани нуру навид аст,
Диле, ки маскани ишқу умед аст.
Диле, ки бо ҳама сӯзи ниҳонаш
Ба сони шири модарҳо сапед аст,
Дили зан нест ин дил, пас дили кист?
Худо донад, ки бе зан зиндагӣ чист.

* * *

Эй хуш он дам, ки равам боз ба дунёи сухан,
Лаҳзае бишнавам оҳанги фиребои сухан.
Ба намози саҳару ояти шукронаи вақт
Боли парвоз кушоям чу Масеҳои сухан.
Оварам рӯй саҳаргоҳ ба даргоҳи сафо,
Ба суроғи дили хуршеди мусаффои сухан.
На маҳу меҳр парастам, на Сулаймони Сабо,
Гар кушоям сари мӯе зи муаммои сухан.
Бо ғами ҳеҷ набояд биравад умри азиз,
Табли шодӣ бинавозам ба таманнои сухан.
Ин бувад Меҳринисоро талаб аз лутфи Худо,
То расад бар қадами ҳазрати маънои сухан.

## ТУ КУҶОӢ, МОДАРАМ

Дегу сарпӯшат ҳамин ҷо,
Қарсу попӯшат ҳамин ҷо,
Ҳалқаи гӯшат ҳамин ҷо,
Ту куҷоӣ, модарам?

Баччаҳоят гиря доранд,
Бар ғами ту такя доранд,
Муждаҳоро интизоранд,
Ту куҷоӣ, модарам?

Накҳати пироҳанатро,
Духтари ҷон гуфтанатро,
Ёд кардам буданатро,
Ту куҷоӣ, модарам?

Аз дарат гирён дароям,
Сабр гӯяд, ки сар оям,
Зиндагӣ мушкил бароям,
Ту куҷоӣ, модарам?

* * *

Эй ҷилои моҳи нав дар шоми торам, модарам,
Беҳтар аз гулҳои хушбӯи баҳорам, модарам.
Худнамову худситову худпарастон бешумор,
Эй зи худ бигзашта танҳо ҷоннисорам, модарам.
Дар ҷаҳону дар мақоми шеъру оҳангу суруд
Дилнавозе ғайри ту ҳаргиз надорам, модарам.
То ки будӣ дар барам, парвои ғамхоре набуд,
Рафтию ғам мехӯрад дору надорам модарам.
Рӯзи шодию ғамам рӯ бар кӣ орам бо ниёз,
Эй ба ҳар як лаҳза орому қарорам, модарам.
Мисли ман хушбахту хушрӯзе гумонам кас набуд,
Бо ту буду аз ту буда бахт ёрам, модарам.
Баъди ту бишкаст нойи хандаи мастонаам,
Ҷои он бигрифт яъси бешуморам, модарам.
Тоқати Меҳринисо тоқ асту муштоқи ту аст,
Эй анису меҳрубону дӯстдорам, модарам.

* * *

Чун худои меҳрубон дунёи розӣ, модарам,
Мисли ҳурони биҳиштӣ дар намозӣ, модарам.
Чун бигӯям, ки бузургӣ, хоксорӣ мекунӣ,
Аз камоли орзуҳо сарфарозӣ, модарам.
Лаб ҳамебандӣ зи ранҷи рӯзгори худ, вале
Лаҳзае ранҷам бубинӣ, мегудозӣ модарам.
Кай маро эҳсони ҷони худ супурдан баҳри ту,
Ҳар нафас бар ҳифзи ҷонам ҷон бибозӣ, модарам.
Панҷаи гарму малеҳатро ниҳода бар сарам,
Аз азобу ранҷ озодам бисозӣ, модарам.
Шикваҳо болои дида гӯиву нозам диҳӣ,
Бо таманнои дили тангам бинозӣ, модарам.
Дар намозам, дар ниёзам, дар сукуту саҷдаам,
Ман талаб дорам туро умри дарозе модарам.

* * *

Лаҳзаҳои ноумедиву шигифт,
Он даме, ки доманамро
Панҷаи номарди мушкил мегирифт,
Байни рӯъёву сукут, оҳиста мегуфт модарам:
Зиндагӣ, фарзанди ман,
Хор дар дил, оташ андар дида аст.
Он замон бар гуфтаҳои модарам
Ҳаргиз набудӣ боварам.
Сарнавишт оташ барафрӯхт,
Сар то пои ман сӯхт.
Он қадар ҷони маро кӯфт,
Ки лагадмоли ҳаводис шуд дилам.

## БА НОМИ ЗИНДАГӢ

Ман барои дидаву дил муттакое сохтам,
Лаҳзаҳоро низ бо лутфи худоӣ бохтам.
Дар хиҷолат то намонад дил ба номи зиндагӣ,
Ман ба унвони муҳаббат қиссаҳо пардохтам.

Бас навиштам номаҳои ошиқӣ бо номи дӯст,
Аз садои барқу борон ҷустаам пайғоми дӯст.
Манзилеро бо хаёли хеш пайдо кардаам,
Ахтаронро бурдаам аз бекарон то боми дӯст.

Дар баҳори орзу гулдастаҳоро бастаам,
Қалби худро зери пои сабри худ бишкастаам.
То нагӯяндам ҳадиси бениёзиҳои дӯст,
Чашму гӯшам баставу бе ҳамсадо биншастаам.

Бас ба ҷони худ кашидам заҳри талхи интизор,
Бас гиристам рӯзу шаб аз ноумедӣ зор-зор.
Лек ҳаргиз шиква пеши кас набурдам бе дареғ,
Бо фиреби зиндагӣ худро намуда бахтёр.

## БИГӮ, НИШОНИ Ӯ...

Баҳори ман, баҳори нав расидааст
Ба муждаи таронарези андалеб.
Чу шишае ғурури дай шикастааст
Ба хандаи бунафшаҳои ғамфиреб.

Баҳори ман, чу ашки шабнами саҳар,
Зи чашми интизори ман чакидаӣ.
Ҳазори хушнавою боумеди ман,
Зи шохаи муроди ман паридаӣ.

Раҳо шуд аз барам, ситораи шабам,
Ки рози хилвати маро нуҳуфта дошт.
Кашида ҷонам аз сарои яхзада,
Ба нури хеш хотирам шукуфта дошт.

На шаҳриёри қиссаву на он асир,
Ки шарҳи қиссаҳои ӯ маро азост.
Баҳори нав, бигӯ нишони он ҳабиб,
Ки зиндагӣ бидуни ӯ маро ҷазост.

## ДУОЯТ НАКУНАМ

Ёди ту шабнами гулбарги хаёл,
Ёди ту лаҳзаи зебои висол.
Ёди ту бо нафаси гарми умед
Бирасонад ғами моро ба камол.

Бехабар з-оқибати мастии худ,
Майи ғамҳои туро нӯш кунам.
Дар лабат қиссаи ман, механдӣ,
Дар дилам ишқи ту хомӯш кунам.

Доname, марҳами рози ту наям,
Доname, дӯст надорӣ ту маро.
Доname, дар ҳаваси ёри дигар
Боз танҳо бигузорӣ ту маро.

Донаму боз туро ёд кунам,
Донаму фикри ҷафоят накунам.
Дар вафои ту бимирам ба раҳат,
-Бевафо, – гуфта, дуоят накунам.

## СОЗИ ЗИНДАГӢ

Дӯстонам носипосу ошиқонам бевафо,
Мӯнисе ҷуз дил надорам, то кушоям уқдаҳо.
Хуррамӣ аз шоху барги эътимодам меравад,
Чун сукути поизам дар интиҳои моҷаро.

Роҳи ман то манзили дилхоҳ банду бастагӣ,
Дар миёни чор роҳам рӯи санги хастагӣ.
Офтоби дидаи ҳаммаслаконам раҳгузар,
Зери абри тира хуфта чеҳраи ворастагӣ.

Ҳирси мансаб, ҳирси матлаб, ҳирси беши молу ҷоҳ
Меҳрубониву муҳаббатро рабуда аз нигоҳ.
Бенамак гуфтору лабханди дурӯғи ҳамсафар,
Чодари шаб бар сари хуршед меборад гуноҳ.

Зистан дар ҳуҷраи маҳзуни дилтангӣ хатост,
Зиндагӣ айбе надорад, айб андар буди мост.
Нағмае аз дурру лаъли шукри будан ҳар нафас
Бо ҳавас бояд бипардозам, ки ғамхорам Худост.

## ИЛТИҶО

Худовандо, диле аз нав бино кун,
Маро аз банди танҳоӣ раҳо кун.
Сароби худфиребиро бибандо,
Ба роҳи худшиносӣ раҳнамо кун.

Ба фикру зикри бепоёни айём
Расад рӯзу шаби умрам ба фарҷом.

Дили оворагардамро бубахшо
Раҳеву раҳбаре ҳангоми анҷом.

На расми дилбарӣ донад дили ман,
На оини сабурӣ мепазирад.
Ба рӯи хоку хокистар нишаста,
Тавони ношикастанро надорад.

Умеди рафтаам н-ояд дигар боз,
На ғамхоре, на розамро ҳамовоз.
Миёни растагориям шикаста,
Надорад мурғи рӯҳам боли парвоз.

Худовандо дили шодам ато кун,
Тавону тоқати хорӣ надорам,
Ба ёди атромези ҳавасҳо
Гирифторам, гирифторе надорам.

## НАВИДИ АШК

Дилам аз тираабри дида хаста,
Чу борон рехт, ман ҳам гиря кардам.
Ғубори баргҳои хотирамро
Ба ашкам шуста бар ғам ҳадя кардам.

Ба шоху навдаҳои токи ҳавлӣ
Сафо мекошт борони баҳорӣ.
Вале аз гавҳари ашки тари ман
Азо медошт чашми интизорӣ.

## НОИЛОҶ

Худоё, ман чӣ созам, бо кӣ нозам?
Илоҷи қалби танҳоро ту донӣ.
Намепурсад касе аз мушкили ман,
Ту осон мушкиламро менамоӣ?

На пайғоме, на лутфу меҳрабонӣ
Дар ин дунё надида бандаи ту.
Агар ин зиндагӣ баҳри ҷазоҳост,
Чаро то ҳол, эй дил, зиндаӣ ту?

Нишони бенишонам менамоӣ,
Азоби беҳисобам бар сари дӯш,
Дусад паймона бишкаст аз ҷудоӣ,
Сабӯи зиндагӣ пайваста бенӯш.

Ҳама роҳе, ки паймудам, хато буд,
Сафои ормонҳоям ҷафо буд.
Гули парвардаи боғи нишотам
Гиёҳи меҳр на, меҳригиё буд.

## СОЛИ МАЙМУН

Барф меояд зи гардун,
Барфи испеду саҳаргун.
Аз табу тоби навидаш
Гунаҳоям гашта гулгун.

Зарраҳояш гарм бород,
Соли навро ҳадя орад.
Барф меборад, ки одам
Зиндагиро дӯст дорад.

Барф меборад зи гардун,
Ҳолаташ монанди Маҷнун.
Мезанад худро ба ҳар сӯ,
Бар сари сангу лаби ҷӯ.

Чун вуҷуди поки тифлон,
Чун суҷуди аҳли имон.
Бар арӯсии дарахтон
Барф меояд шитобон.

Марҳабо, эй муждаи пок,
Бистари гарми дили хок.
Мақдамат бодо ҳумоюн,
Васфи ту барам ба афлок.

## БАРГ-БАРГ

Ҳар кас ба дили хеш навое дорад,
Ҳар банда умеди муттакое дорад.
Ҳар фасли баҳор интизорам, ки сабо
Аз кӯи ту муждае ба ман меорад.

Эй дил, зи ҷафои зиндагӣ хор шудӣ,
Озурдаи неши мардумозор шудӣ.
Он қадр тапидию надидӣ дами қадр,
Э, марги талоши ман, ту бемор шудӣ.

Чун тармаи қуллаҳо дилам об шудаст,
Озурдаву афсурда зи ҳар боб шудаст.
Кас нест, ки бишнавад таваллои маро,
Дилпурсӣ магар матои камёб шудаст?

Умрест, ки чархи зиндагӣ гардон аст,
Инсон ба далели ишқ саргардон аст.
Гаҳ шодию ғам, гаҳе таманною алам,
Дар олами дил ҳазору як армон аст.

Ёрон, ба муроди ҳамдигар бояд зист,
Вораставу озодагуҳар бояд зист.
Ҳар рӯз ба сӯи марг моро қадамест,
Ҳар лаҳза барои ҳамдигар бояд зист.

Эй дӯст, биё ба ҳам бисозем ҳаме,
Як лаҳза ба сози дил бинозем ҳаме,
Ҳар лаҳза ғанимат аст, фардо ба гумон,
Ин умри азизи худ набозем ҳаме.

Мавҷаму соҳил азобам медиҳад,
Абраму оташ саробам медиҳад.
Мегурезам аз мурооти ҳасуд,
Баски ранҷи беҳисобам медиҳад.

Аҷаб ранҷу азобам додӣ, эй дӯст,
Ҷазои носавобам додӣ, эй дӯст.
Ба уммед омадам то манзили ту,
Напурсида ҷавобам додӣ, эй дӯст.

На шамъӣ дар шаби уммедворон,
На бори донию не қадри борон,
Туро шарме зи озурдан наояд,
Наметарсӣ магар аз рӯзгорон?!

## ТАХТИ БАХТ

Маро аз худ рабудан сахт мушкил,
Ба будам заррае кибру риё нест.
Табори сидқу кеши боварам ман,
Тамоми тору пудам ориёист.

Намози ман ба сӯи бениёзон,
Тулӯи бахти ман аз хушзабонӣ.
Надорам мансаби зудову зудрав,
Сарафрозам ба тахти меҳрубонӣ.

Китобу дафтару кунҷи хамӯше,
Ману ҳарфи дилу боли таманно.
Фазоям домани саҳрои ишқ аст,
Ба розам дона меҷӯям зи маъно.

Анисам вожаҳои нобу зебо,
Ҳабибам фурсати эҷоду рӯъё.
Тамаъ аз носипосонам надорам,
Ҳазорон шукр мегӯям худоро.

## БОЛИ САБР

Маро аз шӯразори интизорӣ
Бубар то сарзамини дӯстдорӣ.
Маро дар сояҳои беди ҳиҷрон
Чаро, эй офтобам мегузорӣ?

Садоям кун, ки бо боли ҳавасҳо
Расам то қуллаи меҳру ситоиш.
Кафи дастони бозатро ба ашкам
Бишӯям бо дуову бо ниёиш.

Надидиву набинӣ сӯзи армон,
На ранҷи нолаву андӯҳи оҳам.
Намедонӣ, чӣ инъоме ба дунё
Зи ганҷи ин дили дур аз гуноҳам.

Ба ҳаҷми зиндагии ҷовидона
Чи кӯтоҳ аст умри одамизод.
Ба тамрини фазои ошиқона
Сабурӣ омаду болу парам дод.

* * *

Лаҳза ба лаҳза, дам ба дам ёди ту, ёр, мекунам,
Дил ба худо супурдаву рӯ ба қарор мекунам.
Сабзтар аз ғурури ман, фотиҳаи сурури ман,
Тан ба ҷафо намедиҳам, дору мадор мекунам.
Панҷа кӣ зад ба ранҷи ман, бо ҳаваси шиканҷи ман,
Ишқ физуда ганҷи ман, гуфт: ҳазор мекунам?!
Пушти тирезаи умед ку-куи бахти сап-сафед,
Дона бихоҳаду навид, майли хумор мекунам.
Дӯст агар дарам занад дар талаби шикасти ҳаҷр,
Поизи зиндагониро тозабаҳор мекунам.
Оҳ, агар зи фикри ҳеҷ дил канаму раҳо шавам,
Тавба зи шикваи дилам лайлу наҳор мекунам.
То ки фитад бинои ғам дар қадами суҷуди Меҳр,
Каъбаи меҳрабониро нақшу нигор мекунам.

* * *

Ман чашми бози худро бастан наметавонам,
Чун шаб ҳамерасад боз, хуфтан наметавонам.
Сад шиква дорам аз дӯст, аз ранҷи ғурбати ӯ,
Дар рӯ ба рӯяш аммо гуфтан наметавонам.
Ман дурри суфтаи ишқ дорам ба гардани ишқ,
Марвориди ҷафоро суфтан наметавонам.
Аз носипос бар дил тӯфони гила дорам,
Захми ниҳони дилро шустан наметавонам.
Чун лола аз дили санг сар мекашам ба лутфе,
Дар боғи худнамоӣ рустан наметавонам.
Ман лолаи хазонам, қумрии безабонам,
Гумгаштаи диламро ҷустан наметавонам.
Як сина нола дорам, ное ба лаб надорам,
Бе ёди сабзи фардо зистан наметавонам.

* * *

Рафтӣ, эй ёр, паноҳат ба худо,
Кардиям хор, паноҳат ба худо.
Ба гумоне, ки гирифтори туям,
Дида бемор, паноҳат ба худо.
Зиндагӣ мотами як ишқ, ки нест,
Гарчи душвор, паноҳат ба худо.
Аҳд бигсасту дили зор шикаст,
Гила бисёр, паноҳат ба худо.
Тавбаю узри туро суде нест,
Дигар ин бор, паноҳат ба худо.
Хуш ба гуфтори ту бовар кардам
Ман ба такрор, паноҳат ба худо.
Олами ишқ вафо мехоҳад,
Эй сабукбор, паноҳат ба худо.
Баъд аз ин Меҳринисоро ту маҷӯ
Баҳри озор, паноҳат ба худо.

**Аз дафтари Сибир**

## САЙРИ ЛОЛА ДАР КАНОРИ ЕНИСЕЙ

Моҳ арғуште равад бо мавҷи об,
Дар фазо печида оҳанги рубоб.
Нони гарми тоҷикӣ, бӯи кабоб,
Дар чаманзори канори Енисей.

Тоҷикистон гашта гӯё шаҳри Рус,
Духтарон пӯшида атлас чун арӯс.
Ҷилваи маҳтобу рақси барги тӯс
Дар чаманзори канори Енисей.

Бо нидои «тоҷикам» хонад суруд,
Ҳофизе бо лаҳни зебо, бо дуруд.
Оташи Зардушт дар паҳлӯи руд
Дар чаманзори канори Енисей.

Сайри лола, базми Ҷамшеди каён,
Ёди меҳан,ёди маҷнунбеди он.
Ёди ёрони куҳан, ёди макон
Дар чаманзори канори Енисей.

…Хонаи дил гарчи беодам набуд,
Илтифоти дӯстон ҳам кам набуд.
Хуррамии ман вале беғам набуд
Дар чаманзори канори Енисей.

Дур аз хоки Ватан дар ҳар нафас
Мурғи рӯҳам гӯиё буд дар қафас.
Дил ба ёди Тоҷикистон буду бас,
Дар чаманзори канори Енисей.

## СИПОС

Эй Ватан,эй пораи нури Худо,
Эй фурӯғи ишқу паҳнои вафо.
Эй ҳама маънои буду буданам,
Ифтихори ман ту ҳастӣ доимо.

Домани саҳро бароям ҷонамоз,
Роҳи ту чун қисматам шебу фароз.
Дар кафи ҳар пора сангат зикри хайр,
Кӯҳсорат аз тамаллуқ бениёз.

Осмонатро бинозам, кишварам,
Обшоратро навозам, кишварам.
Қуллаҳоят қомати болои ман,
Бо ту умре сарфарозам, кишварам.

Ёди ёри меҳрубон ёди ту бод,
Сатрҳои ишқ иршоди ту бод.
Ҳафт иқлими биҳишти ҷовидон
Дар замини меҳрободи ту бод!

## БО ЁДИ ВАТАН

Ашкро аз дида пинҳон мебарам,
Эй азизони зи меҳан дури ман.
Шукр мегӯям,ки обӣ дар Сибир
Орзуҳои дили соҳибватан.

Ман ба сайри лола меҳмон омадам,
Баҳри табрики шумоён омадам.
Рӯзи шодиву дилам гум мезанад,
Бо хумори Тоҷикистон дам ба дам.

Хоҳам аз ишқу умеди покатон
Бар ватандорон каме савғо барам.
Аз вафодориву нангу оратон
Тӯша бар як зумра бепарво барам.

Чилчароғи ишқи меҳан равшан аст
Дар дилу дар дидаи оби шумо.
Мавҷҳои Онасой орад ба ёд
Рӯди Панҷу оби Варзоби шумо.

Гарчи ғурбат орӣ аз фархундагист,
Фарри тоҷик будан ин ҷо раҳнамост.
Эй парастуҳои парвозии ман,
Рӯҳи Сомонӣ нигаҳбони шумост.

## САВҒО БА МАРДИКОРОН

Аз Бадахшону Зарафшонам дуруд,
Аз замири поки Хатлонам дуруд.
Аз Ҳисору Рашту Вахшонам дуруд,
Аз ҳама аҳли куҳистонам дуруд
Муждагонӣ аз Ватан овардаам.

Аз табиат – лолаи фасли баҳор,
Аз ҳақиқат – мо шуморо интизор,
Як сабад меҳру вафои шӯълабор,
Аз ҷамеъи ёру фарзанду диёр
Муждагонӣ аз Ватан овардаам.

Бар шумо, эй аҳли заҳмат, аҳли кор,
Аҳли ғурбат, аҳли меҳнат, эътибор.
Бо паёми сулҳу ваҳдат, ҳам барор,
Хушхабар аз қадри одам, ифтихор,
Муждагонӣ аз Ватан овардаам.

## ЁДГОР

Аз ин бегонагӣ бо худ
Дилам рӯзе, ки мемирад ба сад афсӯс,
Сафедори баланди рӯи ҳавлиро хазон ояд.

Аниси дидаи бедор,
Ҳабиби шомҳои тор
Ба худ печида аз тимор,
Дареғогӯи ҷон ояд.
Ба ҷои атри гесӯям дар ин хона,
Дар ин дунёи афсона.
Ба гулдони булӯри холию обӣ
Ду се гулҳои маснӯӣ,
Ба кунҷе хаставу хомӯш,
Бахти коғазӣ бар дӯш.
Зи хотирҳо фаромӯшу чӣ гардоғӯш мемонад.
Ва ин оинаи зебои нақшинкории девор,
Ғубори дард бар рухсор,
Ғарқи ишқ, ғарқи нор,
Ба ёдам зор мемонад,
Чи ҳасратбор мемонад,
Барои ёдгориву ба ёди ёр мемонад.

* * *

Ба сарам шӯри маҳол аст, Худо медонад,
Ба танам ранҷи малол аст, Худо медонад.
Умр гирдоби таманнои чӣ сон бояд зист?
Зиндагӣ ҷаҳду ҷидол аст, Худо медонад.
Ибрати оини парвоз дар оинаи бахт
Инъикоси пару бол аст, Худо медонад.
Оташе нест, ки ғам сӯзаду созад нафасам,
Дили ман чашмаи лол аст, Худо медонад.
Ҳавасам гуфт, ки бо ҳавсала Наврӯз омад,
Дили ман дар чӣ хаёл аст, Худо медонад.
Ишқ бемислу мисол аст ба андозаи меҳр,
Бахт ҳам фитри суол аст, Худо медонад.
Меҳри манро набувад қадр, худам медонам,
Шеъри ман ҳолати ҳол аст, Худо медонад.

* * *

Дили ман рӯ ба намоз аст, Худо медонад,
Қиссаам дуру дароз аст, Худо медонад.
Шикваю гилаи ман моли таваҷҷӯҳ ба шумо,
Дили ман қиблаи роз аст, Худо медонад.
Роҳи ман роҳи ҳавасҳои дили боронӣ,
Оҳи ман сӯзу гудоз аст, Худо медонад.
Дари дилро накунад боз касе, медонам,
Дили ман бар ҳама боз аст, Худо медонад.
Ба сари сидқ чу Албурзаму чун меҳри муғон,
Аслам аз Балху Тироз аст, Худо медонад.
Дасти кӯтоҳ гиребони ҳавасро нагирифт,
Қисматам шӯъбадабоз аст, Худо медонад.
Зиндагӣ рози ҳақиқат накушояд ба касе,
Будани мо ба маҷоз аст, Худо медонад.
Сари хоне, ки ҷамоъат ҳама анбоз бувад,
Хушӣ бо нону пиёз аст, Худо медонад.
Хотирам барги гули ёс агар медонӣ,
Ҳосилам атри ниёз аст, Худо медонад.

* * *

Боз макун гиреҳи дил, боз нагардам ин сафар,
Сӯи ту, эй азизи дил, сӯи умеди барҳадар.
Оҳ, чӣ қадар раҳо шудам, дар пайи муждаҳо шудам,
Бе ту аҷаб ғано шудам, ту дигарию ман дигар.
Ғусса куҷову ман куҷо, ёди ту аз дилам ҷудо,
Шикваи мову ман куҷо, ёд надорам он қадар?
Ин ҳама дам гузашта нест, он ҳама ғам гузаштанист,
Фоли ту ҳам хуҷаста нест роҳии ё ки дар сафар.
Боли шикастаи маро, бози нишастаи маро
Мону бирав аз ин саро, сайд манам, ту раҳгузар.
Шед бирафту шаб расид, меҳр нишасту орамид,
Қомати равшанӣ хамид, ту нарасида пушти дар.
Тори вафо гусаста шуд, ҳавсаладор хаста шуд,
Боли ҳумо шикаста шуд мисли умеди дарбадар.
Меҳринисо ба сад хатар биспарад ин раҳи ҳунар,
Хуш бираву махон дигар қиссаи ранҷи бесамар.

## РУБОИҲОИ АЙЁМ

Ё раб, ту ба фикри мо набошӣ, чӣ кунам?
Хоки Ватанам ба сар бипошӣ, чӣ кунам?
Умрам пайи қути лоямуте гузарад
Бо заҳру зуқуми бемаошӣ, чӣ кунам?

Ин қофилаи умр ба ғам мегузарад,
Беобию бечароғӣ ҳам мегузарад.
Фармони мақоми нарх то арши Худост,
Айём ба коми муттаҳам мегузарад.

Ин пора калиди дари иқбол будаст,
Бар беҳунари замона шаҳбол будаст.
Дар водии макру ҳилаву шайтанатӣ,
Бедонишу беҳунар нақӯфол будаст.

Ё рабб, мукофоти амал чист, бигӯ,
Дармони замони пурмағал чист, бигӯ?
Шоистаниҳоду аҳли ирфони маро
Ҷуз мотаму марги бемаҳал чист, бигӯ?

Дар кӯчаи марказӣ ҳамерафтам дӯш,
Дидам, ки низомиён ба ҷӯшанду хурӯш.
Нозирча ҳамедавид бо ҳуштаки худ
Аз пушти гадову кӯдаки чиптафурӯш.

Ин пора аҷаб дарду балое будаст,
Ҳар бандаи ганда мубталое будаст.
Он кас, ки нахӯрд ришваю монд ғариб,
Дар чашми ҳама зоғи алое будаст.

Оинаи оин ар шикастӣ, раббӣ,
Тасбеҳи рафоқат ар гусастӣ, раббӣ.
Мардум ҳама дар талоши ҳирсу ҳасабанд,
Дарвозаи ҳиларо набастӣ, раббӣ.

Сарлашкари ӯрдуи иёнат тамаъ аст,
Сарманшаи олами хиёнат тамаъ аст.
Сарчашмаи зиндагӣ ҳама поку сафост,
Сарводаи селоби диёнат тамаъ аст.

Бегонаи хоҷаи иноят моем,
Девонаи олами ҳидоят моем.
Аз ранҷу гирифтории мо суде нест,
Беному нишони ин вилоят моем.

Эй чарх, сукути аҳли ирфон бишикан,
Мечарх, рукуди чархи гардон бишикан.
Файзу карамат ба мулк арзонӣ деҳ,
Ибриқи ғами ғарибӣ ҳайрон бишикан.

## ТУ МАРО МЕШУНАВӢ

Он қадар оҳ кашидам, ба худо,
Он қадар номи ту гуфтам ба Сабо.
Он қадар ғусса рамид аз дили ман,
Он қадар гуфт лабонам, ки «биё».
Ту маро мешунавӣ.
Ба азони саҳарӣ вақти тулӯъ,
Дилу ҷон рафта ба таъзими вузӯъ,
Рӯи саҷҷода нишастам ба намоз,
Номи ту зикр намудам ба рукӯъ.
Ту маро мешунавӣ.

## ЭЪҶОЗ

Ба ниёзи дили фарёдрасам,
Бо гулу решаву хорову хасам,
Бо ҳама хавсалаву қавлу қасам,
Ман садои ишқро чун нафасам,
Мешунавам.

Ба тапишҳои дили гарми хазон,
Ба нидои дилу умри гузарон.
Ба сафои саҳари муждарасон,
Ман садои ишқро бо дилу ҷон
Мешунавам.

## ҚАФАСИ КОҲИШ

Ту волаи ҳирсиву ҳавас аз ту гурезон,
Ту боди сабуксайр, чӣ донӣ дили борон?
Андар қафаси коҳиши ту мурғи дилам мурд,
Дигар ту магӯ қиссаи эъҷози Сулаймон.
Эй дил,ту ба ишқи кӣ маро карда гирифтор?

Ман бо нафаси субҳ ба шоми ту расидам,
Чун соя ба баргу гулу ҳам реша хамидам.
Беқадрии худ дидаву рагҳои танам сӯхт,
Дарё будаму қатраи обе талабидам.
Эй ишқ, ба поси гули ту хор шудам, хор!

## СӮЗИ ИШҚ

Ба армони забонсӯзе,
Ба захми устухонсӯзе,
Ба озори ниҳонсӯзе,
Ба ҳаҷри ҷовидонсӯзе,
Ба оҳи осмонсӯзе,
Ба гирдоби замонсӯзе
Ало, эй ишқ то кай ту
Вуҷуди ошиқон сӯзӣ?

## ҶАВОНӢ

Аё хуршеди сақфи сабзи гетӣ,
Аё рангинкамони умри инсон.
Биҳишти ростини зиндагонӣ.
Ҳулули навбаҳори ҳастиву ҷон.
Ҷавонӣ, эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ!

Сафои ҷону уммеди ҷаҳонӣ.
Садои чашмасори ҷовидонӣ.
Сароғозу саранҷоми муҳаббат,
Дурахши ахтарони осмонӣ.
Ҷавонӣ, эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ!

Тулӯи офтоби субҳи Наврӯз,
Шукӯҳи шомгоҳони дилафрӯз.
Зиҳӣ, айёми кому комронӣ.
Зиҳӣ, устоди дарси мушкиломӯз,
Ҷавонӣ, эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ!

## САР БА САНГИ МАРМАР

Дар суроғат, падари ҷон, ба мазор омадаам,
Дида гирёну дил аз ғусса фигор омадаам.
Навбаҳор асту сари буттаи навраста зи хок
Ташналаб, ташнаҷигар,зору низор омадаам.

Ба алам сар бигузорам ба сари мармари сард,
Ҷӯям аз хонаи беравзана девору даре.
Сабзаҳо бо рухи шабнамзадаву боронӣ,
Аз ту, эй ошиқи Наврӯз, нагӯянд хабаре.

Аз чӣ ин водии гулпӯш пур аз чилчила нест?
Санги ҳар гӯр хамӯш асту забони гила нест.
Ҳаргиз, эй сабза, нагӯӣ ба тасаллои дилам,
Ки миёни ману ӯ як сари мӯ фосила нест.

Чашмаҳои дили ман бар сари гӯри падарам
Он қадар рехт,ки бишкуфт шақоиқ ба барам.
Оҳ, фардо, ки равам ман ба хумори падарам,
Бо гули ашк биёяд ба суроғам писарам.

## РУҶӮЪ

*Ба бародари кӯҳнавардам,*
*ҷавонмарди асил ва инсони соҳибдил,*
*ҷавонмарги шаҳид Фотеҳҷон,*
*ки рӯҳаш шод боду хонаи*
*охираташ обод.*

Модари зебопарастам,
Модари хушрӯи ман.
Маргро бо чеҳраи зишту қабеҳ
Ман намехоҳам бубинӣ,
Дар ғаму мотам нишинӣ.
Ту сазовори сурурӣ, модаро,
Ҳури ман, аршиву нурӣ, модаро!
Модари дар ғам асирам,
Модари аз ғусса пирам.
Аз гуноҳам бигзар, ай модар, бубахшо,
К-ин чунин уфтода аз по

Пеши пои ту бимирам,
Пеши пои ту бимирам.

Марг омад бар суроғам
Дар фарози кӯҳҳо,
Дар миёни қуллаҳои барфпӯше, ки лабонаш
Абрҳоро бӯса мекард.
Дар балои арчазоре, ки канораш
Пойгоҳи оҳувон аст.
Чашмаву оби равон аст.
Сабзаву себаргаву ҳар пора сангаш
Бо мани хорошикан,
Кӯҳгарди номдори қуллаи Фони куҳан,
Ошнову ҳамсадову меҳрубон аст.
Зиндагӣ оби равон аст,
Зиндагӣ оби равон аст.
Одаму олам, ки модар, пеши қисмат нотавон аст,

Ман чӣ донам, ки замоне ин хама дар қасди ҷон аст?
Ҳар аёнеро чӣ ҳоҷат бар баён аст!

Марг ҳам як имтиҳон аст,
Марг ҳам як имтиҳон аст….

Зон чӣ Яздон дода дар ин умри кӯтаҳ,
Шиква кардан носипосист.
Мунтаҳо хоҳам насӯзиву намонӣ дар азо.
Кӯҳгардеро кашад кӯҳ оқибат бар коми худ.
Кӯҳгарде ёфт, модар, оқибат анҷоми худ.
Ман, ки Фотеҳам чӣ сон бигрезам аз эҳсони қурб?
Фатҳ кардам қуллаҳоро бар мақоми номи худ.

Модари зебопарастам,
Модари хушрӯи ман.
Маргро бо чеҳраи зишту қабеҳ
Ман намехоҳам ту бинӣ,
Ман намехоҳам ту бинӣ.

* * *

Ду чашмам, модаро, вақте кушудам,
Шароби шири ҷонбахши ту хӯрдам.
Кунун, ки ҳақ ба ҳақдорам супурдам,
Ҳалолам кун, ҳалолам кун, ки мурдам.
Ғам маро хӯрду накушт,
Дар дили сангии ғам об шудам.
Ба умеде, ки замоне, рӯзе
Лаби хорошикани ташна ба ишқ
Қатраи ҷони маро нӯшаду худ чашма шавад.
Чашмаи меҳру вафо,
Чашмаи сидқу сафо,
Адами селу фанои нафаси тарма шавад.
Додарам зинда шавад,
Додарам зинда шавад.

* * *

Ба зери тарма монда додари ман,
Фитода кӯҳи мотам бар сари ман.
Ҷигар хуну дусад доғи шукуфта
Ба қалби реш – реши модари ман.

**ГАВҲАРАК**

*Ба Нӯшофарини нозанинам*

Гавҳари гаҳвораам - Нӯшофарин,
Ахтари сайёраам - Нӯшофарин.
Ҷони ман, бахшидаӣ дар зиндагӣ
Тобиши дубораам, Нӯшофарин.

Ту давоми зиндагонии манӣ,
Ту нишони бенишонии манӣ.
Одамиро нест умри ҷовидон,
Ту умеди човидонии манӣ.

Хуш ба дунё омадӣ, дунёи ман,
Эй ҳазори анҷуманорои ман.
Аз ҷиҳозат хонаам пур гаштааст,
Шоҳи ман, шоҳонаи дорои ман.

Гирди шамъи роҳати ту ин замон
Болафшон модару модаркалон.
Амри ту чун амри яздон воҷиб аст,
Эй шикасти ғусса, эй ороми ҷон!

**ПАНДЕ БА ДИЛ**

То ки нагардӣ як замон
Бозичаи бозигарон.
Эй дил, сабурӣ пеша кун,
То ки набошӣ саргарон.

Афсӯсу армону дареғ
Бошад сазои ношикеб.
Танҳо баҳори зудрав
Ояд садои андалеб.

Дорад сурури ҷовидон
Озодагӣ чун чангу соз.
Дар ҳар нафас бо сад ҳавас
Худро бо ину он мабоз.

Марди вафодоре куҷост,
Фарди гирифторе куҷост?
То бишнавад овои ту,
Огоҳу дилдоре куҷост?

Бар ҳарзаҳои сар-сарӣ
Бовар макун, бовар макун.
Меҳринисои содаро
Беҳуда дарди сар макун.

## АНГЕЗАҲОИ ПОИЗ

Ба як сӯ гул, ба як сӯ хуфта сунбул,
Ба як сӯ монда нақши пои булбул.
Сабо ҳамвора мехонад ба гӯшам,
Хазонро низ мебояд таҳаммул.

Шукуфта Хӯшаи Парвини афлок,
Мисоли хӯшаи заррини гандум.
Хазонрез асту поиз омад, эй ёр,
Ба гулрези чаман дил мезанад гум.

## НООШНО

Бе ту нафасе чӣ корам ояд,
Як сония сад ҳазорам ояд.
Рафтӣ ту рухи маро надида,
Кай муждаи навбаҳорам ояд?!

Гар майли манат набуд аз аввал,
Дил додаву дил намегирифтӣ.
Эй вой ба ҳоли музтарибам,
Эй доди ту аз чунин шигифтӣ.

Хасоташи шавқи ту шудам ман,
Бо бахти бадам чӣ чора созам?
То кай зи ҳиҷою ҳарзаи ту
Бо майли дилам ибора созам?

## ФИРОР

Дили шайдо ба алам сӯхта, уммед парид,
Аз сари шохаи сабзе, ки вафо мепиндошт.
Дар ту он лаҳза ба андозаи як қатраи ашк
Алами дард набуд.
Ман зи оғӯши ҳавасҳои ту рафтам берун,
Чун маро дигару дигар
Нафаси дидани ин манзараи сард набуд,
Саҳнаи рақси гули зард набуд,
Ранҷу озори фиребандаи вилгард набуд,
Ишқи номард набуд.
Ман ба эҳсоси туву қисмати хеш,
То ба андозаи ҳайронии худ механдам,
То мабодо зи ғами бекасӣ девона шавам.

## ҲАМОВОЗ

Табли бедорӣ бизан,
То зи фарёди ту фарёди нав оғоз шавад
Ва дили танги пур аз фарёдам
Рӯ ба фарёдрасе боз шавад.

## МУҲИТ

Қафас танг асту тоби пар задан нест,
Нафас сард асту ҷоне дар бадан нест.
Дар айёме, ки навбат навбати мост,
Муҳити созгоре дар Ватан нест.

## ГАДОИ МЕҲРАМ КУҶОСТ?

Борони баҳор, мезанӣ тор ба тор,
Аз кӯи ҳабиби ман насиме ту биёр.
Меборию мегӯӣ, ки дунё ҳама гард,
Эй тавъами дида, дидаӣ ранҷи хумор?

Ӯ рафту намеравад ғамаш аз дили ман,
Мотамкадае бапост дар манзили ман.
Нуре надамад зи равзани хотираҳо
То шӯъла занад ба хотири ботили ман.

Чун ӯ дигаре куҷост огоҳу ҳалим,
Чун ӯ дигаре куҷо, ки гирад хабарам?
Чун ӯ дигаре гадои меҳрам набувад,
То саҷдакунон дубора ояд ба дарам.

Имшаб, ки ҳама ситораҳо ҷилвагаранд,
Ӯро ба ману маро ба ӯ боз расон.
Чун мурғаки паршикаста беболу парам,
Маҷрӯҳшударо ба боли парвоз расон.

## АЗ ЁД РАФТА

Рӯи ту аз ёд рафта,
Мӯи ту аз ёд рафта.
Бӯи ту аз ёд рафта,
Ёди ёдатро мабар аз ёди ман.

Эй сафири ранҷу дардам,
Эй сабили оҳи сардам.
То ба кай пушти ту гардам,
Номи худ барчин ту аз эҷоди ман.

Не нишоне аз ту дорам,
Не тавоне бе ту дорам.
Эй хатои рӯзгорам,
Мерасад оё ба гӯшат доди ман?

Эй дили девона, хомӯш,
Ишқро бинмо фаромӯш.
Бар садои худ бикун гӯш,
То расӣ ин лаҳза бар имдоди ман!

## ТАСКИН

Бодом гул кард, аз гул фаромад,
Бигзашт борон, дарё сар омад.
Бар ҷони хаста аз ёри рафта
Як муждагонӣ н-омад, ки н-омад.

Ман дарди худро пинҳону гирён
Гуфтам ба гӯши мавҷи парешон.
Нашнид ҳатто сози диламро
Як сабзаи тар, як қатраборон.

Алвонҷ хӯрда дар тори айвон
Ҷуфти парасту, ман монда ҳайрон.
Гӯ бо кӣ гӯям розу ниёзам?
Гумроҳи хешанд ин раҳгузорон.

Танҳои танҳо печида дар худ,
Гӯям баҳоро, падруд, падруд.
Эй хуш ба ҳоли он кас, ки печид
Домони будан дар хешу осуд.

## ДОМАНГИР

Чаро бо ман туӣ душман, дили ман,
Ба ту осон намояд мушкили ман?
Бирезӣ гавҳари ашкам зи дида,
Ҳанӯзам хушгумонӣ, ғофили ман.

Русуми дӯстиву дӯстдорӣ,
Гуноҳу ҳам савоби интизорӣ
Агар донӣ, бигӯ ин қадр аз чӣ
Маро озурда танҳо мегузорӣ?

Ниёзамро миёни панҷаи сабр
Фишурдам, то набинад аз кас озор.
Танамро хоби ҳасрат омаду бурд,
Ба танҳоӣ гиристам як шаби тор.

## РӮИ ТУ БИНАМ

Гар дида ба кас боз кунам, рӯи ту бинам,
Як ҳарф биёяд ба забонам, ҳадаф аз туст.
Ҳар ҷо ки равам, дар пайи мақсуди ту бошад,
Як лаҳза агар шод бувад дил, ҳадаф аз туст!

Сабре, ки зи бесабрии армон сафарӣ шуд,
Завлона надорад, бахудо, бесару поям.
Дастам ба гиребони ҳавас бурдаву акнун
Дасти дигаре нест, ки онро бикушоям.

Нодида вафоят ба ҷафо гашта гирифтор,
Овора ба пиндори ту оворатарин аст.
Чун бастаӣ ту кӯч надидӣ ба дили мо,
Ай марди худо, шарти вафодорӣ ҳамин аст?

Ғайри ту ба олам каси дилхоҳтаре нест,
Эй дӯст, ту аз ҷони мани хаста чӣ хоҳӣ?
Ғам аз ману ранҷ аз ману хорӣ ҳама аз ман,
Бемори туам, аз дили бишкаста чӣ хоҳӣ?

## АЗОНИ ИШҚ

Аз гиребони кӣ гирам, то туро пайдо кунад,
Пои лутфи кӣ бибӯсам, то туро орад ба ёд?
Акси рӯят дар кадом оина пайдо мешавад,
Бе туву бе ёди ту як лаҳза оромам мабод!

Кӣ дигар аз навбаҳорон мужда меорад ба ман,
Кӣ ба гӯшам ҳалқа аз ҳулбӯву савсан мекунад?
Кӣ дигар мисли насими субҳ мехонад маро,
Кӣ дигар дунёи розамро музайян мекунад?

Рӯи захми тозаи дил аз намак марҳам бинеҳ,
То ҷароҳатҳои ҷони ман шифо ёбад аз он.
Ман ба гӯши ин фалак аз ишқи нотакрори худ
То ба рӯзи ҳашр бо номи ту мегӯям азон!

## МАЙИ ИШҚ

Дастҳоятро намеҷӯям дигар
Аз мадори бемадори ёдҳо.
Чашмҳои ту зи ёдам рафтаанд
Бо сиришкам лаҳзаи фарёдҳо.

Ёд дорам, чун Масеҳо бо нафас
Захмҳоро бурда будӣ аз танам.
Аз майи ишқе, ки додӣ аз нахуст,
Масту мастури ҳавасҳоят манам.

Умри лутфи ту вале кӯтоҳ буд
Мисли хуршеди сари кӯҳи баланд.
Боз танҳоӣ маро ҳамхона шуд
Бо нидои «ошиқӣ фанд аст, фанд!»

Дил зи навмедии чашми интизор
Мекашад сад оҳ андар як нафас.

Мурғи беболу пари хушбоварӣ
Мекашад шармида худро то қафас.

* * *

Намеёбам туро танҳои танҳо,
Намебинам туро дар хобу рӯъё.
Намеоӣ суроғам бебаҳона,
Маро аз худ ҳамедонӣ ва ё на?

Ту ҳар ҷо бошию хорӣ набинӣ,
Азоби бепарасторӣ набинӣ.
Намедонӣ, чӣ дарде дар дили ман,
Дилозорам, дилозорӣ набинӣ.

## ФАРЁДИ НИҲОН

Азизон, аз вафои ӯ мапурсед,
Вафояшро Худо медонаду ман.
Аз он шӯридаҳоли олами ишқ
Надонистам садо мемонаду ғам.

Садояшро агар бо ҷон шунидед,
Адояш дар равони ман нишаста,
Дилам чун Тури Мӯсо аз нигоҳаш
Тавони бехудиҳоям шикаста.

Ман аз бахте, ки пайдо буду пинҳон,
Ба ҷуз чуну чаро чизе надорам.
Миёни бешаи андеша хомӯш,
Ба ҷуз фикри ғамангезе надорам.

Куҷоӣ андалеби анҷумансоз,
Ки бикшоӣ ту розам бебаҳона?
Нуҳуфта дар дили дунёи бемеҳр
Калиди қиссаҳои ошиқона.

## ОВОРА

Кӯчаҳо холиву пурғавғо сари шӯридаам,
Кӯ ба кӯ мегардаму метарсам аз девонагӣ.
Бори ғам бар шонаҳои ман гаронӣ мекунад,
Гиря меояд маро аз инчунин бегонагӣ.

Чеҳраҳо ноошнову дидаҳо номеҳрубон,
Ҷуз талошу ноумедӣ нест ҳарфе бар забон.
Дар миёни мардуми оварда селоби ҷунун,
Саргаронам, саргаронам, саргаронам, саргарон.

Ҳар шаб аз шаҳре, ки буд шаҳри гирифтории ман,
Кӯч мебандам, вале ҳаргиз намедонам куҷо?
Ҷисми беҷони маро шояд маконе ҳаст, ҳаст,
Рӯҳи саргардони ман маскан надорад,эй Худо.

Бехудона лаҳза-лаҳза табли бедорӣ занам,
Аз ҳақиқатҳои талхи зиндагӣ дилхун манам.
Андар ин зулмат чароғи раҳнамои ман куҷост?
Сӯхтам аз ҳаҷру хокистар намегардад танам.

## ОСМОН СИЛСИЛАИ ХОТИРАҲО

Осмон силсилаи хотираҳост,
Бод ҳам атри нафасҳои туро меорад.
Каҳкашон ин шаби зебо ба сарам
Хӯшаи нуру сафо мекорад.

Бинависам ҳама дам қиссаи ишқ,
То ба поён нарасад ин шаби роз.
То ки андӯҳи зимистон бибарад
Гармии меҳри маро сӯи ту боз.

Рӯ ба меҳроби хумори ту, азиз,
Бишавад боз маро боби яқин.
Ба суроғи дилам ин лаҳза биё,
Ба сипоси ҳаваси кӯҳна машин.

## ДАРЁ, ДАРЁ…

Дарё, дарё, чаро ту гирёнию ман?
Сар бар сари сахра мезанӣ пои суман.
Соҳил, соҳил, ба ин хамӯшиву сукут,
Дорӣ алами ниҳону монои ту ман.

Бечора диле, ки ғарқи об асту кабоб,
Бегона зи найнавози андӯҳу итоб,
Амвоҷи фиреби зиндагонӣ барадаш
Гаҳ то бари ёру гаҳ ба оғӯши ҳубоб.

Афсонаи ошиқони дунё ману ту,
Армонкаши дидаи таманно ману ту.
Бо савту таронаҳои умри гузарон
Оҳангу навои қалби зебо ману ту.

Бинвоз маро, рӯд, ба оҳанги сурӯш,
Дарёб маро чу қатраборони хамӯш.
Як пораи абри навбаҳоронам ман,
Як қатраи ишқи нотамомам, ту бинӯш.

## КӮЧИ НАВМЕДОНА

Аз нигоҳам ахтари уммед рафт,
Осмони ёдҳоям тира шуд.
Рӯи номат дидаҳои интизор
З-офати борони ҳиҷрон хира шуд.

Рӯзҳо чун қарнҳо бигзаштаанд,
Бо хаёле, ки ту ёдам мекунӣ.
Бо садое, ё паёме, ё гуле
Ногаҳон гӯё ту шодам мекунӣ.

Андар ин мактаб зи устодони ишқ
Розу нози ошиқӣ омӯхтам.

Дар лаҳиби имтиҳони зиндагӣ
Бехабар аз макру ҳайрон сӯхтам.

Бехабар аз сеҳри зоҳирсози ту,
Ғунчаҳои коғазии рози ту.
Тинатан берангу бемеҳру дурушт,
Дар забон сад пардаҳои сози ту.

Охирин боре, ки ман дидам туро,
Оташи дилхоҳ дар чашмат набуд.
Омадам аз арш гӯё зери чоҳ,
Ин шикастан кӯчи навмедона буд.

Ман кунун дар хилвати танҳои худ
Бо дили хушбоварам бегонаам.
Зери бори сад дареғи боварӣ
Боварам ояд, ки ман девонаам.

## ҚАСАМ

Қасам ба ишқи поки ту,
Нигоҳи дардноки ту.
Дили зи ғусса чоки ту,
Нишаста нимараҳ манам,
Асири бегунаҳ манам.

Қасам ба созу рози ту,
Табассуму ниёзи ту.
Ба сӯзу ҳам гудози ту,
Нишаста нимараҳ манам,
Асири бегунаҳ манам.

Ба дидаҳои чори ту,
Ба чашми ашкбори ту.
Қасам ба такядори ту,
Нишаста нимараҳ манам,
Асири бегунаҳ манам.

Қасам ба ному номаҳо,
Чакидаҳои хомаҳо.
Таронаю чакомаҳо,
Нишаста нимараҳ манам,
Асири бегунаҳ манам.

Ба нози ошиқонаам,
Шикасти маъсумонаам.
Сукути орифонаам,
Нишаста нимараҳ манам,
Асири бегунаҳ манам.

Ба ранҷи ту гувоҳ ман,
Ғариқи иштибоҳ ман.
Кунун дили пуроҳ ман,
Нишаста нимараҳ манам,
Асири бегунаҳ манам.

* * *

Ба куҷо равам, чӣ созам, ба кӣ гӯям аз ғами ту,
Зи кадом дар дароям дами суру мотами ту?
Чу ба рӯи эҳтиёҷам нашавад кушода як дил,
Ба кадом рӯ равам ман ба тавофи мақдами ту?
Ту маро бурун кашидӣ зи ману дилам шикастӣ,
Натавон вале кашидан сари рози маҳками ту.
На ту шеърӣ, то бихонам дами беқарорӣ, эй дӯст,
Ба куҷо қарор дорӣ, ба кӣ ҷӯру маҳрамӣ ту?.
На маро раҳо намоӣ, на ба ман сари ниёзе,
На Масеҳдаме, ки нозам ба сафои як дами ту.
Ба мадори худ нағунчам, ки ҷаҳон ғунуда дар ман
Ба дуо суроғи ман о, ба Худо, чӣ одамӣ ту?
Ба ҷуз аз ҷафо аз ин ишқ набувад, вале кунун ҳам,
Ба сари вафо нишаста, ба худо, гунаҳрами ту.

* * *

Шамъи ёди ту фурӯзон андар ин ҷонам ҳанӯз,
Лаҳза-лаҳза ишқ мегирад гиребонам ҳанӯз.
Менавозад нойи захми тозаамро субҳдам
Нолаи мурғи шабовези биёбонам ҳанӯз.
Моҳи дай по мениҳад бар остони умри ман,
Ғунчаи нашкуфтаи фасли баҳоронам ҳанӯз.
Мардуми чашмам насозад, ман чӣ нозам бо рақиб?
Бо хумори дидани ту хонавайронам ҳанӯз.
Ман дар ин ҷамъияте, ки бод бодо хирманаш,
Хаставу бишкаставу хотирпарешонам ҳанӯз.
Чун ба ин маъруфаҳои дури дур аз маърифат,
Ман бигӯям: ошиқам, – дунёи армонам ҳанӯз.
Ноумедиро ба пушти по бизан, Меҳринисо,
Бо умеди субҳдам ҷон меканад ҷонам ҳанӯз.

* * *

Накҳати ёди ту дар пероҳани ҷони ман аст,
Ахтари чашмони ту нури шабистони ман аст.
Шаҳкитоби ошиқи ноком арзи сода нест,
Достони ҷонгудози шоҳи паймони ман аст.
Ҳамчу бороне, ки меборад ба дашти ташналаб,
Панҷаҳоят обшори ҷисми беҷони ман аст.
Эй ҳазори орзуҳои хазони хотирам,
Заъфарони шодмонӣ шохи райҳони ман аст.
Шукри эҳсони худованде, ки ман дорам туро,
Шукри ман аз бахти нопайдову пинҳони ман аст.
Ту на он Мӯсии меҳриву на Исои Масеҳ,
Ту ҳабибӣ, ояти ишқи ту Қуръони ман аст.
Тӯша аз ҳаҷру ҷудоӣ корвони бахтро
Баста ин Меҳринисо, ки ганҷи арзони ман аст.

* * *

Дар гулхани нокасон сипандӣ, ваъда,
Маккории сифла меписандӣ, ваъда.
Ту дар сафи ҷумлаҳои паймон будӣ,
Бечора шудӣ, чи мустамандӣ, ваъда.
Он қадр шукуфта дар лаби шоҳу гадо,
Шаънат ту ба хоки тар фикандӣ, ваъда.
Аз хории мардумон туро шарме нест,
Бо чашми кушода чашмбандӣ, ваъда,
Одам, ки ҳарому лафзи ӯ буд ҳалол,
Олуда намудӣ арҷмандӣ, ваъда.
То хоки сияҳ қадри сухан афтода,
Ҳуш дор, наяфтӣ аз баландӣ, ваъда.
Ҳайф аз туву аз ҳавопарастони ту бод,
Устоди фиребу худписандӣ, ваъда.

* * *

Ту рафтӣ, зиндагӣ ғам шуд, дар ин ғамхона танҳоям,
Ҷунуни ишқ пирам кард, мани девона танҳоям.
Чи савдое дар ин дунё, дар ин ҷамъияти расво,
Миёни халқи бепарво, ба худ бегона, танҳоям.
На панде мекунад кора, на мушкил мешавад чора,
Ғами дунёи дунпарвар ба рӯи шона, танҳоям.
Ба ғорат меравад сабрам, хамӯшӣ медиҳад заҷрам,
Дар ин мулки дусадпора ба по завлона, танҳоям.
Тавони дуршиносонро талоши зиндагӣ бишкаст,
Ба баҳри бенишониҳо мани дурдона танҳоям.
Баҳорон омаду н-омад парастуи умеди ман,
Ба даври шамъи навмедӣ чу як парвона танҳоям.
Биё, эй булбули хушхон, ба мавлудам суруде хон,
Ки ман ин шоми бепоён ба лаб шукрона, танҳоям.
Дили Меҳринисо дарё, ки мегунҷад дар он дунё,
Ту дунёи манӣ бе ту ман огоҳона, танҳоям.

* * *

Эй дил, чӣ ҳол дорӣ бо ҷабри интизорӣ?
Бо захмҳои корӣ, бо сӯги беқарорӣ?
Охир даме биосо дар олами муросо,
Ӯ нест, ман чӣ созам бо ҳузни бемадорӣ?
Сад номаро ба номаш аз ту ниҳон навиштам,
Ҳайфо, суроғае нест, то худ барӣ, расонӣ.
Додем раҳ нишонаш то хонаи садоқат,
Бингар раҳи хато рафт, оне, ки дӯст дорӣ.
Чун гӯямат, ки дилхоҳ дилдор менабошад,
Мавҷи сароби зебост, ту Замзамаш шуморӣ.
Нуру зиё набахшад матлуби олами зар,
Завқи туро чӣ донад он ёри заргузоре!
Ман дидаму набинӣ рӯи ситам, ки бинмуд,
Ҳошо, нагуфта беҳтар, хуб аст пардадорӣ.
Меҳринисо нагӯяд аз дарди синасӯзаш,
Танҳо бигиряд аз ғам умре ба чилладорӣ.

* * *

Маро имшаб хаёли ту чунон печида дар ҷонам,
Ки як дам бехалал оҳе кашиданро намедонам.
Аҷаб ҳангомае барпо намудиву бирафтӣ зуд,
Ба пеши бозии тақдир тифли монда ҳайронам.
Дилам месӯзаду сӯзам на оташ дораду не дуд,
Ман андар кӯра меларзам, ба сармои зимистонам.
Ба ҷуз ёде, ки меорад ба ёдам ёди дилхоҳам,
Зи ёдам рафта арконе, ки сабр орад ба сомонам.
Дар ин мактаб, ки чандеро сабақ омӯхтам бо меҳр,
Гиреҳи уқдаҳоямро кӣ бикшояд, намедонам?
Саводи комили ишқам ба як захми ту савдо шуд,
Ғуборе дар кафи ҳастӣ бувад ин лаҳза армонам.

* * *

Тоҷикам ман, ғунчае аз навбаҳори тоҷикон,
Орзуманди самои беғубори тоҷикон.
Ҷонамозам домани хушранги кӯҳистон бувад,
Аз худои меҳрубон хоҳам барори тоҷикон.

Халқи ман чун мӯ парешон аст дар ҳар гӯшае,
Бо умеди бозгаштан сӯи дори тоҷикон.
Ҳар қадар тухми адоват байни мо коридаанд,
Сабз мегардад адолат дар ҷавори тоҷикон.
Рӯҳи поки орифони назми мо дорад нигоҳ
Аз балоҳо миллати овозадори тоҷикон.
Сар мапеч, озодасарво, аз биҳишти ростин,
Хонаи хуршед ин ҷо дар канори тоҷикон.
Аз сукути Оли Сомонам басе рафту расид
Муждаи соҳибқиронӣ бар диёри тоҷикон.
Дур бодо чашми бад аз мову Истиқлоли мо,
То расад бар авҷи кайҳон эътибори тоҷикон.

* * *

Рафтаӣ бе хайру маъзур аз барам
Ошиқи серӯзаи бечавҳарам.
Дона-дона мефитад бо ашки ман
Хирмани ёди ту аз чашми тарам.
Лаҳзаҳои бо ту буданро сукут
Мерабояд аз ҷаҳони боварам.
Сахт мушкил, лек донам, оқибат
Меканам дил аз ту, аз ту, дилбарам.
Ошкоро буд ниёзам пеши ту,
Олами рози ту пинҳон мебарам.
Мурғи маҷрӯҳи умедам пар макан,
Ман варо бо накди ҳиҷрон мехарам!
Дигарам ҷӯӣ, наёбӣ гарди ман,
На нишон, не оташу хокистарам.
Эй хатои қисмати Меҳринисо,
Номи ту доғест рӯи дафтарам.

* * *

Боз бо ёдат, азизам, бемадорам, бемадор,
Боли парвозӣ надорам, интизорам, интизор.
Ман ба танҳоӣ ба умқи зиндагӣ рафтам фурӯ,
Ранҷу озору итобаш мешуморам бешумор.

Чашми ман дар зулфини дар тухми навмедӣ бикошт,
Дар биёбони сукутам, абри ашкам, мужда бор!
Ту маро як қарн меҷӯӣ, наёбӣ оқибат,
Бо хаёлат ёфтам ман лаҳзаҳоро сад ҳазор.
Беҳтар аз номи ту дар паҳлӯи номам ном нест,
Бо ту дорад сарнавишти хоксорам эътибор.
Ношикан рӯҳи равони растагорон дидаам,
Дар дили беранги ёрам чашмасорам, чашмасор.
Ҳар чӣ буда байни мо, сармояи умри ман аст,
Ҳар чӣ мегӯям, ту беҳтар аз ҳама гуфтугузор.

* * *

Аз кибру риё бигзар, то авҷи само боз о,
Аз роҳи карам боре бар кӯи вафо боз о.
Ман гавҳари ашкамро эҳдои ғамат кардам,
Эй гавҳари зебои дарёи сафо, боз о.
Бо амну иноятҳо, бо лутфи ҳимоятҳо,
Бар шоми ғарибона дарвеши ғано боз о.
Аз сарвати ишқи ту ҳиҷрону алам дорам,
Дар ҳасрати дидор аст ин чашми гадо, боз о.
То чанд ба шаҳду қанд бифребӣ маро то чанд,
Алваъдаву дайн охир, эй марди Худо, боз о.
Аз мавҷи дили дарё сар печиву дар монӣ,
Дар банди уболи ишқ бе зикри дуо боз о.
Даъвии: туӣ ғофил, – аз Меҳринисо мушкил,
Дорад ғами ту дар дил ин мурғи ҳумо, боз о!

* * *

Азизо, номи ту бар лаб шаби умрам гузар дорад,
Умедам баҳри дидори ту оҳанги сафар дорад.
Ба кӯҳи шонаҳои меҳри худ абри сарам бигзор,
Ки ишқ андар паноҳи шонаҳои ту сипар дорад.
Ба дарёи ду чашмони сиёҳат ғарқ мегардам,
Ба ҷонбахшӣ азизи дил, дилам кони гуҳар дорад.
Таманнову тасаллои вуҷудам ҳастию ҳастӣ,
Таваллоҳо дили зорам зи васли даргузар дорад.

Саропо сарви дилхоҳи ниёзам дар шукуфоист,
Шикебоӣ зи фасли поизи умрам ҳазар дорад.
Ба гармои нафасҳои равонбахшат қарорам деҳ,
Гирифтори таби сармо зи танҳоӣ хабар дорад.
Ҳаросам аз шикасти бесадои орзуям буд,
Шикасти пурсадои ман куҷо бими хатар дорад?

* * *

Дилам гирифта, эй Худо, ба сони осмони ту,
Қасам ба остони ту, ба Роҳи Каҳкашони ту.
Шикояти маро бубахш, чу тоби тоқатам шикаст,
Дар интизори муждае аз он хабаррасони ту.
Сиришта аз вафо гилам, ниҳода бар ҷафо дилам,
Накарда ҳалли мушкилам, чӣ гӯям аз қирони ту?
Баҳори ман гузашту рафт, қатори турнаи гузашт,
Гузаштам аз гузаштаҳо ба ҳурмати хазони ту.
На ҳамдаму на ҳамсафар, на дилбару на ғуссабар,
На аз ҳабиби ман хабар расад ба бенишони ту.
Барои он азизи дил, ки рух намудаӣ ҷамил,
Ҷафо кашидам, эй алил, чу шохи заъфарони ту.
Намеравад зи ёди ман, намерасад ба доди ман,
Намози бомдоди ман магар ба ӯ расонӣ ту.
Тамоми пайкарам зи ғам, зи ҳаҷри ӯ қалам-қалам,
Ба кӣ бигӯяд ин алам, ҳулули безабони ту.
Маро намудӣ мубтало, ба ранҷу дарди бедаво,
Чаро надорад интиҳо азою имтиҳони ту?!

* * *

Ишқи ман ҳеҷ гаҳ афсонаи дунё нашавад,
Дар ягон маҷлису майхона муаммо нашавад.
Дар сари масъалаи токи парешонии ман
Бод бо зулфи сияҳчеҳра ба ғавғо нашавад.
Ғунчаи сӯхтаи гулшани хомӯши дилам
Сад баҳор ояду аммо ба даме во нашавад.
Ба сари турбати армони хазонгаштаи ман
Нафаси субҳ дигарбора Масеҳо нашавад.

Ҷуз накӯӣ, ки ба шарёни равон ҳеҷ набуд,
Дили золим ба кафи дилшуда мино нашавад.
Баски ҳамвора ҷафоро бикашидам ба вафо,
Тарсам, арбоби вафо оқибат аз мо нашавад.
Ситами дилбари бемеҳр надорад поён,
Шикваам лолтар аз моҳию гӯё нашавад.
Нест ғайри қаламу нома маро мӯниси дил,
Ай Худо, Меҳринисо дур аз инҳо нашавад.

* * *

Ҷони ман, дар ҳар қадам, аз ҳар куҷо ҷӯям туро,
Аз дилу аз дидаи ҳар ошно ҷӯям туро.
Дар баҳорон аз нахустин сабзаву себаргаҳо,
Дар қатори турнаву мурғи ҳаво ҷӯям туро.
Ин манам аз ноумедӣ интизори мӯъҷиза,
Аз каломy аз паёми Мустафо ҷӯям туро.
Машъале ҳастӣ, ки аз зулмат раҳоям кардаӣ,
Роҳи худ гум кардаам, ай раҳнамо,ҷӯям туро.
Меҳрубони ман, нигар Меҳринисоро ин замон,
Бекасу бечораву бемутакко ҷӯям туро.

* * *

Сайёди носабурӣ биншаста дар бари ман,
Ҷӯяд паноҳу ёрӣ чашми кабӯтари ман.
Ӯ рафту барнагардад бар кӯи шабнишинон,
Ашки сапеда борад аз дидаи тари ман.
Андӯҳи машъалафрӯз бунёди тоқатам сӯхт,
Нозад ба обу оташ мурғи самандари ман.
Ғайри Худо кӣ донад рози мани парешон,
Нақше куҷо, нишоне аз ёри қайсари ман?
Дар фасли сурхи ашкам, эй ошиқон, бубинед,
Захмеву муғча баста дар шохи навбари ман.
Бар ҳоҷиён бигӯед, арзи маро расонанд
Бар гӯшаи хаёли Аллоҳу акбари ман.
Сабре дигар ба ҷони Меҳринисо намонда,
Бо ваъдаҳои фардо оред бовари ман.

* * *

Умре, ки сипар шуд ба афғон ба сар шуд,
Аз омадану рафтани беҳуда хабар шуд.
Мо дар қадами субҳ нишастему шаб омад,
Поси дили шаб буд, ки гуфтандӣ саҳар шуд.
Чун партави эҳсоси ҷунун аз сари мо рафт,
Парвона ғамаш сӯхту шамъе зи назар шуд.
Сад шом саҳар гашту дусад роҳи ғалат тай,
То фалсафаи ишқи туам нури басар шуд.
Аз бору биноҳои такаллум лаби хомӯш
Хандиду надонист, ки ҷонам ба хатар шуд.
Як ҳарф ба девони ҳаводис нафузудем,
Ҳарчанд ки ин зеру забар зеру забар шуд.
Овозаи бедод аз андеша шунида,
Мо лаб накушудем, ки гӯши ҳама кар шуд.
Як нома ба унвони мани хаста наёмад,
Бингар асари Меҳринисоро чӣ самар шуд.

* * *

Бар ганҷи дилам, ёр, ту меарзида бошӣ?
Бар ранҷи мани зор ту меарзида бошӣ?
Ман дидаву нодида гирифтори ту гаштам,
Бар қимати дидор ту меарзида бошӣ?
Ҷонам ба гарав монда ба кӯи ту расидам,
Гаштам ҳама изҳор, ту меарзида бошӣ?
Дилро ба кафат додаму гуфтам, ки нигаҳ дор,
Бар ишқи сазовор ту меарзида бошӣ.
Шаб то ба саҳар ёди туро карда, нахуфтам,
Бар дидаи бедор ту меарзида бошӣ?
Пайғамбари ҷон хондаму пайғоми ту гум шуд,
Бар вусъати пиндор ту меарзида бошӣ?
Эй хусрави худком, ба бунёди дилам кӯш,
Ман хор шудам, хор, ту меарзида бошӣ?
Сад пора ғазал бахри ту гуфтам ҳама аз Меҳр,
Бар соҳиби ашъор ту меарзида бошӣ?

* * *

Мадеҳ ранҷам, ки эҳсон дорам, эй дӯст,
Маранҷонам, ки ман ҷон дорам, эй дӯст.
Ба он ишқе, ки паймонаш Худо баст,
Ҳазорон бор паймон дорам, эй дӯст.
Ниёзам аз ту ҷуз ёди накӯ нест,
На нози бас фаровон дорам, эй дӯст.
Муроди дил Худо медонаду бас,
Муриди сустпаймон дорам, эй дӯст.
Миёни анҷуман танҳои танҳо,
Аҷаб ҳоли парешон дорам, эй дӯст.
Табассум дар лабонам мекунад гул,
Даруни сина борон дорам, эй дӯст.
Замини ваъда умре шӯразор аст,
Хазоне дар баҳорон дорам, эй дӯст.
Напояд умр бо ҷони дурӯза,
Дили аз худ гурезон дорам, эй дӯст.
На хашму не ғазаб, не шиква аз ту,
Ғами сар дар гиребон дорам, эй дӯст.
Ба як Меҳринисо ногзашта ин ҷабр,
Ба ишқам ишқ товон дорам, эй дӯст.

* * *

Ишқ андар зеҳни ман ин мӯъҷизи Исо бувад,
Офтобе, ки маконаш водии дилҳо бувад.
Домани Сино ба як нури нигоҳаш сӯхт-сӯхт,
Ишқи ман ҳампаҳлуи розе, ки бо Мӯсо бувад.
Оташи ишқи фурӯзоне, ки дар ҷони ман аст,
Дар вуҷуди хастаам нерӯи ҷонбахшо бувад.
Як қадам бе ишқ паймоям, фурӯ уфтам ба чоҳ,
Ӯ маро мушкилкушову раҳбари доно бувад.
Мепарастам ишқро чун обидон дар зиндагӣ,
То дили озурдаам озод аз ғавғо бувад.
Саҷда меорам ба домони дили ошиқнавоз,
Ишқ аркони тамизи Одаму Ҳавво бувад.
Ошиқам гӯям агар, нозеду парвоям кунед,
Бо диле, ки молики меҳр асту меҳроро бувад.

* * *

Бирав, ман интизори ту набошам,
Чароғи шоми тори ту набошам.
Ба ҷоҳ афканда рӯҳи саркашамро,
Асири хору зори ту набошам.
Баҳор асту ҳама ҷо сабзу хуррам,
Гули доимбаҳори ту набошам.
Тулӯи офтобам, зодаи нур,
Маҳи шабзиндадори ту набошам.
Ба фанду ваъдаву найрангбозӣ
Ту хешиву табори ту набошам.
Кашам неши ҷафоро аз дили реш,
Бадандешо, нигори ту набошам.
Кафи хокистари лутфи ту чун бод,
Ту сардӣ, сард, нори ту набошам.
Маро бисриштаанд аз меҳр бо меҳр,
Сафои шӯразори ту набошам.
Ба ёдат он қадар бигристаам зор,
Пазирои хумори ту набошам.
Агар сад узр пеш орӣ аз ин пас,
Қасам хӯрдам, ки ёри ту набошам.

* * *

Ман бо ҳавасу ҳавсалаҳо кор надорам,
Озурдааму пешаи озор надорам.
Он сабзаи рӯида ба саҳрои ҷунунам,
К-аз бими аташ ҳасрати ҷӯбор надорам.
Маҷрӯҳи аламҳои худозории хешам,
Аз кибру риё раставу бозор надорам.
Месӯзаму месозаму таскини дилам ту,
Меҳроби яқинӣ, ғами тимор надорам.
Дар оташи ҳиҷрони ту он қадр бисӯзам,
То худ нигарӣ, ғайри ту ман ёр надорам.
Ту дар манию поктар аз барги гули ёс,
Эҷоди туам, чони ман, инкор надорам.
Мансури туам, сури манӣ шӯҳраи ишқам,
Ҷуз қомати сабзи суханам дор надорам.

* * *

Умри ман чун барги резон рафт, ҳайф,
Ишқи ман бо рози пинҳон рафт, ҳайф.
Дар суроғи сояи боли ҳумо
Наҷми танҳоям ба кайҳон рафт, ҳайф.
Дар талоши худфиребӣ нози ман
Бениёз аз рози армон рафт, хайф.
Рӯзу шому моҳу соли интизор
Бо дареғу чашми гирён рафт, ҳайф.
Об шуд дар мардумакҳоям умед,
Гавҳарам лар умқи тӯфон рафт, ҳайф.
Шишаи дил бо таманнои висол,
Зери пои ранҷи ҳиҷрон рафт, ҳайф.
Як дили дардошноро дил наёфт,
Ғунчаи сар дар гиребон рафт, ҳайф.
Тарҷумони қалби ушшоқон, нигар.
Оқибат чун тифли ҳайрон рафт, ҳайф.
Бо умеди як садо дардошно,
Гӯш бар занги телефон рафт, ҳайф.
Шӯразори хотири Меҳринисо
Ташнаи як қатра борон рафт, ҳайф.

* * *

Сарчашмаи ҳиҷрони ман ишқи ситамхӯи ту буд,
Чашму дили бемори ман овораи кӯи ту буд.
Бар остони лутфи худ гарди ғуборам кардаӣ,
Ин гард пеш аз моҷаро бонуи хушрӯи ту буд.
Дар каҳкашони орзу аз хаскашонам бок нест,
Бим аз кашиданҳои дил сӯи ду абрӯи ту буд.
Қасри қаноат сохтам бо хишти ҷону хуни дил,
Умре нишастан дар сабурӣ бо такопӯи ту буд.
Гул ранги зарди хешро бо лола кай созад иваз?
Чун заъфарони оразам парвардаи ҷӯи ту буд.
Фарёдҳои бесадоямро нуҳуфтам дар варақ,
Андар варақҳои хаёлам ёди дилҷӯи ту буд.

* * *

Азизи ман, хато макун, баҳонаро баҳо макун,
Ба ҷони ман ҷафо макун, риё ба кибриё макун.
Мақоми ишқ бартар аст зи аршу тӯбии биҳишт,
Макони дидаву дили фаришта зери по макун.
Марову рухсати камолу ёду поси хотир аст,
Ба хотири гузаштаҳо ту тарки ёди мо макун.
Ба чашми бениёзи ман ниёзи ту муҷаллал аст,
Барои дӯстдориҳо ситам ба мубтало макун.
Ба як нафас нагуфтамат биёву ғуссаам бубар,
Барои як ҳавас маро асири сад бало макун.
Бихоҳӣ ар ту ранҷи ман, маранҷ аз шиканҷи ман,
Вафост дастранҷи ман, зи ганҷи ман ибо макун.
Ба хилват аз лиқои ту бино намудаам ҳарам,
Мазори порсоиро фано макун, фано макун.
Агар ба оташи алам дилам бисӯхт сад рақам,
Туӣ ягона мӯҳтарам, пас ин қадар дағо макун.

* * *

Ман шабамро ба хаёли ту кунам рӯз, биё,
Дили ман ғарқи таманнои ту фирӯз, биё.
Шабу рӯзам ҳамагӣ бадрақаи ҳаҷри ту шуд,
Нафасе бо ҳаваси тозаи Наврӯз биё.
Дар ниҳонхонаи чашмони ту моҳ асту шиҳоб,
Дар шаби тори ман, эй нури шабафрӯз, биё.
Косаи сабр шикаст, тори умедам нагусаст,
Ноумедӣ гунаҳ аст, дида барафрӯз, биё.
Дил рабудан ба ту аз ман фани мушкил буду лек,
Расми дилдорӣ надонӣ ту, ба сад сӯз, биё.
Хотирам решу пареш асту дусадпора ҷигар,
Ту ба як тори муҳаббат ҳамаро дӯз, биё.
Тоқати Меҳринисоро ба ҷафо чанд барӣ?
Дили манро, ба Худо, сеҳри худ омӯз, биё.

* * *

Роҳҳоро биспарам, ҷонам чароғи раҳ кунам
Ин раҳи ҳиҷрону армонам магар кӯтаҳ кунам.
Бо ту пайвандам мисоли қатра дар оғӯши баҳр,
Неку бадро дар дили дунёи худ матраҳ кунам.
Сабри сарсабзи маро айёми поиз омада,
Дар хазонам орзуро рӯ ба хирмангаҳ кунам.
Каҳрабои чеҳраи худро чу бурҳони вафо
Дар гиреҳи укдаҳоям баста, зери каҳ кунам.
Юсуфи дилро наметонам ба нархи ҷон харид,
Беҳтар он ки ҷону дилро бурда андар чаҳ кунам.
Дӯстдорӣ иллате будасту ман аз ғофилӣ
Рози худ ифшо намудам, то туро огаҳ кунам.
Ғуссаҳоям лол мегирянду хандонам чу гул,
Нози худро шуста бо атри фиғонам таҳ кунам.
Гар ғами Меҳринисоро бишнавад гӯши малак,
Кофари ишқам, агар як рӯзро бегаҳ кунам.

* * *

Ба чашми ман намеоӣ, ки дар ҷону дилам ҷоӣ,
Ту дар ман хуфтаиву ман чаро нолам зи танҳоӣ?
Ба ҳар ҷо меравам чун, бозмегардам парешонтар,
Ту соҳибхонаи хубӣ, мани девона ҳарҷоӣ.
Ту азхудрафтаро мерон зи марзи қудсии ҳиҷрон,
Ки дорад олами дигар висоли бесарупоӣ.
Сарам чун чархи саргардон ҳамегардад ба даври ҷон,
Ба давродаври уммеду шафоатҳои бинoӣ.
Ту хомӯшиву фарёдам садои дигаре дорад,
Ба гӯши мардуми доно, ки гӯяндат фиребоӣ.
Ту озори маро хоҳиву ман зори ҷафои ту,
Ту ки бахшандаи моӣ, бубахшо ношикебоӣ.
Маро ҳам фурсате бояд, ки чашми хеш бикшоям,
Миёни дида бигзорам ҷамоли ҳулди зебоӣ.
Чаро Меҳринисо гиряд ба рӯи хандаҳои дард?
Ки бо дарде, ки бедармон бувад, танҳо ту меоӣ.

* * *

Ман саропо диламу дида надорӣ, чӣ кунам?
Дӯстдорат манам, эй ёри фирорӣ, чӣ кунам?
Ман туро баҳри дили хештан оростаам,
Ишқро сурати девор гуморӣ, чӣ кунам?.
Ба таваллои ту дил додаму аммо ба сипос
Ба таманнои дилам дил насупорӣ, чӣ кунам?
Даргузар умру вафо низ намонад ҷовид,
Лаҳзаҳоро ту ғанимат нашуморӣ, чӣ кунам?
Ту дар он ҷамъияти хосаи сармояпараст
Аз ғарибони Худо ёд наёрӣ, чӣ кунам?
Аз само ахтару аз баҳр нахоҳам гуҳаре,
Ман туро хоҳаму ту ёри виқорӣ, чӣ кунам?
Рӯзу шаб орзуи Меҳринисо рӯи ту буд,
Баъди маргам, ба Худо, гиряву зорӣ, чӣ кунам?

* * *

Бе ту бо ҳаҷрат аҷоиб рӯзгоре доштам,
Ҳар нафасро муждаи васли ту мепиндоштам.
Тӯтии сабри маро сайёди умрам боз кард,
Варна онро то абад андар қафас медоштам.
Хирмани ёди туро тӯфони навмедӣ рабуд,
Чор фасли сол тухми муддао мекоштам.
Заҳр хӯрда бехабар аз лаззати шаҳди висол,
Хотиратро лаҳзае беэътино нагзоштам.
Номаеро, ки ба номи Меҳр иншо кардаӣ,
Ман варо дар хонаи чашми тарам бигзоштам.
Хор шуд дар рӯи кафҳоям гули дидори ту,
Кошки аз қисмати қисмат хабар медоштам.

* * *

Қаҳтӣ омад, эй дил, эй дил,
Ҳеҷ кас дар фикри мо нест.
Нафси саркаш ғолиб омад,
Бар ту касро иштиҳо нест.
Ишқ гурги Юсуфи дил
Бадгумониро даво нест.

Мо гадои хони ишқем,
Даври хони мо гадо нест.
Тӯтиёни арши қудсем,
Мухлисе ғайри Худо нест.
Нохудои киштии сабр,
Сабри моро интиҳо нест.
Нағмаҳои хотири шод
Бо замона ҳамсадо нест.
Толибони ишқро ишқ
Сӯфиёна раҳнамо нест.
Шоҳи иқболу таҷаллӣ
Молики Меҳринисо нест.

*1991*

* * *

Дарди бедармони ман бигзашт, шукр,
Офати борони ман бигзашт, шукр.
Ман науфтодам ба зери бори ҳаҷр,
Ҳайбати ҳиҷрони ман бигзашт, шукр.
Шуд лагадмоли ҳавасҳоят дилам,
Хории эҳсони ман бигзашт, шукр.
Субҳ мехонад ба гӯшам нарм-нарм,
Ахтари Кайвони ман бигзашт, шукр.
Боз меоям ба худ аз бехудӣ,
Бехудиҳо, ҷони ман, бигзашт, шукр.
Оқибат аз сарҳади ҷаҳли замон
Мӯсии Имрони ман бигзашт, шукр.
Ошиқи паймоншикан Меҳринисо,
Аз сари паймони ман бигзашт, шукр.

*1993*

* * *

На ба ҳукми дили худ сайри ҷаҳон омадаам,
Ба гулистони ҳавас оби равон омадаам.
Баҳри андеша садаф, ишқ бувад дурри сухан,
Баҳри ифшои ниёзи ҳамагон омадаам.
Набарад аз сари ман боди сабо фикри талош,
Нагзарам аз сари ҷонам, ки гарон омадаам.

Ба китобу қаламу нома ба ин дайри куҳан
Ба суроғи қадаҳи пири муғон омадаам.
Шарҳи беқадрии дилро ба забон натвон гуфт,
Дар шигифтам, ки чаро ман ба забон омадаам.
Аз ғуломии тамаъ Меҳринисо карда ҳазар,
Ки ба мақсуди қироне ба қирон омадаам.

*1993*

* * *

Дар фироқи дӯстон худро қаландар мекунам,
Бо сиришкам ҳар қадам хоки Ватан тар мекунам.
Содаҷонам, кӯдакони кӯча фандам медиҳанд,
Баски бар лутфу каломи сода бовар мекунам.
Бо камоли меҳрубонӣ гар диле орам ба даст,
Меравам бо роҳи дилҳо, Ҳаҷҷи Акбар мекунам.
Аз мазори ноумедон бигзарам бо сӯзи дил,
Шохаи шамъи уммедеро мунаввар мекунам.
Лаб ҳамебандам, чу бинам ҳарзагӯро рӯ ба рӯ,
То наёзорад диламро, гӯши худ кар мекунам.
То намонам лол пеши бениёзи ҳақрасон,
Ояти ишқи туро пайваста аз бар мекунам.
Огаҳу вораста будан яшми ихлоси ман аст,
Ҳастиамро аз либоси маънӣ анвар мекунам.
Нозбардоре надорам, то ба ӯ орам ниёз,
Бениёзиро низоми шеъру дафтар мекунам.
Олами шукру қаноатро шукӯҳи дигарест,
Нафси бадро кушта, ҷонамро музаффар мекунам.

*1992*

* * *

Ба лабҳои хамӯши ман ҳадиси ишқ пинҳон аст,
Ту аз ман дурию бо ту сухан гуфтан на осон аст.
Ба дасти боди саргардон парешон ҳамчу гесӯям,
Надорам ҳамдаме пурсам ба танҳоӣ чӣ дармон аст?
Хаёлам хаста меояд зи кӯи он ки меҷӯям,
Зи ашки ноумедиҳо даруни сина тӯфон аст.

Миёни чор деворе, ки худро кардаам бандӣ,
На ҳамрозе, на огоҳе, на баҳри нола имкон аст.
Ба дӯши дафтари шеърам қалам бинҳода гарданро,
Ятими кӯҳнасоламро азои тозаҷавлон аст.
Ба ёди рӯзҳои хуш, ба поси бо ту буданҳо
Кунун ҳам чашми худ зебо нигорам,
к-ӯ нигаҳбон аст.
Дуогӯи ҳабибам ман, ки динам дидани рӯяш,
Гумони шиква аз ҳиҷрон надорам, то ки армон аст.
Гарам Робеа аз ғайрат ба лутфи Каъба ноил шуд,
Нигар Меҳринисо ин дам гадои рӯи инсон аст.

* * *

Туро, ки дарки ишқ нест, ба лаб фасона меравӣ,
Суроғи кадхудой на, суроғи хона меравӣ.
Зи бонги ҳаҷр мерасад садои ҳақ ба гӯши ман,
Зи шаҳди васл дилхушӣ, ки бо тарона меравӣ.
Ҳавои нафс мекушад ҳумои ишқро, дареғ,
Бино накарда Каъбае, чӣ омиёна меравӣ.
Сафои зиндагӣ хушу дами тулӯи субҳи ишқ,
Сапедаи умеди ман, чаро шабона меравӣ?
Ту нақши меҳр дидаву надидаӣ ҷаҳони Меҳр,
Ба меҳрубонӣ омадам, ту бо баҳона меравӣ.

* * *

Ман мазорам, маскани гӯри азизонӣ, дилам,
Ҳасратободи ҳавасҳои парешонӣ, дилам.
Бо тапишҳои гарону орзуҳои хазон
Хастаҷони олами аз худ пушаймонӣ, дилам.
Дурри ашкам мечакад рӯи гули ҳиҷрони дӯст,
Бенасиб аз чеҳраи дилхоҳи ёронӣ, дилам.
Сар ба хоки илтиҷо кай мегузорад сарви ноз,
Саҷдагоҳи беқарориҳои армонӣ, дилам.
Достони ҷонгудозамро нахонад чашми ғайр,
Олами афсонаҳои ишқи пинҳонӣ, дилам.
Толибони ҷисми хокии маро ҳушдор бод,
К-интизори муждаи маҳбуби илҳонӣ, дилам.

Пистаи бемағз оро медиҳад хони ғазаб,
Саршикаста шохаи пурбору албонӣ, дилам.
Сарнавишт овора кард Меҳринисоро бедареғ,
Саргузашти қисмати аҳли Хуросонӣ, дилам.

* * *

Аз хамӯшӣ хонаи дил равшан аст,
Дар нигоҳам хори узлат гулшан аст.
Дар сарам андешаи гулпӯши ишқ,
Эй хушо танҳоӣ, анҷум бо ман аст.
Завқи дилдорӣ надонад дилбарам,
Ки мазоқаш то латоиф хондан аст.
Аз фироқи ту гиристам пеши ҳаҷр,
Даҷлаи инсоф ғарқи шеван аст.
Дӣ ҳамекардӣ ибодат нақши по,
Шуғли имрӯзаш надомат кардан аст.
Аз садоқат хомҳоро пухтаам,
Хомии розам алови пухтан аст.
Гарчи хуршеди таманноям нишаст,
Шомгоҳам аз сафо обистан аст.
То ба кай Меҳринисоро, зиндагӣ,
Мезанӣ сад неш, ки хеши ман аст?

* * *

Чаро дар зиндагӣ, ё раб, маро дилдору дилбар нест,
Саропо ҳасратам, дардам, тавони ғуссапарвар нест.
Маро худ содагиҳоям ба гирдоби бало печид,
Давои ин дили девона дар Девони акбар нест.
Маро шабзиндадориву ба танҳоӣ гиристанҳо,
Ба гардуни ниёзи ман шукӯҳи моҳу ахтар нест.
Ба зиндони хатоҳоям гирифторам, гирифторам,
Асирафтодаи ёрам, гуноҳи дору довар нест.
На тоби интизориву на ройи хеш бишкастан,
Ба қонуни муҳаббат ношикебоӣ муқаррар нест.
Баҳои ишқ медонам сазои дил, ки ошиқ шуд
Ба маҳбубе, ки бо ишқи бузурги ман баробар нест.

Ба ӯ гуфтам тавоноӣ, маро берун бикаш аз ғам,
Нидо омад, ки эй ғофил, ҳама Юсуф паямбар нест!

* * *

Ман дар ин марҳилаи умр, ки гӯянд камол,
Дил зи каф дода ба ишқи ту гирифтор шудам,
Бо ҳавас то ба қафас бол кушудан аҷаб аст,
Дар балои нафаси санг гули хор шудам.
Рӯ ба оинаи чашмони фиребандаи ту,
Бе фиреби назари хеш падидор шудам.
Зулматистони дилу дида мунаввар дида,
Ғарқи оташкадаи олами пиндор шудам.
Ба фурӯ рафтани худ то ба чаҳи лоли фиғон,
Гиряҳо кардаву бо ишқи ту бедор шудам.
Гарчи дилро набувад як сари сӯзан сари сабр,
Ба сари сабзи ту, эй сабр, ки ман хор шудам.
Хорию зорию танҳоӣ ҳама ёри ман аст,
Ба ҳаққи ишқи ту Мансури сари дор шудам.
Беасар мегузарад гармию сардии замон,
Аз дили Меҳринисое, ки парастор шудам.

# НАФАСИ СУБҲ

## РӮҲИ ИСЁНӢ

Рӯҳи исёнист моли шоирон,
Моли эшонро рабудан мушкил аст.
Бе алам, бе дард андар ин ҷаҳон
Шоире пайдо намудан мушкил аст.

Эй басо завлонаю занҷирро
Рӯҳи исёнгар гусаста.
Ҳалқаҳои кундаи тазвирро
Рӯҳи исёнгар шикаста.

Рӯҳ агар маҳбус бошад, войи ман,
Рӯҳ агар маҳбус бошад, ҳайфи ман, ҳайфи сухан.
Рӯҳ агар маҳбус бошад, зиндагонӣ бандагист,
Рӯҳ агар маҳбус бошад, ҳастии мо, гӯй, чист?

То ки зиндонӣ набошад рӯҳашон,
Асрҳо овора гашта шоирон кӯе ба кӯ.
Носири Хусрав агар Юмгон бирафт,
Ҷони Савдо рафт дар коми Амӯ.

Дар укубатбораи дунёи хеш
Саъди Салмон бо ғамон оғушта буд.
Ҳам Ҳилолӣ бо ҳама табъи равон
Бо кулӯху санги бӯҳтон кушта шуд…
Лек рӯҳан зинда буданд,
Зиндаву поянда буданд.
В-аз хирад оганда буданд.

Рӯҳи исёнии Мӯсои Ҷалил
Чун кабӯтар аз миёни хоку хун
Сӯи марзи хештан парвоз кард.
Рӯҳи Байрони бузург аз дори марг
Зиндагиро тозатар оғоз кард…

Рӯҳи исёнист моли шоирон,
Моли эшонро рабудан мушкил аст.
Бе алам, бе дард андар ин ҷаҳон
Шоире пайдо намудан мушкил аст.

*1979*

## НАВОИ НАЙ

Азизон, лаҳзае хомӯш, хомӯш,
Навои нолаи най мебарад ҳуш.
Навое аз дили ларзанда бо сӯз,
Чу овои ниёгон оядам хуш.

Саропои вуҷудам гашта эҳсос,
Ба нохун тори армон мезанад боз.
Дилам бо шавқи парвозу ҳавасҳо
Чу мурғе дар қафас ҷон меканад боз.

Дар ин лаҳза маро дар ман маҷӯед,
Дар ин лаҳза ману дунёи дигар.
Дар ин лаҳза бароям ҳадя оред,
Азизонам, ду шаҳболи кабӯтар.

*1978*

## ҲАНГОМАИ ПАРВОЗ

Диламро сина танг омад зи нав боз,
Самое ҷӯяду майдони парвоз.
Самое бекарона, шоирона,
Паногоҳе пур аз шеъру тарона.

Ба сӯи қуллаҳои сар ба афлок,
Ба қалби сахраҳои аз алам чок.
Ба сароғози дарёҳои саркаш,
Ба манзилгоҳи шаҳболони оташ.

Ба ҷавлонгоҳи кабкони хушовоз
Дилам хоҳад, ки гирад роҳи парвоз.
Ба ин мурғе, ки бикшода пару бол,
Мададгорӣ бикун иқбол, иқбол.

## ИСЁНИ НИҲОН

Бояд забардастӣ кунам,
Оҳанги ҳамбастӣ кунам.
Бо нашъаи шеъри Аҷам
Бе бодае мастӣ кунам.

Дар ҳусну маънӣ як замон
Ман ҳокими дилҳо будам.

Дар маҳфили фарзонагон
Чун булбули гӯё будам.

Лаълу ақиқамро дареғ,
Яғмогарон дуздидаанд.
Пайвандҳоро нокасон
Бо теғи кин бибридаанд.

Бар ҳарфу лафзи ноқабул
Қалбу забон бегона аст.
Тифли хаёлам рӯзу шаб
Аз сӯзи дил девона аст.

Аз вартаи гулхонаам
Хушбӯиямро бурдаанд.
Аз базми пурафсонаам
Хушгӯиямро бурдаанд.

*1980*

## ЗАВОЛ

Ба ошёни чашми ту бидидаам,
Ки ҷо барои нақши як фаришта нест.
Ба дафтари сиёҳи хотироти ту
Саҳифае ба номи ман навишта нест.

Дигар нигоҳи гарми ту ба сӯи ман
Чу чашми гушнагурги интизор буд.
Дигар садои дилфиребӣ ту ба гӯши ман
Ғиреви сели ногаҳонии баҳор буд…

Кабӯтари умеди ман париду рафт
Зи ошёни ошнои носипос.
Нишаста бо навои ҳасрату фироқ,
Ба шохи миннате ба лутфу илтимос.

Камоли ҷустуҷӯи ман ту будӣ, ту,
Дар ибтидои як баҳори пуршигифт.
Парии ишқ карда бад дуо магар,
Ки хотирам зи лутфҳои ту гирифт?!

*1979*

## ҚИБЛАИ ДИЛ

Сӯҳони умри рав шуд
Сабру таҳаммули ман.
Анбози чашми нам шуд
Яшми тахайюли ман.

Аз файавшон наёмад
Наврӯзу навбаҳорон.
Аз рӯзгори ман шуд
Савту садои борон.

Воло нагашт аз сабр
Сарви қаноати дил.
Лабташна дар лаби рӯд
Будан басест мушкил.

Аз деви қисмати бад
Роҳи гурези ман ку,
Донам, ки қиблаи дил
Эй ишқи ман туӣ, ту.

*1981*

## ЧӢ ОҒОЗЕ…

Ин чӣ оғозест дар ҳастии ман,
Ишқ омад ё ба ихлосу халос.
Ё таманнои дили раҳгумзада,
Ё тасаллои мани ҳадношинос.

Панҷаи нарми ту, ай боди сабо,
Гесувонамро парешон мекунад.
Эй ҳабиби бахти ман, осон магир,
Хонаатро ишқ вайрон мекунад.

Эй хаёл, эй шаҳпари андешаҳо,
Бар сукути бебақоям мекашӣ.
Хаста аз завлонаю занҷирҳо,
Ту ба зиндони фаноям мекашӣ.

Охир, эй дил, эй дили худсӯз, бас
Гирди шамъи бефурӯғе пар задан.
Бехабар аз оташи сӯзандае,
Панҷаро бар мушти хокистар задан.

Оҳ, мехоҳам, ки шаб дар осмон
Бо маҳу ахтар нависам номи ту.
Дар хилоли сояҳои нимашаб
Ногаҳон бинам туро рӯи ба рӯ.

Ман надонам ин ҳама оғозро
То куҷоҳо мекашонад сарнавишт?
Лек медонам, ки анҷоми варо
Ман ба хуноби дилам хоҳам навишт.

## ХАТО МАКУН

Дило, дигар хато макун,
Сафои тан раҳо макун.
Тавони ман гирифтаӣ,
Ба ҷони худ ҷафо макун.

Маро талоши дигарест,
Туву ҳавои худсарӣ.
Шукӯҳи рӯҳ хоҳишам,
Ту дилнавози дигарӣ.

Сукути порсоиро
Ту беибо шикастаӣ.
Ба ёди хории дигар
Дило, чаро нишастаӣ?

Нишаста нақши ҷӯи ашк
Ба рӯи гунаам ҳанӯз.
Зи оташи гунаҳ бирам,
Даме нишин, маро масӯз…

## ДЕР КАРДӢ

Чу бахте омадиву дер кардӣ,
Дари дилро ба рӯи ту бубастам.
Нигоҳи интизор оинае буд,
Варо бо санги армонам шикастам.

Ба таъхир омадӣ, фасли гулам рафт,
Ниҳоли меҳрубонӣ бесамар монд.
Хаёли ту, хумори ту чу хобе
Парешонам намуду беасар монд.

Чу меҳроби куҳан, эй ёр, дигар
Хаёли ту бароям бешукӯҳ аст.
Нигоҳам аз паси тирезаи ёд
Чу абри тираи болои кӯҳ аст.

Зи ҳаҷрат хомпаз шуд дил, ки дар он
Алови васл таъсире надорад.
Сазои туст, гуфтӣ: «Меҳрии ман,
Ба дил парвои бемеҳрӣ надорад…»

## АРМОН

Байни анбӯҳи сиёҳи мӯи ман
Мешавад гоҳе сапедие аён.

Ман варо бо шонаҳои панҷаам
Мекунам аз чашми ҳайронам ниҳон.

Кӯдакӣ доманкашон аз ман гузашт,
Монд атри тифлии худ дар танам.
Аз ҳама афсонаи ширини он
Ин мабодо, ки замоне дил канам.

Такя дорам бар ҷавонии ҷаҳон,
Нур борад аз нигоҳам ормон.
То ки бошанд орзуҳоям ҷавон,
Эй ҷавонӣ, дар дили ман лона мон…

Шуд дилам лабрези шодиву сурур,
Ман варо барчош месозам ба ту.
Тифли уммедам, калон шав дар барам,
Ғуссаҳоро кушта менозам ба ту.

## КӮЧАИ САРМОЯДОРОН

Ин кӯча аз мардум тиҳӣ,
Холист аз шӯри замон.
Бо ҳила мегарданд во
Дарвозаҳои ин макон.

Ин ҷо садои «нест» нест,
Нодор бошад масхара.
Аз қаҳ-қаҳу мастии беш
Он тӯда маҳву бефара.

Авлоди шон пушти ба пушт
Аз моҳ боло гаштаанд.
Нодону аммо раҳнамо,
Бо зар тавоно гаштаанд.

*1980*

## ФАРЁДИ ДУРИҲО

Аз кӣ нолам, ба кӣ гӯям суханам,
Он чӣ аз мост, ки бар мо нарасад.
Домани рӯз агар рафт зи даст,
Душман, эй кош, ба фардо нарасад.

Аз сари ҷаҳл бисӯзонд тамом
Соире номаи аъмоли маро.
Баски ночиз гаҳе чиз намуд,
Тоҷире бурд ҳама моли маро…

Ранҷи ағёр дилам кард хароб,
Дасти беор бипарвояд мушт.
Бахти бадбахт намонад ҷовид,
Рӯҳи як ишқ варо хоҳад кушт.

*1983*

## МЕҲР

Боз дилро ҳаваси қиссаву афсона гирифт,
Боз дил дар бари афсонаи худ хона гирифт.
Боз дар кӯчаю паскӯча давидам ба мурод,
Боз ҷонро талаби шӯхии тифлона гирифт.

Боз аз домани модар бикашидам ба ҳавас,
Сари зонуш ниҳода сарам, осуда шудам.
Лаҳзае бо нафаси гарму навозандаи меҳр
Ғофил аз ҳиссаву аз ғуссаи беҳуда шудам.

То даме модари зорам сари шӯридаи ман
Ба таманнои дили хеш навозиш карда.
Зист танҳо дили ман дар талаби ишқи бузург,
Зиндагиро бо хушиҳош ситоиш карда.

## ПОРА-ПОРА

Пора-пора зиндагонӣ мекунам,
Пора-пора компронӣ мекунам.
Пора-пора дар ҷаҳони чапғалат
Сад ғалат карда ҷавонӣ мекунам.
Дар талошу эҳтиёҷи як ниёз,
Бо Лаку Пак ҳамзабонӣ мекунам.
Эй хушо, дар сангари ишқу умед
Кушта худро қаҳрамонӣ мекунам.
Дарди ман ҳарчанд лолу оҷиз аст,
Шукри бахту шодмонӣ мекунам.
Нашканад то шишаи уммеди дил,
Санги раҳро меҳрубонӣ мекунам.

## ЭЙ МАДОРО...

Эй мадоро, аз мадорат хастаам,
Эй муросо, тарки одат мекунам.
Бо замона ман намесозам дигар,
Бо худам охир қиёмат мекунад.

Орзуманди ҳавасҳои ҳазин,
Хешро аз зиндагӣ бидҳам навид.
То дари худро ба рӯям во кунад
Аз канори барф гулбуни умед.

Турфа гулбуне, ки бинвозад маро
Сабзаву себаргаҳои махмалаш.
Ашки шодиям биборад нарм-нарм
Ҳамчу шабнам рӯи гулбарги тараш.

## ШИКВА

То кай занад лофу газоф
Номард аз мардии хеш.
То чанд бедарде кунад
Ибрози ҳамдардии хеш?

Заҳмат кашидан то ба кай
Қавме барои қодирон!
Худ гушна асту мебаранд
Рӯзии ӯро дигарон.

Мансабталоше қадри кас
Бо хас баробар мекунад.
Бо шеваи гургонааш
Гӯши фалак кар мекунад.

Дар маслаки номардумӣ
Мардумфиребӣ гар сазост,
Хомӯшии аҳли хирад
Имрӯз шояд норавост.

## ДЕҲОТӢ

Барои қодирон қаср офарида,
Ба рӯи тахтасанге хона дорад.
Ба нохун пора карда санги хора,
Ба ҷуз як пора дил ганҷе надорад.

Кунун ҳам ҳамчу мурғе дар қафас банд
Басо дӯшизагони қобили деҳ.
Ба моҳу каҳкашон одам расида,
Вале осон нагашта мушкили деҳ.

…Агар дар зинагӣ хушрӯз мебуд!
Вуҷудаш бар дами оташ намедод,
Бурун меомад ӯ аз меҳвари хеш,
Агар болу параш мебуд озод.

*1985*

## АБНОИ ВАФО

Эй сазовортарин ҳамдили ман,
Мазҳари рози ману ҳосили ман.
Ба шикори ғами дил омадаӣ,
То ки осон бишавад мушкили ман.

Шафақи бахти худодод шавӣ,
Ҳамсадои дили ношод шавӣ.
Ахтари мунтазири хилвати қудс,
Шӯълаафшон шаби эҷод шавӣ.

То саранҷом зи худ карда гузар,
То ба абнои вафо баста камар.
Рамақе дар нафасам дода маро,
Равнақи сад ҳавасам дода маро.

Эй таманнои дами эҷодам,
Эй таҷалии шаби маҳтобӣ.
Эй тасаллои дили хастаи ман,
Роҳати марг ба ин бетобӣ.

## ОФТОБПАРАСТ

Чашмам гули шабранг аст,
Алмосу ақиқ ашкам.
Қаҳрам гулаки анҷир,
Бобуна барад рашкам.

Бо домани гулдӯзам
Ман ошиқи Наврӯзам.
Чун оташи Зардуштӣ
Дилдода намесӯзам.

Чун баҳр ба тамкинам,
Бо дилшуда бекинам.
Бишкуфта дилам аз нур,
Чун хӯшаи парвинам.

Ғамҳои ниҳон дорам,
Заргунаву зармӯям.
Ман ошиқи хуршедам,
Умре тарафаш рӯям.

## БАРҚИ БАҲОР

Эй барқи баҳор, шӯъла зан боз,
Эй раъд, ту ҳам садо баровар.
Буғзи дили ман кафида чун абр,
Обу лаби ҷӯ шавад баробар.

Гӯри падарам намуда гулпӯш,
Ғамро бинамой хонабардӯш.
Бо нағмаи рез-рези борон
Шаб нолаи модарам кунам гӯш.

Бигрифт дилам зи тӯли даймоҳ,
Сардиву вуҷуди ман ҳама дард.
Бишкуфта басе ба қуллаҳо барф,
Пайғоми хуше ба ман наёвард.

Бо ҷомаи барф қомати кӯҳ
Ҳарчанд сапеду дилрабо буд.
Аммо накашид дил ба сӯяш,
Зеро тиҳӣ аз ниёзи мо буд.

Эй барқи баҳор, шӯъла зан боз,
То нур ба чашми ман физояд.
Эй раъд, ту ҳам садо баровар,
То гумшуда аз дарам дарояд.

*1985*

## БӮҲРОН

Чунон шуд хаста ҷон аз гиру аз мон
Маро дар коргоҳу хонаи хеш.
Ба фармонам дигар ҳаргиз нагардад
Маро қалби зи дасти зиндагӣ реш.

Чӣ хоҳам аз ҳамоҳангии даврон,
Ки оҳанге ба завқи мо надорад.
Зи қашшоқии маънӣ мемирад дил,
Фурӯғе ин шаби ялдо надорад.

Аз ин бедаступоӣ дилгазонам,
Ҳубобам гӯйи андар мавҷи ҳастӣ.
Саранҷоме намебинам, чӣ рӯз аст,
Шуурам шеър мехоҳад зи мастӣ.

## ИСРОР

Ба хилвати хамӯши ман
Ту шӯрию шарорай.
Миёни беситораҳо
Ту марди боситорай.

Ба нағмаҳои нав ба нав
Маро ғано физудай.
Ту бо нигоҳи шӯху шанг
Дили маро рабудай.

Муранд агар шарораҳо
Ба дидаҳои қандилам,
Нигоҳи ту шарарфизо
Шавад ба кунҷи манзилам.

Дақиқаҳои ёди ту
Дақиқаҳои роҳатам.
Шафои нӯшдоруӣ
Ба захму бар ҷароҳатам.

Садои ту сафои дил,
Вафои ту шифои дил.
Ба каҳкашон ҳамерасем
Ману ту аз қафои дил.

**БЕ ТУ**

Мегурезам аз нигоҳи анҷуман
Дар паноҳи хилвату дилвопасӣ.
Хушдилӣ аз худ намеояд хушам
Бе ту андар базми хорову хасе.

Бо хаёли оташи чашмони хуб
Меравам то умқи гирдобе фурӯ.
Дури дурам ту куҷоӣ, ту куҷо?
То кунам ифшои розам мӯ ба мӯ.

Ғайри хомӯшӣ надорам марҳаме,
Кӣ кушояд укдаи рози маро?
Боли парвозӣ надорад мурғи дил,
Кӣ барад сӯи ту овози маро?

Ашк аз оинаи чашмам барад
Акси дилхоҳе, ки меҷӯям ба хоб.
Ғунчае пар-пар намуда рӯи об,
Орзуҳоям шикаста чун ҳубоб.

**ИШҚ ВА ҒУРУР**

Ду соя ё ду соябон,
Ду ахтаре зи Каҳкашон.
Ду раҳнамои ғамфиреб,
Ду шоҳбайти достон.

Яке зи васли ту нишон,
Дигар зи ҳаҷри дилгазон.

Зи дасти ҳарду ҳамнишин
Манам ҳамеша саргарон.

Яке бигӯядам: бирав!
Дигар нидо кунад, бишин.
Яке нишот бахшадам,
Дигар маро кушад ба кин.

Яке бубахшадам равон,
Дигар бубахшадам ҷаҳон.
Яке ба хок афканад,
Дигар барад ба осмон.

Барои ишқ мӯъҷизам,
Ба назди дигар оҷизам.
Ба аҳди он яке баҳор,
Ба дигаре чу поизам.

## ИЛТИМОС

Даме, ки сар ба болин мениҳам зор,
Маро бо ман даме осуда бигзор.
Бимон, ки дар ҷаҳони орзуям
Бигардад акси дилхоҳам падидор.

Миёни чодари андеша хомӯш,
Бимонам бо хаёли ишқу рӯъё.
Ки ҷуз ёди ҳазине аз муҳаббат
Надорам такягоҳе дар ду дунё.

## ШИКАСТ

Эй бехабар, эй носипос,
Дилмурдаву дилношинос.
Бо ин ҳама девонагӣ
Лайлои худро мешинос.

Аз обшорони умед
Ҷоми ниёз овардамат.
Аз олами андешаҳо
Девони роз овардамат.

Пушти дари пӯшидаат
Ҷоми таманноям шикаст.
Аз хуни уммеди шаҳид
Доғе ба домонам нишаст.

Дигар ба чашмам тира шуд
Дунёи нусратбори ту.
Дигар надорам эътиқод
Бар покии пиндори ту.

## ИШҚИ ТУ

Ишқи ту ахгари хокистари ёд,
Дили ман гарму мунаввар накунад.
Ишқи ту як гулаки коғазие,
Гӯшаи боғ муаттар накунад.

Ишқи ту як назари кӯтоҳе
Ҷониби раҳгузари бепарво.
Тавъами як нафаси беоҳе,
Накунад уқдаи ғамнокам во.

Ишқи ту муғчаи айёми хазон
Ба таманнои дили ғамзадаам.
Ишқи ту шӯълаи хуршеди ғуруб
Ба гули дидаи шабнамзадаам.

## ТУ БАРОЯМ НОМА БИНВИС

Бехуду беёду танҳо
Ёди рӯят мекунам ман.
Аз дару девори хона
Ҷустуҷӯят мекунам ман.

Бахти як дам, дарди ҳар дам,
Эй азоби ҷовидонӣ.
Дӯст медорам ғаматро,
Эй хатои зиндагонӣ.

Ин ҷудоӣ, интизорӣ,
Мекунад афсурдаҳолам.
Ошиқам ман, ошиқи ишқ,
Ин шуда молу манолам.

Ту бароям нома бинвис,
Номаҳои ошиқона.
Он чӣ аз ман ту нуҳуфтӣ,
Бо хате бинмо равона.

Бо хате бинмо равона
Посухи розу ниёзам.
Чун навои ҳасрати хеш
Номаатро менавозам.

## АХТАРИ ҲАҶР

Акси ту дар хонаи чашму дилам
Роздори бахти беранги ман аст.
Лаҳзаи андешаҳои равшанам,
Хома ҳамрози дили танги ман аст.

Аз нигоҳи раҳнамою раҳзанат
Мегурезам, мегурезам дуртар.
Сояи ту роҳгирам мекунад
Андаруни хонаву беруни дар.

Ту куҷо донӣ, чӣ сон бо ёди ту
Шоми ҳиҷронам сияҳтар мешавад.
Ишқи беовозу бепарвози ман
Дар самои ҳаҷр ахтар мешавад.

## МАНУ ТУ

Ману ту мисли қуллаем,
Ду қуллаи зи ҳам ҷудо.
Чу вартае фитодааст
Ҷудоӣ дар миёни мо.

Ба ҳам хамӯш бингарем,
Ба дида сӯзи ормон.
Садо бикун, азизи дил,
Бас ин сукути ҷовидон.

Бишоядо, ки як замон
Ману ту ошно шавем.
Чу «Меҳргон»-и бостон
Зи нав бапо, ба по шавем.

## ИМСОЛ БАҲОРОН...

Имсол баҳорон ба дами тоза наёмад,
Ид омаду идона ба андоза наёмад.
Чун дид пару боли ба ҳам рехтаи мо,
Бо шодию ҳангомаву овоза наёмад.

Чун модари мотамзада бо чашми тар омад,
Бигрист чунон, к-ин дили дарё ба сар омад.
Дар қалби мусибатзада аз нолаи борон
Як зарра агар буд умеде, бадар омад.

Не хониши булбул, ки ғамамро бизудояд,
Не тобиши хуршед тавонам бифизояд.
Не мӯнису донандаи асрори табу тоб,
То як нафас аз ғусса раҳоям бинамояд.

Аз дарду ҷавонмаргии гулҳои баҳорӣ
Огаҳ бинамо, бод, муҳиббони чаманро.
То бо нафаси гарму навозандаи хуршед
Пирӯз бубинем азизони Ватанро.

*1991*

## ЧАКИДАҲО

Агар шаб бошаду ахтар набошад,
Нигори дилкашат дар бар набошад,
Чакад ҳамвора хун аз дидаи тар,
Сияҳбахтӣ аз ин бадтар набошад.

* * *

Аз мақдами дӯст навбаҳор аст дилам,
Чун хандаи дӯст беғубор аст дилам.
Чун мешукуфад гули муроди дили дӯст,
Дар шохаи он мисли ҳазор аст дилам.

* * *

Биё, эй бахт, дардамро даво кун,
Маро аз банди навмедӣ раҳо кун.
Ба дунёи ҳавасҳо раҳсипорам,
Ба ҷои модарам бошу дуо кун.

* * *

Гулдухтараке давида мерафт,
Мӯяш ба замин расида мерафт.
Бод аз пайи ӯ чу марди ошиқ
Атри нафасаш шамида мерафт.

* * *

Медаванд ором рӯи номаат
Дидагони боумедам ҳар замон.
Гӯиё аз оби дида мешавад
Навниҳоли ошиқон рӯзе калон.

* * *

Ту, эй ҷон, мурғи зебои Ватан бош!
Ту, эй шон, посбони ишқи ман бош!
Намирам то зи сардиҳои олам,
Дил, эй дил, шӯълаи ҷовиди тан бош!

* * *

Бо куртаи алвони ҳама гулдӯзӣ
Моно шудаӣ ба лолаи наврӯзӣ.
Эй духтари рустоии хушҳусну ҷамол,
То кай дили шаҳриёни мо месӯзӣ?

* * *

Маро бӯи гули саҳро хуш ояд,
Нишастан дар лаби дарё хуш ояд.
Ҳама ҷӯянд ёри хубу зебо.
Маро як ошиқи расво хуш ояд.

* * *

Як бор агар бахт ба ман ханда кунад,
Ё чарх таноби мушкилам канда кунад.
Хоҳам, ки ба ишқу ошиқӣ мову туро
Назди ҳама кас дубора шарманда кунад.

* * *

Баҳорон асту бӯи настаран хуш,
Навои андалебон дар чаман хуш.
Нишин, эй шаҳпарак, бар шохи гулҳо,
Ки васли дилбари гулпираҳан хуш.

* * *

Гулу булбул ба ҳам созад, чӣ хуб аст,
Диле бо дилбараш нозад, чӣ хуб аст.
Баҳорон бо гули худрӯи кӯҳӣ
Рухи худро бипардозад, чӣ хуб аст.

* * *

Диламро, дӯстон, соҳибдиле нест,
Ғамамро ғамгусори оқиле нест.
Пас аз марги муҳаббатҳои ширин
Яқин донам, ки дилро манзиле нест.

* * *

Ту чӣ лофи оташу оташпарастӣ мезанӣ,
Як кафи хокистарӣ, даъвои ҳастӣ мезанӣ.
Ин қадар боло марав,мо одамони хокием,
К-аз ҳавои лоф метарсам ба пастӣ мезанӣ.

* * *

Рози урёни маро пинҳон намо,
Дарди ҳиҷрони маро дармон намо.
Шаҳкитоби хотиротамро шабе
Рӯи дил мону варақгардон намо.

* * *

Ба назди ту хаёлӣ меравам ман,
Ба як аҳволу ҳоле меравам ман.
Ба бозори ниёзу эҳтиёҷам
Чу гарданбаста моле меравам ман.

* * *

Ман мӯниси қалби беқарорат нашавам,
Уммедгаҳи дидаи чорат нашавам.
З-он рӯз, барӣ даст ту бар домани хор,
Ман лолаи фасли навбаҳорат нашавам.

* * *

Он шаб шаби қиссахониям буд,
Он шаб зи лабам тарона мерехт.
Он шаб ба рухам чу майдаборон
Сад бӯсаи ошиқона мерехт.

* * *

Ба дилдорон дилозорӣ нашояд,
Ба саркорон гунаҳкорӣ нашояд.
Ба ношукриву нопокиву зиштӣ,
Азизонам, ҷаҳондорӣ нашояд.

* * *

Эй ишқи ману фасонаи дил,
Эй шеъри ману таронаи дил.
То кай зи ҳама канора ҷӯед
Бо айби ману баҳонаи дил?!

## ПАЁМИ САБЗ

Эй расули олами пиндорҳо,
Эй ту Мансури ҳақи дидорҳо.
Эй каломи тозаи девони меҳр,
Эй паёми сабзаву борони меҳр.
Ман ҳамедонам,ки як рӯзи саид
Вом додандӣ туро пайки умед.
То бароям ҳадя аз ёс оварӣ,
Як ливон чӣ, боғи гелос оварӣ.
То ки рӯзе бар ҳазоронсолае
Гӯӣ бас кун саҷда бар гӯсолае.
Ҳамчу Исо дар бари Марям шавӣ,
Бар равони мурда Исодам шавӣ.
Бо асои Мӯсии зулматшикан
Мужда орӣ аз найистони сухан.
Ман, ки худ парвардаи ҷону дилам,
Ҳосили лутфи ҳамон соҳибдилам.
Соҳиби мурғи Сулаймон, ин туӣ,
Ошиқи атри гулистон, ин туӣ.
Роҳи ман то сарҳади дил дур нест,
Як қадам то худ расидан зӯр нест.
Пешаи пайғамбарӣ? Ай вой дод,
Асри ман ин пеша бар муслим надод !
Ман, ки чашм аз роҳи Юсуф кандаам,
Ҷону дилро дар фано афкандаам.
Ман фиреби хокиёнро хӯрдаам,
Пеш аз марге, ки ояд мурдаам.
Меҳрубоне, ки ба меҳр омехт, рафт,
Хоки бунёди маро ҳам бехт, рафт.

Ҳиммати ӯ шодии дурӯза буд,
Ҳамдиле паҳлӯи як дарюза буд.
Он чи дид ӯ бар ману бар дил раво,
Бо худои хеш чун гӯям, чаро?
Ман шикастам ношикан хоҳам туро,
Сӯи атри настаран хонам туро.
Бандагонро аҳду паймон бандагист,
Хастагонро кунҷи зиндон зиндагист.
Ту тулӯи бомдодиву зуҳур,
Ман ғуруби офтобам, ку сурур?
Ахгар аз хокистари ман меравад,
Меҳр ҳам баҳри нишастан меравад.
То ки орад Каҳкашони орзу,
Хӯша-хӯша нурборонам ба ту...
Аз ҳавои гуфтугӯҳо хастаам,
Бо таваллo аз таманно растаам.
Сӯи ман чун қавми Исроил о,
Бо паёми сури Исрофил о.
Бо ҳамон роҳе,ки меоӣ зи дур,
Роҳи ишқам буду кардам ман убур.
Ин раҳе, ки мебарад сӯи биҳишт,
Ошиқеро, ки накӯ бошад сиришт.
Бо накӯӣ мерав, эй ҷон, мухтасар,
То ба арши Кибриё бе болу пар!

## ХАЙРБОД

Ман бе сару садо,
Бе ҳеҷ муддао,
Бе ранҷу бе дуо
Гуфтам туро: Бирав!

Бо ҷони бисмилам,
Бо нолаи дилам,
Бо сад ҳазор алам
Гуфтам туро: Бирав!

Фасли ҳавас набуд,
Тоби нафас набуд,
Як додрас набуд,
Гуфтам туро: Бирав!

Бо гиряи ниҳон,
Бо рози бебаён,
Бо ҷони дар даҳон
Гуфтам туро: Бирав!

Рафтӣ чу барқу бод,
Бе узру хайрбод.
Гуфтам ба гӯши бод,
Ай бевафо,бирав!

## ИФТИХОРИ МО

Ваҳдати миллат шиори кори мо,
Бахт бошад ҷовидона ёри мо.
Зери нури офтоби дӯстӣ
Зинда бодо мулки нотакрори мо.

Ифтихори мо ватандорӣ, Ватан
Ибтикори ҳар накӯкорӣ, Ватан.

Шукри некӯӣ бувад армони мо,
Чашмаи ҷӯшандаи даврони мо.
Яктану якҷону якрӯ бо Ватан,
Халқ бошад қувваи имони мо.

Ифтихори мо ватандорӣ, Ватан,
Ибтикори ҳар накӯкорӣ, Ватан.

Тоҷикистон ҷаннати рӯи замин,
Маъбади тоҷик ҳамин асту ҳамин.
Зодгоҳи шеъру фарҳангу сурур,
Остони ориёноофарин.

Ифтихори мо ватандорӣ, Ватан
Ибтикори ҳар накӯкорӣ, Ватан.

Ҳуҷҷати аълои мо халқ асту бас,
Сирати зебои мо халқ асту бас.
Раҳбари донову дорои хирад,
Ҳампари ҳумои мо халқ асту бас.

Ифтихори мо ватандорӣ, Ватан,
Ибтикори ҳар накӯкорӣ Ватан.

Эй Ватан, бар хоку оби ту қасам,
Бар шукӯҳи офтоби ту қасам.
Сар ба пои эътиборат мениҳам,
Бар салоҳу бар савоби ту қасам.

Ифтихори мо ватандорӣ, Ватан,
Ифтихори мо ватандорӣ, Ватан,

## БА КУҶО РАВАМ СУРОҒАТ?

Ба куҷо равам дар ин шаҳр,
Ки даре кушода бошад?
Ба каф он малики дилҳо
Дили худ ниҳода бошад?

Ба куҷо равам дар ин шаҳр,
Ки ту ой рӯ ба рӯям,
Чӣ бувад умедворӣ,
Ба ту мӯ ба мӯ бигӯям.

Ба куҷо равам дар ин шаҳр,
Ки ту бошӣ такягоҳам.
Ки чу кӯдаке биболад
Дили танги бегуноҳам.

Ба куҷо равам дар ин шаҳр,
Кӣ бувад ба диданам хуш?
Ки чу модарам бигирад
Мани хастаро ба оғӯш.

Ба кучҷо равам дар ин шаҳр,
Кӣ расад ба қадри нозам?
Ба кучҷо гузорам аз сидқ
Ду карат сари намозам?

Ба кучҷо равам дар ин шаҳр,
Ба суроғи он ягона?
Ки надидаам ба олам
Зи ҳабиби худ нишона!

**ДИЛИ ТАНҲОӢ**

Дили обам, дили обам,
Дили аз ғусса бетобам.
Чаро бо мушти ҳайронӣ
Ҳамекӯбӣ дари хобам?

Сафи мижгон ба ҳам овар,
Бибандо равзани нозам.
Ман имшаб бо сукути хеш
Ғарибонро ҳамовозам.

Ба сайди хеш имконе,
Ки афшонад бару болаш.
Ки сайёди зи худ рафта
Намепурсад зи аҳволаш.

Ба рӯи бистарам оҳар
Зи гулҳои сапеди ишқ.
Зи қаъри баҳри рӯъёҳо,
Ҳамеҷӯям калиди ишқ.

Дили обам,дили обам,
Ту бедорию ман хобам.
Туӣ огаҳ, ки танҳоӣ
Мани ғофил чӣ мекобам?

## РӮЗЕ, КИ ОМАДӢ

Рӯзе,ки омадӣ, ин дил гадо набуд,
Як бенаво набуд, бе муттако набуд.
Рӯзе, ки омадӣ бо муждаҳои ишқ,
Ғам ёри мо набуд, акси садо набуд.

Рӯзе,ки омадӣ чун соиле ба дар,
Рухсора заъфарон, шайдову хун ҷигар.
Бемори бедаво, сар то ба по вафо,
Фарҳоди худгузар, Маҷнуни дар ба дар.

Он рӯзҳо гузашт дар сояҳои дашт,
Ман донаму Худо, он чӣ ки барнагашт.
Қорун шуду бирафт дарвеши ишқи ман,
Ман донаму дареғ анҷоми саргузашт.

## ОШИҚАМ

Нигар чӣ гуна содиқам,
Ба мисли як шақоиқам,
Зи ҳар кӣ бар ту лоиқам,
Ки ошиқам,ки ошиқам!

Вафо зи ман сириштаӣ,
Зи баҳри ман гузаштаӣ,
Чаро ба ман навиштаӣ:
Ки ошиқам, ки ошиқам!

Худои ман,инояте,
Каромату ҳимояте,
Ба нур як ҳидояте,
Ки ошиқам,ки ошиқам!

Чаро ба ғам нишониям,
Ба сад бало кашониям,

Зи дида хун фишониям,
Ки ошиқам, ки ошиқам?

Намонад ин сурури ту,
Зи ҳадди дил убури ту,
Бад-ин фасона шӯри ту,
Ки ошиқам, ки ошиқам.

## ҲАДЯ

Дар тариқат ишқ ҳамроҳи ман аст,
Дар шариат ибтидои равшанӣ.
Маърифат аз ишқ омӯзад амал,
То намояд боз бар мо равзане.

Ишқ маҳбуби ман асту зиндагӣ,
Бо фиребаш ғамфиребам мекунад.
Бо ҳазорон ҷилваи хубу накӯ,
Ҳамсадои андалебам мекунад.

Ин худованд аст, ё боли Ҳумо,
Ки маро фатвои дунё медиҳад?
Пеш аз марги умеди охирин
Дар дилам нури наве ҷо медиҳад.

Аз ҳақиқатҳои талхи зиндагӣ
Заҳри ишқам хоҳаму имони дил.
Барги сабзи ишқро рӯзи висол
Мебарам чун ҳадя бар султони дил.

## ДИЁРАМ

Эй шаҳри нур, эй шони ман,
Ишти Авастохони ман,
Бо ҷовидон, то ҷовидон,
Ҷовид монӣ, чони ман.

То остони лутфи ту
Бо меҳрубонӣ омадам.
Дар ҷустуҷӯи кӯдакӣ,
Қасди ҷавонӣ омадам.

То сар ниҳам бар хоки суғд,
Бар остони поки суғд.
Сӯзад аламҳои дилам
Дар оташи идроки суғд.

Ин ҷо гузар андар гузар,
Ҷавлонгаҳи шеъру ҳунар.
Ин ҷо сухан бологузар,
Қимат надорад симу зар.

Ин ҷо Зарафшон зарфишон
Аз шеъри устоди сухан.
Ҳам кони тилло ёдгор
Аз ҳуснободи сухан.

Наврӯз Наврӯзи ту бод,
Рӯзӣ ба ҳар рӯзи ту бод.
Душманшикан, рӯинатан,
Ҳар фарди дилсӯзи ту бод.

Кӯҳнадиёрам Панҷакент,
Кавни таборам Панҷакент.
Баъд аз худову модарам
Парвардгорам Панҷакент.

## ИШҚИ МАН
*(суруд)*

Бо муждаҳои ёсуман,
Бо қатраборони чаман,
Бо партави хуршеду маҳ
Нерӯ ҳамебахшӣ ба ман.
Эй ранҷи беозори ман,
Эй ишқи ман,эй ишқи ман.

Сабри маро сомон туӣ,
Дарди маро дармон туӣ,
Чун Каҳкашони ҷовидон
Роҳи дили инсон туӣ,
Ман осиям, имон туӣ,
Эй ишқи ман, эй ишқи ман.

Гоҳе навозӣ бо висол,
Гое расонӣ бар камол,
Эй дарди бедармони дил,
Ҳаргиз наёбӣ ту завол.
Сарчашмаи оби зулол,
Эй ишқи ман,эй ишқи ман.

Мазмуни оҳи саркашам,
Маҳбуби қалби беғашам.
Сӯзӣ дар обу оташам,
Бо ту хушам, бо ту хушам.
Парвардаи ақлу ҳушам,
Эй ишқи ман, эй ишқи ман.

## ТАСКИН

Ту ошиқпешаи масрур,
Ту саршори шароби нур.
Дареғо, аз ҷаҳони ман
Ту дури дур, ту дури дур.

Ба девони муроди ман
Каломи тозаэҷодӣ.
Ба мисли иксир,эй ҷонам,
Ҷило ишқи маро додӣ.

Туӣ омехта бо ман
Чу мавҷе бо дили дарё.
Туро пиндоштам доим
Шукӯҳи олами рӯъё.

Ту рохатбахши тадбирам,
Ту зинатбахши тасвирам,
Ба ту бахшида чонамро,
Намемирам, намемирам!

## ИЛТИҶО

Худоё, нарм кун санги диламро,
Ки ман ҳам дӯст дорам дӯстдоре.
Равам боре ба кӯяш бе тавалло,
На бо иллат, на бо миннатгузорӣ.

Ба сар омад сабурӣ аз ҳамоқат,
Ки ғайрат дораму шафқат надорам.
Чӣ бад дидам, намедонам, чӣ иллат,
Ки нафрат дораму рағбат надорам.

Забонам лолу эҳсосам хамӯш аст,
Набитвонам бигӯям ту ҳабибӣ.
Ба ҷуз озор бар чизе накӯшам,
Агар сад бор ӯ гӯяд, ки хубӣ!

Бароям нест асроре ниҳонӣ,
Маро ҳам эҳтиёҷеву ниёз аст.
Ба расму поси меҳру меҳрубонӣ,
Маро ҳам нисбатеву имтиёз аст.

Дар ин шоми баҳору ҷашни Наврӯз,
Худо, тавфиқ боре бар ман омӯз.
Ба нури поку эъҷози худоӣ
Чароғи хонадонамро барафрӯз.

## СУРИ СУРУР

Ҳар гаҳ ки ёдам мекунӣ,
Гул дар ниҳодам мекунӣ,
Бо як каломи содаи
“ Чунӣ?” ту шодам мекунӣ.

Он лаҳза дунё бо ман аст,
Шабҳои торам гулшан аст.
Он лаҳза ашкам шабнам аст,
Дар шӯразорам гулшан аст.

Он лаҳза олам моли ман,
Некӯ ҳама аъмоли ман.
Бикшода гардад сад гиреҳ
Аз фоли ман, аз боли ман.

Он лаҳза некӯ мешавам,
Хушрӯзу хушрӯ мешавам.
Чун шохаҳои ёсуман
Аз атр мамлӯ мешавам.

Дил метапад то авҷи нур,
Ғам мегурезад дури дур.
Бо як садоят, хуби хуб,
Хуш медамад сури сурур.

Бас медиҳӣ дарди сарам,
Кам нест аз ту кайфарам.
Аммо мани девонахӯ
Хушбоварам,хушбоварам.

Эй ахтари дури само,
Эй аз ману аз ман ҷудо.
Хайри ту бодо ишқи ман,
Хайри ту бар ман, як садо!

## ИСЁНИ НАВМЕДӢ

Тамоми рӯз танҳо гиря кардам,
Тамоми рӯз кас ҳолам напурсид.
Тамоми рӯз меҷустам ҳабибам,
Вале ӯ диду аҳволам напурсид.

Агар дилро ба дил раҳ бошад аз меҳр,
Чаро раҳ то дили ман барфпӯш аст.
Чаро гулбонги ишқамро шунида,
Азизи қалби маҷрӯҳам хамӯш аст.

Чаро аз инфиҷори ҳастии ман
Сари мӯе тани ёрам наларзад.
Чаро як бандаи софу самимӣ
Ба инъоме сари мӯе наарзад.

Бигӯ, охир худои ман, худоё,
Кӣ расми ошноиро фано кард?
Ба поси дӯстиву дӯстдорӣ
Бинои носипосиро бапо кард?

* * *

Эй дили бемор, аз ту илтиҷо кардан хатост,
Эй ғами беор бо мо моҷаро кардан хатост.
Эй таби пуркор, аз дӯзах хабар дорӣ магар,
Бо вуҷуди бегуноҳи ман ҷафо кардан хатост.
Эй азизе, ки ба лаб овардаӣ ҷони маро,
Сӯи дил баҳри тамошо рафтуо кардан хатост.
Ман хазони орзуямро ба оҳам сӯхтам,
Ғунчаи озор бераҳмона во кардан хатост.

Бо забон берун кашида мори тоқатро, вале
Ин қадар бо ҷони саргардон адо кардан хатост.
Тӯтии нозам ба ҷуз ҳарфи вафо чизе нагуфт,
Меҳрубонеро гирифтори бало кардан хатост.
Мо ба тӯфони қаноат дар садаф дур коштем,
Дурри дилро мосаҳои зери по кардан хатост.
Нӯши мо дар зиндагонӣ неши озори ту буд,
Оҳ,ишқ, озурдаеро мубтало кардан хатост.
Одамӣ сайёраи танҳову меҷӯяд мадор,
Бемадореро ба танҳоӣ раҳо кардан хатост.

* * *

Ай хуби ман, маҳбуби ман, аз ғам раҳо кун хастаро,
Бо ёди ту дар хилвати хомӯши ғам биншастаро.
Аз ҷабру истеҳзои сабр бо сарсабзиҳои ҳаҷр,
Мангар ту бо чашми хазон гулбоғи насринбастаро.
Ман рӯ намудам бар Худо, бо барги дастони дуо,
Ларзид сар то по дарахт, то барканад пайвастаро.
Аз ишқ дорам дар гулӯ сад уқда бо тобу табам,
Бо як садо овар бурун ин чилгиреҳи бастаро.
Аз имтиёзи розу ноз, маҳрумтар аз санг ман,
Дур аз раҳи уммедҳо афкан ту ин ворастаро.
Сармои бепарвои умр парвои армонам накард,
Ман ошиқи рӯҳи туам, барбод бинмо ҳастаро.
Аз Меҳр то меҳроби ишқ паҳлӯ ба паҳлӯ меравам,
То афканам бар пои ошиқ рӯҳи нобишкастаро.

* * *

Дами дарвозаи ҳайрон ту меоӣ, намеоӣ,
Дами табларзаи ҳиҷрон ту меоӣ, намеоӣ?
Дилам аз панҷаҳои ту фитоду бенишонам ку?
Барои бурдани ин ҷон ту меоӣ,намеоӣ?!
Суроғатро намеёбам,ки гӯям аз ҷафои ту,
Ба сарвақти вафодорон ту меоӣ,намеоӣ?
Гули нашкуфтаи уммедвориро хазон омад,
Ба базми хасалови он ту меоӣ,намеоӣ?

Кунун ҳам бар раҳи ту чашмдорам аз гирифторӣ,
Ба рӯзи мотами армон ту меоӣ,намеоӣ?
На дардеву на афғоне, на оҳе мекашам берун,
Дуои рӯҳи саргардон ту меоӣ,намеоӣ?
Ғами Меҳринисо пинҳон зи чашми мардуми олам,
Ба чашми аз алам гирён ту меоӣ, намеоӣ?!

* * *

Наврӯз шуд, эй ҷонам, бо ҳавсалаҳо боз о,
Эй нури дилу дида, бо чилчилаҳо боз о.
Бишкуфта басе дар боғ гулҳои сапеду сурх,
Эй толиби дидорам, бо чашми сиё боз о.
Бо домани гулпӯшам,бо атри баногӯшам,
Дар ишқи ту меҷӯшам, эй боди сабо, боз о.
Паймон машикан, пур шуд паймонаи сабри ман,
Аз ту ба ҳама олам дорам гилаҳо, боз о.
Гуфтӣ, ки ба озорат кӯшидаму бишкастам,
Ин бор ба сарвақти бишкастани мо боз о.
Ман чини чабинамро дар зери қудуми ишқ
Ҳамвор ҳамесозам, ёро ба Худо, боз о.
Дар хилвати хомӯшам, ғамҳои ту менӯшам,
Ҳиҷрон ба кӣ бифрӯшам, султони вафо, боз о?!

* * *

Боз ову нишин ба дидаи ман,
Эй дилбари баргузидаи ман.
Эй кош равад зи хона берун
Ин ҷони ба лаб расидаи ман.
Шӯяд кафи хоки поят,эй дӯст,
Ашки ба замин чакидаи ман.
То авҷи фалак расад зи шодӣ
Сарви ба замин хамидаи ман.
Орад зи вафо сабои ёрӣ
Он накҳати ношамидаи ман.
Бар шонаи лутфи ту нишинад
Рӯҳи зи алам рамидаи ман.

Як умр начида донаи меҳр,
Мурғи ба ҳаво паридаи ман.
Чун лола нарӯяд аз дили санг
Ишқи ба ҷафо кашидаи ман.
Хонад ба мазорам оқибат бод
Ҳарфи зи ту ношунидаи ман.
Бар Меҳринисо ситам нашояд,
Ай субҳи ба шаб дамидаи ман.

* * *

Хотирам аз нав парешон шуд, намедонам чаро?
Хоб аз чашмам гурезон шуд, намедонам чаро?
Ёди дури кӯдакӣ омад канори бистарам,
Манзилам афсонаборон шуд,намедонам чаро?
Модарам як остин аз пахтасеб оварду гуфт:
“Ҳосилам як даста армон шуд, намедонам чаро?”
Хоҳарони нозанини ман ҳама модар шуданд,
Меҳрубониҳо гаравгон шуд, намедонам чаро?
Чун бародар рафт бар кӯҳу ба зери тарма монд,
Бахт аз ман рӯйгардон шуд, намедонам чаро?
То баҳори ишқ бо ранҷи фаровон омадам,
Навбаҳорамро зимистон шуд, намедонам чаро?
Ахтари саъде дурахшиду бидуни муждае
Зери абри тира пинҳон шуд, намедонам чаро?
Ёди ёри меҳрубон кардам, ки бигрезам зи дард,
Бори андӯҳам дучандон шуд, намедонам чаро?
Дар Бухорои муҳаббат чашмаи эҳсони Меҳр
Тавъами рӯди Зарафшон шуд, намедонам чаро?

* * *

Як умри дароз интизори ту манам,
Монандаи Мансур ба дори ту манам.
Аз хори фиреби ту басе неш ба дил,
Бозам нигарони неши хори ту манам.
Омӯхтаӣ рамузи паймоншиканӣ,
Аммо чӣ кунам, ки нобарори ту манам.

Дар риштаи фанду ваъда соҳибҳунарӣ,
Бо дидаи бикшода нисори ту манам.
Аз мост,ки бар мост чӣ мебояд кард?
Сармозадаву сайди шикори ту манам.
Дарди дили худ ба кас набитвонам гуфт,
Гар шоҳиди айби бешумори ту манам.
Пайдову ниҳони ман Худо донаду бас,
Эй қосиди ғусса, такядори ту манам.
Чун Меҳринисо кучо биёбӣ ба чаҳон,
Зеро ки ягона дӯстдори ту манам?!

* * *

Ваҳ, ки ин қадр тавоно шудаам,
Ба Худо, оқилу доно шудаам.
Ғуссаро молики падрудам бурд,
Бас шикебою фиребо шудаам.
Зулмати ҳачри ту омад ба шикаст,
Мисли хуршед ҳувайдо шудаам.
Бо дурахшидани алмоси сиришк
Сӯи худ дидаву бино шудаам.
Бо дили ғамзадаву оҳи саҳар
Эй ачаб хурраму зебо шудаам.
Ғунчаи ёди ту пажмурду бирехт,
Бо дареғи ту шукуфо шудаам.
З-ашки чашмам ту наёбӣ асаре,
Ба дилу дида, ки дарё шудаам.
Хушгумонӣ, ки бимурдам зи ғамат?
Мӯъниси рӯҳи Масеҳо шудаам!
Дарси ҳичрони ту устодам кард,
Раҳнамои дили танҳо шудаам.
Ошиқи ишқ бувад Меҳринисо,
Бо таби ошиқӣ эҳё шудаам.

* * *

Хоб аз чашмам гурезон шуд,ки обам мебарад,
Оҳ берун меравад аз дил, ки хобам мебарад.

Акси ту аз чорчӯби хотири ман бигзарад,
Бо далели он, ки ҳаҷри беҳисобам мебарад.
Нағмаи ёди ту ояд бо ҳавои хотира,
Бо дареғи он ки бонги изтиробам мебарад.
Ҷони ман пар мекашад,то берун ояд бо нафас,
Бими он дорад, ки мавҷи печутобам мебарад.
Тифли нозам чун ятиме дар ҷавонӣ пир шуд,
Бо умеди он, ки афсуни шубобам мебарад.
Ақл бо дандони ҳайрат мегазад ангушти умр,
К-ӯ бад-ин девонагӣ ҳоли харобам мебарад.
Дасти қисмат мекашад тасвири армонҳои ман,
Бори ранҷам оқибат нақши ҳубобам мебарад.
Расми ёду ёдгориро пас аз марги умед,
Ноумедиҳо ба сӯи шаҳкитобам мебарад.
Пайкари Меҳринисо оғуштаи дарду дареғ,
Аз шароби нур то хумби шаробам мебарад.

* * *

Дурӯза умри раҳгузар азоби дар азоб шуд,
Саволи бегуноҳиям ҷавоби дар ҷавоб шуд.
Ба дил бигуфтамаш,бирав,суроғи он азизи дил,
Ба дида диду таҳ кашид, кабоби дар кабоб шуд.
Ба сабр ҷома дӯхтам зи тори нозуки ҳаё,
Ба рӯзи растагориям ҳиҷоби дар ҳиҷоб шуд.
Чу қатра-қатра хуни дил ҳамечакад зи дидаам,
Бинои зиндагониям хароби дар хароб шуд.
Ғами ту хӯрдаму нарафт хумори бо ту буданам,
Ба маҳшари садоқатам савоби дар савоб шуд.
Махон ба гӯши хотирам суруди лаҳзаи сурур,
Суруду ҳам сурури ман итоби дар итоб шуд.
Висолу навҷавониро, ки ҷовидонӣ хостам,
Дареғи умру саргузашт шитоби дар шитоб шуд.
Худои ишқи осиро чӣ нисбате ба ақлу дин,
Худои дидаву дилам тавоби дар тавоб шуд.

* * *

Эй ғами дерина, кай аз рӯзгорам меравӣ?
Кай ба монанди қарор аз ихтиёрам меравӣ?
Ахтари уммеди дил аз сақфи армонам парид,
Чун ҳилол аз хилвати шабҳои торам меравӣ?
Чораи бечорагиҳои ман андар доми туст,
Сабри ман дуздидаву сӯи қарорам меравӣ.
Мардуми чашми маро афканда дар селоби ашк,
Эй, ба ин номардумӣ, мардумшикорам меравӣ.
Оташе дар хонаи уммед месозӣ ба по,
Он замон аз дидаи уммедворам меравӣ.
Меравию боз мегӯӣ,ки ғамхорат манам,
Гарчи гӯям, ки “ба ғам тоқат надорам”,-меравӣ.
Рӯ ба меҳроби вафо н-оварда аз рӯи ниёз,
Бо чӣ рӯ рӯ ҷониби парвардигорам меравӣ?
Дар дили Меҳринисо бинҳуфта тӯфони фиғон,
Ту ба сози кӯҳнаи “ман дӯст дорам” меравӣ.

* * *

Эй азизон, нолаҳоро аз найистонам баред,
Достони ҷонгудозамро ба ҷононам баред.
Накҳати ёду сабадҳои дурӯғаш бо ман аст,
Баҳри савғо рӯзи шодӣ чашми гирёнам баред.
Ман барои дӯстдориҳо фитодам аз ғамаш,
Шодиамро ғунча карда бо гулафшонам баред.
Ин дили дур аз гуноҳамро ба подоши вафо,
Бар сипоси ошиқи аз ман гурезонам баред.
Ҳузни чашми ноумедиро чу тори анкабут,
Аз канори мардумакҳои пушаймонам баред.
Шарҳи холи нотавониро ба пушти кӯҳи Қоф
Бо таманнoю ҳавасҳои парешонам баред.
Ман умеди хештанро аз баҳорон шустаам,
Андалеби орзуро аз гулистонам баред.
Вақти пайванди дарахтон аз мазористони ишқ
Лолаи меҳри маро бар меҳрубононам баред.
Номаи Меҳринисоро бо дуову зикри ҳайр
Бар харидори сари бозори армонам баред.

* * *

Эй сабо, к-омадаи вақти саҳар,
Аз таманнои шабистон, чӣ хабар?
Аз ҳавою ҳаваси соҳири шаб,
Аз муноҷоти ғарибон,чӣ хабар?
Эй тулӯъ, эй нафаси тозаи субҳ,
Аз тулӯи тарабу шон чӣ хабар?
Аз баҳоре,ки бирафт аз дили ман,
Ба дусад шикваю армон, чӣ хабар?
Нолаҳо об шуда дар дили ман,
Аз дили абри парешон чӣ хабар?
Хастаам аз нафаси сабру сууд,
Аз шикасти пули ҳиҷрон чӣ хабар?
Аз ҳамон бахти сафаркардаи ман
Ба суроғи шаҳи армон чӣ хабар?
Аз ҳабибони ҷудо аз бари ман
Ту бигӯ, эй гули борон, чӣ хабар?
Ту бигӯ бо дили девона зи ҳаҷр
Аз муқимони найистон чӣ хабар?
Тавба бишкаст дили огаҳи ман,
Аз маю соғару мастон чӣ хабар?
Ошиқи моҳ напарвояд Меҳр,
Аз маҳу меҳрпарастон чӣ хабар?

* * *

*Дигарбора бишӯридам бад-он сонам ба ҷони ту,*
*Ки ҳар банде,ки барбандӣ, бидарронам ба ҷони ту.*
***Мавлавӣ***

Биё, гул бо баҳори ишқ афшонам ба ҷони ту,
Тулӯи сабзи имонам бад-он сонам ба ҷони ту.
Намози бомдодамро, вафою эътимодамро,
Китоби эътиқодамро, биё, хонам ба ҷони ту.
Дар ин маҳфил, ки ҷои ту бароям ҷовидон холист,
Ман аз зинҳори танҳоӣ гурезонам ба ҷони ту.
Мане дар ман намегунҷад, ки бинвозам ниёзашро,
Мане дар ман куҷо гунҷад, парешонам ба ҷони ту.

Ту, эй сарчашмаи ҳастӣ, сукути нола бишкастӣ,
Бад-ин шӯру ба-дин мастӣ найистонам ба ҷони ту.
Сабо бо муждаборони камоли васл мехонад,
Ки дар фасли ниёишҳо ҳама ҷонам ба ҷони ту.
Пули бишкастаи ҳиҷрон ба гирдоби фано афкан,
Ки ман бо мавҷи тӯфонӣ шитобонам ба ҷони ту.
Аз он рӯзе, ки дасти дард домони вафо барчид,
Фақат Меҳринисо донад, чӣ дармонам ба ҷони ту?

* * *

Мо ошиқони шайдо, моро кӣ мешиносад?
Бо хеш гашта савдо, моро кӣ мешиносад?
Бар молу сарвату зар дасти тамаъ набурдем,
Раҳ ҷуста то ба дилҳо, моро кӣ мешиносад?
Чун ишқ ҳаст ҳастӣ, то ҷовидон равонем,
Сад неш дар кафи по, моро кӣ мешиносад?
Бо мавҷи саркаши сабр он қадр хӯ гирифтем,
Дарёдилему дарё, моро кӣ мешиносад?
Гаҳ ҷамъу гаҳ парешем, озурдаҷони хешем,
Бо дарди хеш танҳо, моро кӣ мешиносад?
Бар гӯши худ сароем ҳазёну ҳузни ҳиҷрон,
Лаб баста мо зи ғавғо, моро кӣ мешиносад?
Оҳанги меҳрубонӣ дар ҷону дил нишаста,
Бо ҷону дил ҳамово, моро кӣ мешиносад?
Ғайри муҳаббату меҳр ганҷе ба каф надорем,
Кӯтоҳдасти дунё, моро кӣ мешиносад.
Меҳринисо кӣ бошад? Пурсад ҳабибам аз ғайр,
Гар ошно чунино, моро кӣ мешиносад?

* * *

Рӯзгоре ғуссаҳо аз қалби зорам бигзарад,
Қиссаҳои талху шӯри рӯзгорам бигзарад.
Бо мани девона мегӯянд аз сабру сууд,
Шукри ҳиҷрони ҷигарсӯзу қарорам бигзарад.
Бесару бепо саросар роҳ меҷӯям ба дил,
Дил зи дастам рафтаву аз ихтиёрам бигзарад.

Акси ту мисли саробе дар биёбони фироқ,
Аз нигоҳи хаставу уммедворам бигзарад.
Хоби дидори туро бар об чун гӯям, ки об
Субҳу шом аз дидаҳои интизорам бигзарад.
Рӯ ба рӯи ҳамнишинони ту гарчи нокасанд,
Хандаҳо кардам, ки савдои хуморам бигзарад.
Дӯстам, гар дӯст мехонӣ маро баҳри савоб,
Даст бар омин кушо, к-аз кор корам бигзарад.
Меравад Меҳринисо лаб зери дандони дареғ,
Кош фарёду дареғ аз кӯи ёрам бигзарад.

* * *

Мо ошиқони ишқем, парвои кас надорем,
Дар шӯру мастии худ ғавгои хас надорем.
Аз сидқ дар дили мо сад неши хору хорост,
Дар хору хории худ фарёдрас надорем.
Гаҳ масту гаҳ аластем, ҷон дода ҷон парастем,
Дар корвони ҳастӣ бонги ҷарас надорем.
То дил бишуд гирифтор дар доми носипосе,
Дар поси ӯ нишаста бими асас надорем.
Бо чашми дил набинанд қалби шикастаи мо,
Гӯё ба меҳрубонӣ мо ҳам ҳавас надорем.
Умре рамиду бигзашт аз мо хаёли дидор,
Мо тӯтиёни ҳақро андар қафас надорем.
Бигзор, дил бисӯзад умре дар оташи ҳаҷр,
Мо тоқати раҳоӣ ними нафас надорем.

* * *

Хушрӯзи диёри мо муборак,
Рӯзи хуши ёри мо муборак!
Ин рӯзию ин хуҷастаҳолӣ
Бар хешу табори мо муборак!
Ид аз паси ид мерасад боз,
Фирӯзии кори мо муборак!
Ёрон ҳама ҷамъу ғам парешон,
Шодӣ ба канори мо муборак!

Бо пайки адолату накӯӣ
Мастиву хумори мо муборак!
Бо субҳи салоҳу растагорӣ
Пайғому шиори мо муборак!
Бар хоки муқаддаси ниёгон,
Шукрона, барори мо муборак!
Идонаи халқи Тоҷикистон
Бар тозадиёри мо муборак!

* * *

Зи ҳақиқати замона ту нагӯву ман насӯзам,
Зи фиребу аз фасона ту нагӯву ман насӯзам.
Наравад ба кӯи мастӣ ҳавас аз камоли пастӣ,
Зи хатои орифона ту нагӯву ман насӯзам.
Сафаре ба дил намудам, ки сарои ишқ бинам,
Зи ҳавои сарди хона ту нагӯву ман насӯзам.
Сари хони комгорӣ, ки нишаста қасди ёрӣ,
Зи баҳову аз баҳона ту нагӯву ман насӯзам.
Чӣ гузашт бо ману ту, ки ниҳояташ фирок аст,
Зи шикасти маъсумона, ту нагӯву ман насӯзам.
Зи хурӯҷи дарди пинҳон, зи уруҷи шоми ҳиҷрон,
Зи умеди ҷовидона ту нагӯву ман насӯзам.
Ғаму ғуссаро зудудам, ғазали туро сурудам,
Ғазалам зи Меҳр ё на, ту нагӯву ман насӯзам.

* * *

*Дар согари чашмонат согар ба кафи дастам,*
*Ин лаҳза, ки ман мастам, дарёб, ки ман ҳастам.*
***Лоиқ***

Бо соғари чашмонат паймони вафо бастам,
Аз нӯши шароби нур бингар, ки чӣ сармастам.
Девона куҷо имрӯз, саҳрои ҷунун холӣ,
Эй дӯст ту дастам гир, магрез агар мастам.
Эй боди сабо, бигзар аз кӯи вафодорон,
Пайғоми вафо мехон аз ҳастию аз ҳастам.

То банди фироқи ту бар ҷону дилам пайваст,
Аз маҳбаси танҳоӣ сад шукр, ки ворастам.
Ман дасти дуоямро бикшода ба рӯи ишқ,
Озода ба дунёи зебои ту пайвастам.
Аз ишқ таманноям меъроҷи садоқатхост,
То ҳар нафасам бинӣ соғар ба кафи дастам.
Неше зи алам дар дил, теғе ба чигар аз ғам,
Хомӯш ба танҳоӣ бигристаму нашкастам.
Дар халқаи зулмат нур як лаҳза намепояд,
«Ин лаҳза, ки ман ҳастам, дарёб, ки ман ҳастам».

* * *

Умр бо ранҷи туву ганҷи парешонам гузашт,
Зиндагӣ бо қиссаи чашмони гирёнам гузашт.
Бо дили танҳои танҳоям маро танҳо гузор,
Ки умеду ноумедиҳои армонам гузашт.
Дарди ҳузнамро намедонад касе ғайри Худо,
Чунки бефарёд аз ин қалби ҳайронам гузашт.
Ман чӣ гӯям аз шабу рӯзу маҳу соли фироқ,
Бо навои оҳи маҳзун аз дилу ҷонам гузашт.
Бар ҳавасҳои дили озурдаи ман гиря кун,
Чун ба поси ёди ту умре ба зиндонам гузашт.
Каъбаи дидорро то аз нигоҳам бурдаӣ,
Ҳудҳуди имонам аз сидқи Сулаймонам гузашт.
Андалеби боғи ҳиҷрон аз дили Меҳринисо
Оқибат бо сабру тамкини фаровонам гузашт.

* * *

Эй вой ҷони модар, ҷонам нисори модар,
Гум мезанад дилам, гум андар хумори модар.
Овози форамашро, чашми гунаҳрамашро,
Ман ёд мекунам ёд, дур аз канори модар.
Дар чор сӯи роҳам, рӯёъву хобу оҳам,
Оинаи нигоҳам дар интизори модар.
Ӯ ранҷи заҳмати ман бар дӯш мекашидӣ,
Бар дӯши ман гарон аст санги мазори модар.

Дар рӯи ҷонамозам, ҳангомаҳои розам
Ҷӯям, вале наёбам чашми хумори модар.
Меҳроби қомати ӯ дар чашми ман нишаста,
Ин тӯтиёи дида аз раҳгузори модар.
Хар ганҷро ба олам қимат бувад, валекин
Ту бебаҳоӣ модар, ҳамто надорӣ модар.

* * *

Ман ба ёди лутфи ёрон рӯзро бегаҳ кунам,
Бо умеди зиндагонӣ умри худ кӯтаҳ кунам.
Рафтаам аз хотири болидаи ёрони хеш,
Хотирамро аз парешонӣ магар огаҳ кунам.
Хома меларзад ба ифшои ниёзу рози дил,
То ба кай дилро асири ҳаҷри солу маҳ кунам?!
Метавон аз ҷон гузашту рафт дар ҳукми фано,
Кай тавонам даст аз ишқу вафо кӯтаҳ кунам?
Муждае аз кӯи ту гар оварад боди сабо,
Ҷону дилро бо ҳавасҳоям нисори раҳ кунам.
Накҳати гесӯи худро шуста бо оби равон,
Дурри ашкам тӯҳфаи оҳи гаҳу ногаҳ кунам.
Дил асири маҳбаси ишқ асту ман аз содагӣ
Ошиқона орзуи илтифоти шаҳ кунам.
Меравад аз хона берун дил суроғи кӯи дӯст,
Оқибат Мехринисоро дар паяш гумраҳ кунам.

* * *

Эй ишқи ҷигарсӯз, зи паймон хабаре нест,
Эй шамъи худафрӯз, зи армон хабаре нест.
Аз кӯтаҳии сабр дар ин шоми сияҳрӯ,
Омад ба лабам ҷону зи ҷонон хабаре нест.
Бигрист ба хории гулу лола басе санг,
Бедод, аз он абри парешон хабаре нест.
Номардию бадаҳдию ҷаҳл аст фаровон,
Афсӯс, ки аз силсиладорон хабаре нест.
Наврӯз ба наврӯзии худ зор бигиряд,
Зеро ки дар ин боғ зи борон хабаре нест.

Ин тавбаву ин саҷдаву ин Каъбапарстӣ
Куфр аст мабодо, ки зи имон хабаре нест.
Фарёди ману мо ҳама бигрехтан аз дард,
Аз омадану рафтани дармон хабаре нест
Доман бикаш, эй Меҳринисо аз ватани дард,
Ин ҷо зи вафодории ёрон хабаре нест.

* * *

Ба ёди ту, ба доди ту нидое мешавам охир,
Ба мулки шоҳи армонам гадое мешавам охир.
Ба истиқболи дил н-ояд парастуи парасторам,
Ҷароҳатҳои розамро давое мешавам охир.
Чу абре бигзарам аз кӯи ту бо дидаи гирён,
Ба рӯи барги ёди ту сафое мешавам охир.
Наёрӣ бар забони худ ту ҳарфе аз баёнамро,
Ба тори кандаи меҳрат садое мешавам охир.
Ба саҳрои дили танҳо саманди носипосӣ чист,
Ба сақфи сабзи имонам ҳумое мешавам охир.
Нафири нолаҳои ман найистонро ба роз орад,
Канори хуну хокистар навое мешавам охир.
Суроғи ман намеоӣ, ки бахти ҷовидон ёбӣ,
Сулаймони садоқатро сабое мешавам охир.
Ба болини риё афсурд арӯси бегуноҳи ишқ,
Ба чашми илтиҷои дил зиёе мешавам охир.
Сари саҷҷода биншину хазонамро таманно кун,
Ба тасбеҳи ниёзи ту дуое мешавам охир.

* * *

Дилбари бовафо туӣ,
Ёраки бевафо манам.
Соҳиби ду ҷаҳон туӣ,
Соилу бенаво манам.
Ошиқи мубтало туӣ,
Лоиқи сад бало манам.
Қосиди муждаҳо туӣ,
Ворисе укдаҳо манам.

Рострави расо туӣ,
Хостаи хато манам.
Мавҷ туӣ, авҷ туӣ,
Сахраи бесадо манам.
Дар барам ар набуд Меҳр,
Одиякак Нисо манам.

* * *

*Боз фарёди ҷунун меояд аз гавгои дил,*
*Раҳбаре ку, то намояд роҳи нопайдои дил?!*
***Халилӣ***

Боз афсун мекунад девонаро Лайлои дил,
Боз аз раҳ мезанад эҳсосро Мавлои дил.
Сар ба зонуи тавалло мениҳам аз хастагӣ,
Лек бошад шӯх бо ман тифли ишқорои дил.
Зархаридони муҳаббатро сипосу аҳд нест,
Бемадорам аз мадорои дилу савдои дил.
Аз нигоҳу аз гуноҳи ишқ меболад ба худ,
Бепаноҳ уфтодаам дар роҳи нопайдои дил.
Шиква дорад аз ману аз дидаи хунбори ман,
Лаб ҳамебандам дигар аз ҷабри беҳамтои дил.
Ман гирифтори ҷафою ӯ парастори вафо,
Ҳамнавоям бо ниёишҳои ҳамовои дил.
Моҷарои дил ба соҳибдил чаро созам баён,
Худ ҳамедонам чӣ мехоҳам ман аз ғавғои дил.
Чашми дил мебоядам, то ҳар нафас бо сад ҳавас
Ман бихонам сад ҳазор афсонаи зебои дил.
Шӯъла афкан, эй чароғи меҳр, дар мулки вуҷуд,
То шукуфад ғунчаи уммед дар шабҳои дил.

* * *

Умр бо ман мисли ёрам бевафоӣ карду рафт,
Аз вуҷуди хастаам ҷонам ҷудоӣ карду рафт.
Зиндагӣ подоши олии Худо буду дилам
Ҳар нафасро бар ҳавасҳом худоӣ карду рафт.

Дар вафою расми ёрӣ кас намеёбад чу ман,
Меҳрубониро вале нозам гадоӣ карду рафт.
Дил ба даст овардаву дил додаву дил бохта,
Як зани дардошное дилрабоӣ карду рафт.
Ишқ омад бо таҷалливу карори ман рабуд,
Гунаҳои лоларангам каҳрабоӣ карду рафт.
Хоксорӣ сури сират будаву авҷи камол,
Оҳ аз авҷи камоле,ки камоӣ карду рафт.
Ман ба ҷурми зинда будан хору зору беҳунар,
Марг омад, қимати будам ҳавоӣ карду рафт.
Ҷон ба ҷони дӯст бигзорад гарав Меҳринисо,
Дар дифои хеш бингар, бенавоӣ карду рафт.

* * *

Ту меҳмон омадӣ, эй ҷон, ки қурбони дилам бошӣ,
Чу эҳдои худовандӣ нигаҳбони дилам бошӣ.
Ҳама ҳарфу ҳиҷоямро, таманнову ниёзамро,
Нависам бо хати заррин, ки Куръони дилам бошӣ.
Ғубори роҳи ишқамро ба ашки шӯри худ шустам,
Ки худ зеботарин нуре ба чашмони дилам бошӣ.
Ту эй пайғамбари уммед, ту эй рахшанда чун хуршед,
Илоҳо, пайки нотакрори паймони дилам бошӣ.
Нагуфтам рози худ бо ту, ки дардамро намехоҳӣ,
Ту худ дардӣ, намехоҳам,ки дармони дилам бошӣ.
Маро дар оташи қудсӣ бисӯзу машъале афрӯз,
Бад он соне, ки мехоҳӣ, ба фармони дилам бошӣ.
На як Меҳринисо нозад ба васли бемисоли ту,
Ту бемислӣ, мисолат нест, имони дилам бошӣ.

* * *

Бо фанои дил ман фано шавам,
Бо навои ишқ бенаво шавам.
Бо камоли ишқ бар ту ошиқам,
Бо садои дил ҳамсадо шавам.
Аз фусуни ишқ метавон гурехт,
Аз ҷунуни дил чун раҳо шавам?

Дар суроғи ту дида кӯ ба кӯ,
Рӯ ба рӯи ту ман адо шавам.
Ғофиле бидод умри ман ба бод,
Дилбаре куҷост, дилрабо шавам?!
То фироқи ту сӯзадам вуҷуд,
Дар дифои дил худ фидо шавам.
Як сабад ҳавас пеши кӣ барам,
Манзилат куҷост, ман гадо шавам?!
Меҳраму Нисо монда дар бало,
Бесару садо мубтало шавам.

* * *

Дар ин шоми пурафсуни зимистонӣ
Дилам аз гиря хун шуд ногаҳонӣ.
Ҳазорон шоми уммедам сипар шуд
Ба уммеди зуҳури армуғоне.
Танам бо захми урёнаш навозад
Тапишҳои гарони зиндагонӣ.
Намедонам куҷо бигрезам аз дард,
Ки осоям даме аз нотавонӣ?
Ба роҳе, ки ту меоӣ суроғам,
Намебахшад чароғе равшаноӣ.
Ҳавои фасли сарди дӯстдорон,
Бимонд аз барфи андӯҳам нишонӣ.
Ҳама ранҷе, ки бурдам дар раҳи ишқ,
Наовард ӯ бароям муждагонӣ.
Худоё сарди сард ин хонаи дил,
Куҷо шуд ваъдаҳои меҳрубонӣ?

* * *

Қаҳру истеҳзо залолат оварад,
Ҷабри беҳамто разолат оварад.
Инқилоби рӯҳ мехоҳад замон,
Ҷанги курсӣ кай асолат оварад?
Саркашони ишқро меҳроби ақл
Бар сари кӯи адолат оварад.

Доваре, ки ғарқи гирдоби худ аст,
Даври ӯ девони ғорат оварад.
Хизмати хирсонаи аҳли зимом
Бар сари мардум касофат оварад.
Дар Сиёсатнома фармуда ҳаким,
«Мулкро золим фалокат оварад».
Аз Арасту нуктае бас воҷиб аст,
«Аҳди омизода иллат оварад».
Бехабар, Меҳринисо, ки шеъри ту
Бар сарат санги маломат оварад.

* * *

Гӯям ғами Ватанро аз хотирам барорам,
Савдои ишқи ӯро як лаҳза вогузорам.
Шамъи уммедҳоро дар қасри бехудиҳо
Афрӯхта ба шодӣ, дунёи худ нигорам.
Тифлони бепадарро, мардони дарбадарро,
Ҳурони хунҷигарро бар ҳоли худ гузорам.
Бешу ками замонро, ошӯби осиёнро,
Ҷабри ситамгаронро бар ёди худ наорам.
Бар ҷодаҳои шаҳрам хомӯш мезанам гом,
Бо ёди дилнавозон гум мешавад қарорам.
Гӯям Ватан шуд аз даст, дар дил уммед бишкаст,
То хоки тира шуд паст, қадри ҳаволадорам.
Танҳо ба хилвати худ неку бади замонро
Андар мизони ақлам бо дард мешуморам.
Ҳарчанд дар забонам гӯям ғаме надорам,
Аммо ҳақиқати талх меоварад фишорам.
Не музтарам, на бечиз, ҳеҷам агар, на оҷиз,
Як духтари мубориз, одамгарӣ шиорам.
Захм аст дар дили ман аз ғурбати азизон,
Ку муждавар, ки ҷонро дар мақдамаш супорам?

* * *

Хоҷаи моро бубахш инсофу имон, эй Худо,
То насозад ҷабр бар ҷони мусулмон, эй Худо.
Оби раҳмат рехт аз чашми малак бар сӯзи мо,
Нест раҳме бар дили маснаднишинон, эй Худо.

Мо барои ҳақталошӣ назди ҳақдор омадем,
Ҷониби мо ӯ нигорад мили танкон, эй Худо.
Ҷабри бедодӣ ба ҷони пиру барно кора кард,
Варна кай меомадӣ мардум ба афғон, эй Худо.
Мо пас аз садсолаҳо дидем нақши офтоб,
Нури ӯ равшан намуда зулматистон, эй Худо.
Хуш дамида субҳи истиқлолу раҳгум душман аст,
Дам кашидан хоҳад ӯ равшанзамирон, эй Худо.
Ё бигирӣ парда аз рӯи рақибони Ватан,
Ҷони манро гир ё пеш аз шабистон, эй Худо.

*1992*

* * *

Дар мизони ақли худ ҳангомаҳо бар мекашам,
Аз гиребони ҳақиқат шӯъласон сар мекашам.
Гаҳ сияҳро бо сафед омехта, нурам ба нор,
Риштаи иқболро то мулки Ховар мекашам.
0ҷизу бечора мебинам малакро дар фалак,
Аз миёни гулхани андеша минбар мекашам.
Боварам н-ояд ба шайтонии мардони Худо,
Ҳалқаи дори сиёсатро зи довар мекашам.
Ҳарза мегӯяд забардасте, ки ошиқ куштааст,
Мениҳам дандон ба дандону ғазаб дар мекашам.
Нотавонам, гарчи мегӯям, ки бо лутфи сухан
Нешҳо аз қалби ғамполои модар мекашам.
Ғунчаосо мекушоям рози худро бо насим,
Аз дили шаб то саҳар акси кабӯтар мекашам.

* * *

Ҳаққи худро аз даҳони мор то кай мекашам?
Аз дили озурда неши хор то кай мекашам?
Дӯстонам дурри ашканду якояк меравед,
Хешро аз дидаи ағёр то кай мекашам?
Осмон аз гиряи борон фазоӣ оҳ шуд,
Оҳи мискинро ба ин миқдор то кай мекашам?
Дардро осон намудам бо фаромушӣ аз он,
Бори иллатро ба дӯш иҷбор то кай мекашам?

Меравам огоҳ аз маҷлис ба сӯи бехудӣ,
Гӯшро аз ҳарзаҳо зинҳор то кай мекашам?
Ман биҳишти ростин дар рӯи тифлон ёфтам,
Носабурам, ҳасрати дидор то кай мекашам?
Шарти хубиҳост бунёди замину осмон,
Байни ин ду ноошно тимор то кай мекашам?
Нақди дилро дар қудуми Меҳр яксон кардаам,
Нақши пои тоқату озор то кай мекашам?

* * *

Мо хотири болида зи Наврӯз надорем,
Аз ҷабри шабохуни фалак рӯз надорем.
Дар мотами даҳҳои ситамкеш сияҳпӯш,
Аз марги азизони Ватан сӯз надорем.
Шаб аз паси шаб ояду дар хоби гаронем,
Як ахтари тобони шабафрӯз надорем.
Нозем ба ганҷури фаровони куҳистон,
Ҷуз модари ғамхору ҷигарсӯз надорем.
Айб аст аз арбоби ҷаҳолат талаби нур,
Девони ғазабро адабомӯз надорем.
Озурда ба ҳар гӯша дили оинадорон,
Монои Ҳушанг оташи ғамсӯз надорем.

* * *

Дар ҳисори хештан дил оқибат бегона монд,
Дар ҷаҳони ҷаҳл бо унвони як девона монд.
То шавад малҳам ба ҷони хастагон аҳли басар,
Бо сабукборони даврон ин ҷадал афсона монд.
Кас набуд то боз дорад ҳарзаи нобихрадон,
Мурғи ҳақгӯи адолат дар маломатхона монд.
Санги бадгавҳар талоши бебаҳоӣ мекунад,
Нест чун гавҳаршиносе, ганҷ дар вайрона монд.
Имшабу шабҳои дигар бо таманнои висол
Шамъсон месӯзаму дил дар рами парвона монд.
Аз шабехуни силаҳдорони беназму низом
Бенизоми дигаре дар марзу бумҳо лона монд.

* * *

Бадбахтии мо «заҳмату ранҷ»-и дигарон аст.
Не иллати ин миллати озодаинон аст.
Ин хоку замин, кӯҳу чаман, чашмаву дарё,
Мероси ниёгону на тороҷгарон аст.
Аз чашми фалак оташи офат ба замин рехт,
Лабташна дар ин даҳр басе оби равон аст.
Мо сар ба замин аз ғами бедод ниҳодем,
Бедории мо рашки ҳасудони ҷаҳон аст.
Бо теғу табар зарбаи мастона ба мо зад,
Гаҳвораи мову ту кунун моли касон аст.
Кам нест дар ин саҳни чаман шӯъбадабозӣ,
Дар сабзаи хомӯш саровози фиғон аст.
Як сарв ба сарсабзии ин боғ насабзад,
То ёр сабуксайру маҳалбозӣ аён аст.
Мо луқмаи дилхоҳ ба сархони ҷаҳонем,
Чашмони дусад гушна ба ин сӯ нигарон аст.

* * *

Дида аз дидори ёрон нозу ҷавлон мекунад,
Олами шабзиндадоронро чароғон мекунад.
Сабза мехонад сурудеро ба истиқболи моҳ,
Моҳи нав шукри сахои меҳри тобон мекунад.
Мо ки аз паҳлуи ёрон дури дур афтодаем,
Хокбоде хотири моро парешон мекунад.
Бо паёми дӯст бошад ҳар насиме, ки вазон,
Ғунчаи андешаи моро шукуфон мекунад.
Дасти иқболам намегирад гиребони шикеб,
Ношикебоӣ маро сар дар гиребон мекунад.
Хони пурнози муҳаббатро кушуда халқи мо,
Ифтихор аз тоҷикону Тоҷикистон мекунад.
Субҳи истиқлолу озодӣ муборак, ҷони ман,
Шодии Меҳринисоро ашк борон мекунад.

* * *

Баъд аз ин кошонаро обод мебояд намуд,
Рӯҳи аҷдодони худро шод мебояд намуд.

Баски роҳи хешро аз гумраҳӣ гум кардаем,
Бо алам гумкардаҳоро ёд мебояд намуд.
Бар субути бегуноҳии «гунаҳкорон» басе
Коҳҳои кӯҳнаро ҳам бод мебояд намуд.
Гоҳ-гоҳе бо шарарҳои дили хунёгаре,
Олами андешаро имдод мебояд намуд.
Бо забони модари тоҷик дар дунёи мо
Дижхароботи сухан обод мебояд намуд.
Бо «Шифо»-и пури Сино, пандҳои Рӯдакӣ,
Як ҷаҳоне аз хирад бунёд мебояд намуд.

* * *

Олами рангину дунёи ҳавас бошад маро,
Ҳамчу най меноламу фарёдрас бошад маро.
Гар ба олам бингарам аз равзани ишқу умед,
Зӯҳра бо икди Сурайё дастрас бошад маро.
Чун ба дил ҷо мешавад бо шири модар меҳри ӯ,
Гармии ҳастии модар ҳамнафас бошад маро.
Гар надонад одамӣ қадри азизони Ватан,
Ӯ надонад қадри хешу хору хас бошад маро.
Интизори корвони ҳамдилӣ биншастаам,
Ҳар садои ошно бонги ҷарас бошад маро.
Машъали дасти азизон мекунам ду дидаро,
Равшанӣ аз равзани ирфон бас бошад маро.

## КӮҲАНДИЁР

Рӯзе аз ин бегонашаҳр
Ман мегурезам сӯи ту.
Эй мазҳари ишқу умед,
Эй орзуи орзу.

Он ҷо ки ҳар ҳарфи маро
Шаҳруд медонад зи ёд.
Дар банд - банди пайкарам
Ишқи бузургаш зинда бод.

Ҳар сабза бо ман ошност,
Ҳар санг болини сарам.
Шебу фарози ошно
Бо чашми баста биспарам.

Атри гулу ҳам ёсамин
Биншаста дар гесӯи ман.
Нури нигоҳи шеди он
То ҳол тобад сӯи ман.

Чун бурҷи нурӣ тобад он,
Чун ахтарони Каҳкашон.
Ҳам нуру ҳам нори ман аст
Оташгаҳи Зардушти он.

То ахтарони Каҳкашон
Кай мерасад овои ман?
Бояд расидан то ба ту,
Панҷекати зебои ман!

## РӮЗГОРОН ГАШТУ ГАШТ

Рӯзе, ки фошгӯӣ доми фиреб гардид,
Мирзою орифонро тӯҳмат насиб гардид.
Қотил бимонд озод аз пушти комронӣ,
Равшанзамири даврон по дар ниҳеб гардид.

Шоҳид набуд виҷдон бар ҳукми бегуноҳон,
Бо пора коғаз охир рафт итминон зи инсон.
Чанде намуда мурдор алфози модари хеш,
Осори миллаташро бар хок карда яксон.

Баргашт нузҳати бахт аз рӯи Оли Сомон,
Барбаст кӯчи худро дигар шаҳомати шон.
Бигзашт зиндагонӣ бе нашъаи ҷавонӣ,
Биншаст сояи наҳс дар дидаву дилу ҷон.

Эй халқи нуктадонам, ин нуктаи мусаллам,
«Хомӯш будан акнун аз баҳри ҷон тило нест».
Дар қолаби шиоре дигар наметавон зист,
Зеро ки сабри мардум сар омад, интиҳо нест...

## ИН БАҲОРОН

Ин баҳорон нағмаи булбул намеояд ба гӯш,
Ин баҳорон ошиқи боғу чаман мирад хамӯш..
Андалеби рӯҳи исёнии ман лол аст, лол,
Нағмаву найранг дорад ин хазони пардапӯш.

Хома дар дастам дигар аз гул намегӯяд сухан,
Ҷои гул дар чашми ман хори муғелон хуштар аст.
Баски месӯзад дилам дар оташи бечорагӣ,
Машъали андешаи ман тӯъмаи хокистар аст.

3-он ки бунёди ситамро пояҳо афзун шуда,
Пойдевори адолатро кӣ бошад такядор?
Ғунчаи осоиши ман бӯи мотам мекунад,
Дидаам нодида бинад рангу бӯи навбаҳор.

Ахтарон бо сабзаҳо шаб гуфтугӯе доштанд,
Аз ҷафои боғбони ҳамрадифи Аҳриман.
Ҳалқаи қонун ба гардан, қуфли хомӯшӣ ба лаб,
Аз мадоро бемадор оинадорони Ватан.

*1991*

* * *

Базми шоду сур мехоҳад дилам
Нағмаи танбӯр мехоҳад дилам.
Чиллаи танҳоӣ ар бишкастаам,
Маҳфили пуршӯр мехоҳад дилам.
Укдаи рози дилам накшодааст,
Ҳамчу Мӯсо Тур мехоҳад дилам.
Дар дили шаб ғуссаҳоро хоб бурд,
Рӯшаниву нур мехоҳад дилам.

Сӯҳбаторои азизи нуктадон,
Ҳамдами мастур мехоҳад дилам.
Баъд аз ин худхорию худкостан
Зиндагии ҳур мехоҳад дилам.
Ҷунбиши гаҳвораву он алла ку?
Модари раҳдур мехоҳад дилам.
Бар ту эй Меҳринисои меҳрубон,
Олами пурнур мехоҳад дилам!

* * *

Аз саводам пеши устодон хиҷолат мекашам.
Аз дифои тифли нофармон хиҷолат мекашам.
Дар хаёли мушикофӣ оқиле варзад сукут,
Аз талоши мардуми нодон хиҷолат мекашам.
Мешавад бо ним ноне зиндагӣ карду намурд,
Аз нигоҳи сарди соҳибхон хиҷолат мекашам.
Волидон аз бенавоӣ дасту рӯи ҳам кананд,
Аз фиғони тифлаки ҳайрон хиҷолат мекашам.
Дарди бедармони асрамро даво пайдо нашуд,
Ман зи навмедии ҷисму ҷон хиҷолат мекашам.
Қарзи яздон аст, - гӯяд модарам - арзи салом,
Аз алейки фарди рӯгардон хиҷолат мекашам.
Доманам сӯзад, зи оби дида меҷӯям мадад.
3-иллати бедасту бепоён хиҷолат мекашам.
Қатраи обе чӣ бошад рӯи уқёнуси Меҳр,
Оҳ-оҳ аз ҳиммати борон хиҷолат мекашам.

* * *

Тифлаки ман, Офаридун, ҷони ман,
Чарх мегардиву бозӣ мекунӣ.
Ҷони модар, аз камоли дилхушӣ
Бурда завқе, сарфарозӣ мекунӣ.

Оҳ, мехоҳам, ки бошам мисли ту,
Тифлаки нодони сар то по накӯ.
Панҷаи хуршед бошад шонаам,
Ҳампару ҳамболи мурғи орзу.

Шомгоҳон хаставу жӯлидамӯ
Афтаму дар гӯшае хобам барад.
Бо пару боли кабӯтарҳои шод
Аспи зарринёли маҳтобам барад.

Кош бинам ман ба хобам гулпарӣ,
Қиссаи шаҳдухтару афсунгарӣ.
Кош ояд дар суроғам нимашаб
Шаҳсаворе бо кулоҳи пар-парӣ.

Кош чун нони шикаста моҳи нав
Аз ҳаросу ғуссаҳо дурам кунад.
Субҳ чун оинаи искандарӣ
Партави рӯи ту масрурам кунад.

## БА ДУХТАРАМ ПАРВИН

Чунон мон, ҷони модар, ки намонад
Дили ҳассоси ту аз зиндагонӣ.
Маёзору набинӣ ҳеҷ озор,
Баду неки ҷаҳон кай ҷовидонӣ?

Магӯ, ки мардум аз чӣ бевафоянд,
Вафои худ ба кас санҷидаӣ ту?
Набошад бод то, барге наҷунбад,
Куҷо қарсак зи як каф дидаӣ ту?

Намебошад баробар панҷ ангушт,
Бад-ин сонанд мардум нобаробар.
Чароғи маҳфили фарзонагон бош,
Дар ин дурӯза дунё, ҷони модар.

Бадӣ Аҳримане бар ҷони одам,
Бадонро менаомурзад Худованд.
Ҳамеша хушгилу хушхуй мебош,
Ҷаҳолатро ба занҷири ҳаё банд.

Ба кас пероя дар ботин имон аст,
Калиди қалби инсон дар забон аст.
Агар, ки мӯҳтарам дорӣ азизон,
Нигаҳбонат худои меҳрубон аст.

* * *

Ману дарё, ману дарё равонем,
Ману дарё мисоли хоҳаронем.
Ду раҳҷӯи раҳи душвори тақдир,
Ду лабрези ғаму сури ҷаҳонем.

Варо амвоҷи шӯху ношикебост,
Маро низ авҷҳои худ фиребост.
Варо дар сар ҳавои бӯстон аст,
Маро хуммори рӯи дӯстон аст.

Маро бар ғуссаҳо ин сина танг аст,
Варо ҳам бо хасу хоро диранг аст.
Варо ҳам қолаби соҳил гарон аст,
Маро ҳам миннати соил гарон аст.

Варо мақсад шикасти ташнагиҳост,
Маро бар асли худ пайвастагиҳост.
Варо ҳам саркашиву доми санҷиш,
Маро низ имтиҳони зиндагӣ беш.

## МАҲАСТӢ

Маҳастиро талоши илму фарҳанг,
Суроғи ҳамдилӣ, на хешу ҳамсанг.
Рабуд аз домони Сайҳун ба Ганҷа
Набудӣ мулки зебояш варо танг.

Дили озодааш парвоз мехост,
Тавонаш шаҳпари шаҳбоз мехост.
Гумонам ӯ ба монанди Низомӣ
Ҳабибу ҳамдилу ҳамроз мехост.

«Набошад пеши рӯбаҳ мотами шер»
Бигуфту рафт ранҷурӣ гузида.
Вале як умр бо ёди Ватан зист,
Ба дурӣ кохи маънӣ офарида.

Ба Озар озарахше аз шукӯҳаш,
Варорӯд меҳани фазлу футӯҳаш.
Накӯ дидам, ки аз оинаи рӯд
Нигаҳ дорад парешон мурғи рӯҳаш.

## БАРОИ ХУРШЕДИ АЗИЗАМ

Ало, тифли накӯ, ороми ҷон шав,
Дар оғӯши ҳавасҳоям калон шав.

Чу он парвонаи рангинпарубол,
Ба чашмони гулистон парфишон шав.

Мабин оҷанги рӯямро ба ҳасрат,
Мисоли мавҷи дарё дилситон шав.

Ба мӯи ман агар дидӣ сапедӣ,
Варо субҳе шумору нағмахон шав.

Мисоли тозагулҳои баҳорӣ
Ба чор айёми умрам арғувон шав.

Хазони гул агар шарт аст, бигзор,
Ту андар олами ман, бехазон шав.

Шабе бар дидагони бефуруғам
Агар моҳе набошӣ, каҳкашон шав.

Ту, эй тифл, эй умеди беғуборам,
Дар оғӯши ҳавасҳоям калон шав.

## ЧАКИДАҲО

Маро зан будан инъоми худоист,
Дилам хам мазҳари ишқи илоҳист.
Вале дар қолаби расми асасҳо
Нигаҳдории ман шарти вафо нест.

* * *

Баҳор асту нафасҳои насимаш
Маро гӯяд ки: «бишкан доми тазвир».
Маро, ки қудрати худсозиям нест,
Куҷо бигрезам аз фармони тақдир.

* * *

Чаро ман ҳарзаи аблаҳ кунам гӯш?
Чаро гирам касу нокас ба оғӯш?
Маро аз бехудиҳои тиҳимағз
Хиҷолат мефизояд, мепарад ҳуш.

* * *

Аҷаб давру аҷоиб як замона,
Хасу хошоку оташ ҳамзабона.
Шунидам лахча бо хуршед мегуфт,
Бисӯзад оламат моро, дугона.

* * *

Ба мастӣ зоча бар минбар кашиданд,
Нафас осуда аҳли шар кашиданд.
Шуда шармандаи кирдори зоча,
Ба сӯи ҳамдигар ханҷар кашиданд.

* * *

Дил оқибат бо ишқи ту то авҷи кайҳон мерасад,
Охир лабони ташнаам бар оби ҳайвон мерасад.
Ҳар ҷо, ки ҳастам, бо туам, ҳар ҷо, ки ҳастӣ, бо манӣ,
Эй ҳамдаму эй ҳамсадо, кай марги ҳиҷрон мерасад?

Аз худ гузаштан мушкил аст, то ту расидан ҳам маҳол,
Кай з-осмони меҳрубон он нури имон мерасад?
Бо нағмаҳои ҷӯйбор, ҳам лолаҳои беғубор,
Кай мерасӣ, эй орзу, сабрам ба сомон мерасад?
Эй ҳозирам эй ғоибам, эй ҳамдами танҳоиям,
Кай дарди бедармони ман бе ту дармон мерасад.
Андар сукути ахтарон ҷӯям туро аз бекарон,
Боз о, ба ҷонам, ҷони ҷон, оҳанги борон мерасад.

## БИҲИШТИ МАН

Нигар ба рӯи панҷаат,
Ба қатраи сиришки ман.
Бидон, ки қатра-қатра аст
Сароби сарнавишти ман.
Фariштаи биҳишти ман.

Бубин, ки оби раҳмат аст
Зи абри пораи ниёз,
Ба шукри бо ту буданам
Дар ин сарои имтиёз.
Ману туву Худои роз.

Ба моварои сарди ҳаҷр,
Ба моҷарои дарди шум,
Бигӯ ба поси ишқи ман,
Чӣ ёфтӣ, чӣ карда гум?
Машин дигар мисоли бум.

Кушой лаб, ки бишнавам
Садои дилфиреби ту.
Ба сад талош омадам
Ба ман ту ҳарфаке бигӯ.
Ки меравам ба худ фурӯ.

Бигӯ, ки вақту фурсат аст,
Дақиқаҳо ғанимат аст.
Ба гӯши ман ду ҳарфи ту
Калимаи шаҳодат аст.
Барои зан саодат аст.

* * *

Ба гулбонги мусулмонӣ диҳам гӯш,
Баду неки ҷаҳон созам фаромӯш.
Ба монанди фаришта софу мастур,
Шароби нури раббонӣ кунам нӯш.

Мусулмонам, Худоро мешиносам,
Ман аз ҷурму гунаҳҳо меҳаросам.
Ба ҷону дил парастам Мустафоро,
Ки аз имон ихлосу халосам.

Худое, ки ба инсонҳо раҳим аст,
Башоратдеҳи роҳи мустақим аст.
Нигаҳ дорад маро андар паноҳаш,
Ки ӯ яктову идрокаш азим аст.

* * *

Ҷустуҷӯро ибтидоӣ,
Гуфтугӯро мӯҳтавоӣ.
Байни тӯфони балоям
Киштиамро нохудоӣ.
Сабзаву себаргаҳоро
Накҳату рангу навоӣ.
Дар замини заъфаронрӯ
Ранги сурхи лолаҳоӣ.
Раҳнавардам, раҳсипорам,
Раҳкушову раҳнамоӣ.
Интизорам, чашми чорам,
Камнамоӣ, камнамоӣ.

Ёри ту баъди ҳама кас,
Ёри ман баъд аз Худоӣ.
Ҷуз ту ғамхоре надорам,
Ғамрабоӣ, ғамрабоӣ.
Бе ту олам нест олам,
Меҳриву меҳригиёӣ.

* * *

Ба одам нури имон офариданд,
Сириштӣ ҳуру ғилмон офариданд.
Зи обу хоку боду оташи қудс
Тилисми ҳастию ҷон офариданд.
Барои сабзаҳои дашти сӯзон
Ба ҷои ашк борон офариданд.
Ба дарё мавҷи пуртуғёну саркаш
Ба уқёнус тӯфон офариданд.
Худо аз мушти хоке сохт Одам,
Ва Ҳавворо ба дармон офариданд.
Набуд гӯё фалакро кори дигар,
Бадомӯзе чу шайтон офариданд,
Ба Ҳобил Одаму Ҳавво гириста,
Чаро Қобил фаровон офариданд?
Ба кӯтоҳии умри одамизод
Аҷал кам буд, ки ҳиҷрон офариданд.
Маҷӯ, Меҳринисо, асрори дунё,
Фалакро зери фармон офариданд.

* * *

Розам ба каси нодон гӯям чӣ, нагӯям чӣ,
Аз қаҳтии ин даврон гӯям чӣ, нагӯям чӣ.
Дил пораи абр астӣ аз ғурбати дилдорон,
Аз офати ин борон гӯям чӣ, нагӯям чӣ..
Бегона шудӣ, эй дӯст, дудам ба фалак печид,
Аз сайри сабукборон гӯям чӣ, нагӯям чӣ.
Девона ҳама девон, бегона ҳама хешон,
Аз мастию аз пастон гӯям чӣ, нагӯям чӣ.

Қимат шуда нархи нон, беқиматӣ, эй инсон,
Аз мардуми саргардон гӯям чӣ, нагӯям чӣ.
Эй Меҳринисо, хомӯш, мастезу маё бар ҷӯш,
Андеша ба нофармон гӯям чӣ, нагӯям чӣ.

* * *

Дил даруни синае ларзиду гуфт
3-ашки дида доғ дар ҷонам шукуфт.
Андалеби интизори ноумед
Дар хазони гул ба пои гул бихуфт.
Чун парастуи умедам кӯч баст,
Ноз оҳанги сафар аз ман нуҳуфт.
Ман тани танҳо ба зиндони танам,
Ҳавзи хунам орӣ аз гуфтушунуфт.
Миннати танҳоиям танҳо кашам,
Дигарон болида мегарданд ҷуфт?
Ҳар киро гар мерасад дарду бало,
Сӯи ман охир намебояд, ки руфт...
Дида буд чун дида бунёди ҷаҳон,
Шикваи дилро ба ҷонаш мешунуфт.
Гуфт: Менолӣ зи танҳоӣ, дареғ,
Кас наёбад васли ҳақ осону муфт,
Дурри ғалтон буд, ашки ҳасратам
Мавҷи дарё дар садаф дурдона суфт.

* * *

Ишқ дармон асту беморaш манам,
Ишқ ганҷеву харидораш манам.
На зи дармон рӯй тобам, не зи дард
То дами охир гирифтораш манам.
Ошиқам ман, ошиқам ман,ошиқам,
Баски Мансури сари дораш манам.
Ҳар ки донад маънии нуру зиё,
Садқаи зеҳни гуҳарбораш манам.
Бо камоли ишқ будан санъат аст,
Бо каломи ишқ зинҳораш манам.

Ҳар ки ёбад ҷавҳари асли вуҷуд,
Беҳтарин иқрори асрораш манам.
Ёри нопайдои ман, Меҳринисо,
Қимате дорад, ки дилдораш манам.

## МАРО БО ХЕШТАН ПАЙВАНД

Маро бо хештан пайванд,
Ки танҳо мондаам, танҳо.
Дар оғӯши ғаму ғурбат,
Дар андӯҳи туву манҳо.

Маро бо хештан пайванд,
Расули ишқу армонам.
Бидуни ту чӣ бошад умр?
— Ғами беҳуда, — медонам.

Маро бо ту дар ин дунё
Дилорои ҳавас бошад.
Маро бе ту на нерӯе,
На ёрои нафас бошад.

Маро бо хештан пайванд,
Чу мавҷе бо дили дарё.
Ва ин пайванди раббонӣ
Шавад овозаи дунё.

Маро бо хештан пайванд…

* * *

Эй худоё, пургуноҳам, пургуноҳ,
Ин дили девона мӯҳтоҷи паноҳ.
Бурдаӣ аз ман ҳабибамро ба дур,
Бо рақиби худ чӣ гӯям бе гувоҳ?
Ҷони ман оворaи дунё шуда,
Ин вуҷудамро биафкан зери чоҳ.

Хастаам, осоиши рӯҳам бидеҳ,
Ҷони ман, бигзор имрӯзу пагоҳ.
Ман надорам тӯшае манзури ту,
Бар гадо лутфе бикун, олампаноҳ.
Чун шудам девонаи зулматкада,
Субҳ метобад ба чашми ман сиёҳ,
Холиқу парвардигорам, эй ҳабиб,
Нӯшдору рехт андар нимароҳ.
Тавбаи Меҳринисо бинмо қабул,
Баъд ӯро то макони худ бихоҳ.

* * *

На оғози зи худ осуда будан,
На анҷоми ба мақсуде расидан.
На меболам ба ин боле, ки дорам,
Азизон, булъаҷаб ҳоле, ки дорам.
Намедонам, ки дил озурда аз кист,
Намепурсам туро осоиш аз чист?
На поям мекашад то хонаи дӯст,
На дастам мерасад бар шонаи дӯст.
На аз худ метавонам, ки гурезам,
На нерӯе, ки ашки ғам бирезам.
На бо хешу на бо бегона нозам,
Ба вазъи нобафармонам чӣ созам?
На аз ёдам равад ёди ҳавассӯз,
На ёдам мекунад ёри нафассӯз.
Зи ҳолу ҳолати худ дар шигифтам,
Худоё, даргирифтам, даргирифтам.

* * *

Нишастан рӯи хокистар барои зар намехоҳам,
Ба таскини дилам ҷуз ҳарфи ҷонпарвар намехоҳам,
Зи меҳнат мешавам комил, муродам ҳамчунин ҳосил,
Ҷаҳони сахраи соҳил ба сад гавҳар намехоҳам.
Басе озурда ин озор маро дар умри нотакрор,
Вале як лаҳза озори дили модар намехоҳам.

Ду каф обе, ки менӯшам зи чашми чашмаҳои кӯҳ,
Хушо, нақде ба каф дорам, лаби кавсар намехоҳам.
Худоям ҳусни маъниро бароям ройгон дода,
Худоро шукр мегӯям аз ин беҳтар намехохам.
Манам бо одамон зинда, дилам аз меҳр оганда,
Шароби нур мехоҳам, маю соғар намехоҳам.

## ДАСТИ МАРО БИГИР

Дасти маро бигир,
То манзилат бубар.
Ин ҷони хастаро
Танҳо намон дигар.

Эй субҳи хандарез,
Бо ғуссаам ситез.
Дарди маро бигир,
Ашки маро марез.

Ӯ нест, ман ғариб
Дар кӯчаҳои шаҳр.
Ӯ рафтаву шикеб
Бо ман намуда қаҳр.

Чун боди сарсарӣ,
Сар мезанам ба санг,
Дунё барои ман
Танг асту тангу танг.

Эй субҳи хандарез,
Бо ғуссаам ситез.
Дарди маро бигир,
Ашки маро марез.

## СУРУРАМ ТУ

Сурурам ту, сурудам ту,
Ҳама буду набудам ту.
Таманноям, суҷудам ту,
Ҳама ту, ман вале бе ту.

Зи гардун медамад рӯят,
Зи гулшан мерасад бӯят.
Ба ҳар ҷое равам кӯят
Ҳама ту, ман вале бе ту.

Ҷаҳон бо ту чӣ шӯрангез,
Замин гулпӯшу атромез.
Ҳама хоҳад туро, ман низ,
Ҳама ту, ман вале бе ту.

Кӣ бошам ман, набошӣ ту,
Агар нуре напошӣ ту.
Ҳама андар талоши ту,
Ҳама ту, ман вале бе ту.

* * *

Мерасад аз дури дур овозҳо,
Нолаҳо, андешаҳо, иброзҳо.
Сози мутриб мебарад ҳуши маро
То суҷуди қуллаи эъҷозҳо.
Дар дили танҳои ман зам мешавад
Санъати зебои сарафрозҳо.
Меравад аз хотири озурдаам,
Захми нешу сури зоҳирсозҳо.
Ишқ эҳё мекунад ҷони маро,
Ботинамро дода бас пардозҳо.
Менависам дар китоби хотирам
Қиссаи бемеҳрии анбозҳо.
Пардаҳои нозуки андешаам
Пардабардору аниси розҳо.

Хуш намеояд маро савти карам
З-авҷи он ояд садои озҳо.
Пар кашам бо чорзарби хоҳишам,
Сӯи ту, эй матлаи оғозҳо.
«Дӯст медорам туро, танҳо туро»,
Ҳофизи нозам, худои созҳо.
Рақси нуру ҷилваи рӯҳам бубахш
Лаҳзаи осудан аз парвозҳо.

* * *

Зиндагоният нисори меҳри ёрон боду ҳаст,
Ҷои ту дар ҷони ҷону рӯи мижгон боду ҳаст.
Дар фироқи Юсуфи гумгашта Яъқуби туем,
Хилвати мо аз паёмат нурборон боду ҳаст.
Хирмани андешаи моро парешон кардаӣ,
Махзани андешаҳоят сар ба кайҳон боду ҳаст.
Кавсаре, ки менамоӣ, нест дар боғи биҳишт,
Замзаме андар дили мо оби ҳайвон боду ҳаст.
Мо ҳама аз асли худ бисёр дур афтодаем,
Сад асар аз ҳастии мо ишқу армон боду ҳаст.
Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд агар аз кӯи дӯст,
Ёди ёри меҳрубон, ёди Хуросон боду ҳаст.
Бо тагаргу боду боронҳо шукуфтем ин баҳор,
З-ин шукуфтанҳо Ватанро навбаҳорон боду ҳаст.
То гадои ҷилваи бахти азизонем мо,
Хотири Меҳринисо чун мӯ парешон боду ҳаст.

* * *

Сари баланди марди деҳ кулоҳро чӣ мекунад?
Гадои ишқ тӯҳфаҳои шоҳро чӣ мекунад?
Агар, ки ҷон диҳад зане дар орзуи рӯи тифл,
Ба рӯи гӯри пурнамаш гиёҳро чӣ мекунад?
Зи санги таънаҳо булӯри қалби нозуке шикаст,
Дили шикаста бими иштибоҳро чӣ мекунад?
Агар ки оқилӣ, магӯ ғами касе ба нокасе,
Сипоҳи пасту беҳунар силоҳро чӣ мекунад.

Ба рӯи шахси кинавар бипӯш боби хонаро,
Намакҳаром узри бегуноҳро чӣ мекунад?
Зи баддилон манол дил, чу роҳ роҳи мақсад аст,
Асири кунҷи орият гувоҳро чӣ мекунад?

* * *

Аз фироқи дӯст месӯзад дилам,
Аз фироқи дӯст мегиряд қалам
Мири дунон соҳиби сармоя шуд,
Муштзӯре «қаҳрамон»-и меҳанам.
Хонумони ориёнро сӯхтанд,
Сӯхтам дар оташи бедуди ғам.
Қатли ёрон ҳеҷ омад дар назар,
Чун бидидам қатли ирфони Аҷам.
Рустаме дар асри мо пайдо нашуд,
Аз Сиёвуш кай хабар дорад ситам?
Беасар буд наъраи Исфандиёр
Байни ғавғои сагони муттаҳам.
Бо забони тир мегӯяд сухан
Нобакоре бо касони мӯҳтарам.
Бесамар нахле, ки парвардам ба меҳр,
Боғбонро хуш намеояд карам.
Дод аз дасти ту, эй Меҳринисо,
Бас кун охир, ки ба дард омад сарам.

*1990*

* * *

Дар интихоби ёрон ҳаргиз хато накардам,
Ман домани садоқат боре раҳо накардам.
Бо сулҳ меравам чун то остонаи дӯст,
Зангӯлаҳои дилро занги риё накардам.
Бо ҷон ҳамекашад дил нозу ниёзи ёрон,
Баҳри тамаллуқ аммо ин муддао накардам.
Бо дӯсти забонӣ арзи сукут варзам,
Бо дӯстони ҷонӣ чуну чаро накардам.
Ҳастанд дӯстоне, ки ҷоҳ мепарастанд,
Дунё насибашон бод, ман, ки ато накардам.

Эй дӯстони ҷонӣ, ҷонам фидоятон бод,
Ғайри шумо касеро бар дида ҷо накардам.
Дар чашми меҳрборам меҳри шумо нишаста,
Гум бод лаҳзае, ки ёди шумо накардам.
Ман шоирам, ки қалбам ошӯб дораду мавҷ,
Донад худо, ки ҷабре бо нохудо накардам.
Оини дӯстдорӣ оинаи сипос аст,
Бо дӯст носипосӣ, Меҳринисо, накардам.

## ҶОНИ РАНҶУР

Навбаҳорону чаман гул мекунад
Аз нами борону эҳсони саҳар.
Аз сиришки интизори ман чаро
Нахли уммедам намеорад самар?

Дар гули рӯям набинад ҳамдаме
Барги зарди ҷони ранҷури маро.
Чашми сиратбин, дило, пайдо нашуд,
То бубинад захми носури маро.

Хандаам гарчи аламҳо мекушад,
Худ вале мемирам аз ранҷи алам.
Дар дили шаб дар замини дафтарам
Аз нафирам нола мекорад қалам.

Аз нигоҳи сарду бепарвои дӯст,
Ки ба ҷонам дӯст медорам, хушам.
Тифли нозамро парасторе, ки нест,
Ман варо нозода дар худ мекушам.

Дод аз норе, ки аз нураш хушам,
Дод аз осоиши озори ман.
Оқибат беэътиноӣ мекушад
Завқро дар қалби беозори ман.

* * *

Ишқи зеборо ба ҷон пазмон манам,
Қӯи танҳогарди саргардон манам.
Нолаи ман, ки ҳамесӯзад ба дил,
Хастаҷони олами армон манам.
Сабри манро мебарад афсуни ишқ,
Нағмаҳои резиши борон манам.
Ахтари чашми ман ин барқи навид,
Меҳваре гум карда, нофармон манам.
Хонаи осоиши рӯҳам куҷост?
Кӯ ба кӯ саргаштаи ҳиҷрон манам.
Чеҳраи зебои ман акси дил аст,
Дар ниҳону дар аён яксон манам.
Дӯст медорам агар гӯям, киро?
Нест оне, ки ба ҷон хоҳон манам.
Бигзарам аз ҷону аз дил нагзарам,
Меҳрубону меҳрҷӯ, меҳрон манам.

* * *

Ман ба оташгоҳи Зардуштӣ ибодат мекунам,
Ҳам ба қонунҳои некӯӣ итоат мекунам.
Нестам аз зумраи ёрони мақсадошно,
Шикваҳо аз дӯстони бемурувват мекунам.
Дӯст медорам Ватанро мисли тифлам, модарам,
Қалби худро баҳрашон кони муҳаббат мекунам.
Шабнаму борони ашкам ҳосили сӯзи ниҳон,
Сӯзи дилро шабчароғи роҳи миллат мекунам.
Дар дили шаб бо хаёли шеъру ибрози назар
Бо худовандони ишқу шеър хилват мекунам.
Хори дилро чун кашам, ки неши он дар ҷони ман
Решаҳо дорад, ки бо ту истиқомат мекунам.
Аз дилозорони берӯ, эй Худо, дурам бикун,
Ин муноҷотам пас аз ҳар фарзу суннат мекунам.
Дӯстиву дӯстонро мепарастам чун ғазал,
Бо ғазалҳои равонам истироҳат мекунам.

* * *

Эй дил, ба вафо кӯш, ки озурда набошӣ,
Пурсабр бош, ки афсурда набошӣ.
Эй оҳ, ту фарёд бикаш дар дили тангам,
Дар панҷаи фарёдрас афшурда набошӣ.
Эй ғунча, ба армон напазиро ҳарами ноз,
Айёми ситамхӯст, ту пажмурда набошӣ.
Эй дард, ту меҳмони танӣ, рахти сафар банд,
То бандаи ин бандаи рӯ бурда набошӣ.
Эй ашк, ту беҳуда марез аз дили чашмам,
То дар қадаҳи бехабарӣ дурда набошӣ.
Эй сабр, ба паймонаи паймони ту гардам,
Чун Меҳринисо дар пайи ҳар хурда набошӣ.

* * *

Азизон, хастаам, маъзур, маъзур,
Маро бо ҳузни ман танҳо гузоред.
Маро аз лол будан гуфтаниҳост,
Маро аз дарди ман боло гузоред.

Дари бикшодаамро сахт бандед,
Ки буда қуфли он қуфли забонам.
Зи чашми хандарези ман мабинед
Сиришки талху шӯри дидагонам.

Дар ин зиндон, ки ороям шабу рӯз,
Зи девору дари ӯ дилгазонам.
Намебинам навозишҳои борон,
Ба сони ғунча дар ҳукми хазонам.

Забонам лолу афкорам парешон,
Хаёлам мурғаки танҳою маҷрӯҳ.
Ба танг омад дилам з-ин хастагиҳо,
Шикаста боли парвозам зи андӯҳ...

## БӮҚАЛАМУН

Гоҳ кофир, гаҳ мусулмон хонадам,
Гоҳ оқил, гоҳ нодон хонадам.
Ҳайфи хайфам, то чунин хардоваре
Гаҳ ба гардун, гаҳ ба хок афшонадам.

Нур бинад, зулматаш афзун шавад,
Кӯр бинад, чеҳрааш гулгун шавад.
Модари хашм аст, ӯро кам мабин,
Аз ниқоби худ агар берун шавад.

Ошиқу парвардаи мурдобҳост,
Душмани наббоваю асҳобҳост.
Хизмати хирсона карда бар Ватан,
Ифтихораш осию нобобҳост.

Муйиспеди сияҳосорро
Як сари мӯ маънии кирдор нест.
Миллаташ курсӣ, забонаш курсӣ аст,
Саъаташ ҷуз суннати ашрор нест.

## РАҚСИ НИҚОБ

Чӣ ноогоҳ мерақсӣ ба нози дилфиребона,
Аё раққосаи зебо, парии шаҳри афсона.
Қабоят атр мебезад, лабонат ханда мерезад,
Ба ту ин лаҳза мезебад, хироҷи мулки шоҳона.

Ту ҳангоме, ки мерақсӣ парафшон мисли парвона,
Гаҳе бо шеваи яъсу гаҳе масруру мастона.
Даруни сина меларзад дилам, к-ин лаҳза меуфтад,
Ниқобатро ҳамебинам зане аз ғусса девона.

Ҳарири пурҷилои ту ба чашмонат намехонад,
Ба худсозӣ фалак мислат ҳунарманде намедонад.
Ба рӯи арғавониат намебинам фурӯғи нур,
Бигӯ хоҳар, ки дунёят ба дунёи кӣ мемонад?

* * *

Чӣ шавад, ки ногаҳонӣ, зи дари дилам дароӣ,
Ба сафою меҳрубонӣ қафаси дилам кушоӣ.
Шаби ман саҳар надорад, ғами ту самар надорад,
Сафарат хатар надорад ба диёри ошноӣ.
На гули баҳорам орӣ, на хазон суроғам оӣ,
Дами дай расида гӯё ба кароматӣ худоӣ.
Чӣ кунам умеди фардо, ки фаро расида фарҷом,
Ба худо фараҳ надорам зи асорати ҷудоӣ,
Ба хато рақам намоӣ, ба хато раҳам кушоӣ,
Накушоӣ хотирамро, ки зи хотирам бароӣ.
Дами шаб ба гӯши ман гуфт, ки дилат рабуда ёре,
Ба ҷуз аз «муборакат бод» набувад маро дуое.

* * *

Аз мани девона мепурсанд, кӣ афғонат зи чист
Ё чаро рӯ ҷониби навмедҳо овардаӣ?
Носеҳо, оё ту дар аҳди камоли хастагӣ
Дӯстони хешро монанди ман гум кардаӣ?

Як дами осуда мехоҳам, ки гирям аз алам,
Шонаҳои дӯст мехоҳам, ки бигзорам сарам.
То аз ин фарёди танҳоӣ гурезам дури дур,
Ё ки ногаҳ дидани ман дӯст ояд бар дарам.

Дар ҷаҳон бе ғайри ҳиҷрон ғусса иллат будааст,
Дар канори дӯстон будан ғанимат будааст.
Зиндагӣ бе дӯстон марг аст, мегуфтанду ман
Баъди ту донистам ин ҳикмат, ҳақиқат будааст.

* * *

Зулматшиканам, нур надидан натавонам,
Бо феъли худодод буридан натавонам.
Фарёди маро нест ҳавою хатти парвоз,
То манзили уммед расидан натавонам.
Овозаи бедод чунон бурда тавонам,
К-овои дили хеш шунидан натавонам.

Буғзам ба гулӯ мешиканад аз нафаси сард,
Як оҳи таболуда кашидан натавонам.
Ашки ҳавасам дар сари мижгони таҷаллӣ
Андар қадами оз чакидан натавонам.
Сабрам ба сар омад, ки ҳаё мекушадаш боз,
Аз ҳою ҳуи хеш раҳидан натавонам.
Дар маъракаи зулм ҳадиси саҳарам гуфт:
Айёми ситамхӯст, дамидан натавонам.
Дил гуфт: Бигӯ, Меҳринисо, қиссаи фардо,
Фардо зи Худо бошаду дидан натавонам.

## ЁДИ ТУРО МЕОРАД

Ҳама чӣ ёди туро меорад,
Ҳама дам рӯи ту дар хонаи чашм.
Ҳама чӣ аз ту нишоне дорад,
Ману эҳдо ба ту дурдонаи чашм.

Захми ту бо нафасе тоза шавад,
Хоку хокистари ман дода ба бод.
Ҳеҷ кас мисли мани хастаи худ
Аз ғами ишқи ту афсурда мабод.

Ман чӣ гӯям, ба кӣ гӯям ғами ту,
Чун бигӯям, ки ту армони манӣ.
Ту дар он гӯшаи дилхоҳи анӯш,
Дили ман дар қафаси худшиканӣ.

Кӣ ба фарёди дилам гӯш кунад,
Чун туро дида фаромӯш кунад?
Кош, эй кош, ки ин абри гузар
Қатра-қатра ғами ман нӯш кунад.

## ЭЙ КОШ…

Эй кош будӣ бевафо, эй кош будӣ носазо,
Ё тарк мекардӣ маро, ё бад ҳамегуфтӣ маро.
Ё дил намедодӣ ба ман, ё дил намебурдӣ зи ман,
Озод пар-пар мезадам монанди мурғони ҳаво.

Ту муттакои ман будӣ, пушту паноҳи ман будӣ,
Ту чилчароғи равшани шоми сиёҳи ман будӣ.
Бо укдаву розу ниёзам мерасидам то ба ту,
Зеро ту, ай мушкилкушо, мазмуни оҳи ман будӣ.

Бе ту кунун бар дӯши ман хас ҳам гаронӣ мекунад,
Бо сабр бояд сохтан, дил нотавонӣ мекунад.
Чун ту куҷо пайдо кунам, ки огаҳ аз розам бувад,
Меҳринисо бар шарҳи ҳоли худ ҷавонӣ мекунад.

* * *

Баҳор асту ҳавои резаборон,
Ки шабнамвор мебӯсад лабамро,
Ман аз ҳар сабза мегирам суроғат,
Ниҳода рӯи санги раҳ сарамро.

Ҷаҳон бе ту ба чашмам тираву тор,
Ҷаҳони ман, аё ҷонам, ту ҳастӣ.
Диле, ки манзили ишқу вафо буд,
Чаро ин қадр осонаш шикастӣ?

Маро з-ин хоби ваҳшатноку рӯъё,
Ки бедорӣ надорад, ҷонам афсурд.
Гули рӯям чу ашки Марями пок
Миёни хоку хун афтоду пажмурд.

Хаёлам хаста, роҳам баста аз ғам,
Куҷо бигрезам аз дарди нафассӯз.
Масеҳодам ту будиву чӣ сон ман
Туро эҳё кунам ин субҳи Наврӯз?

* * *

Шаби бе ту, шаби андӯҳу алам,
Шаби оғози расидан ба адам.
Шаби пажмурдани гулҳои умед,
Ба дили хастаам аз шиддати ғам.

Ҳар садо ҷони маро озорад,
Ҳар наво дарди маро афзояд.
Бе ту, эй дурри зи каф рафтаи ман,
Ҳеҷ армон ба дилам н-осояд.

Дар дили дидаи ашколудам,
Ту ҳамон сурати дилхоҳи манӣ.
Нестӣ бо ману лек медонам,
Раҳнамои субҳу бегоҳи манӣ.

Умри беҳосили ман мегузарад
Бо тапишҳои дили соати сард.
Дили озурдаи ман то ба абад
Макашад миннати танҳоию дард.

* * *

Баъди ту ман, ҳар он чи мехоҳад дилам, он мекунам,
Олами дилро зи ишқи ту чароғон мекунам.
Аз баҳору аз хазони умр дорам шикваҳо,
Ҳар зимистон дашти армонам гулистон мекунам.
Мисли гул сар аз гиребони таҷаммул мекашам,
Тавбаи осоишу эҳсоси сомон мекунам.
Дар дилам тухми гиёҳи ёди ёрон кошта,
Ашки худро бо дуои хайр борон мекунам.
Аз диёри ноумедӣ гар кашам домони шавқ,
Бар азизони азизам лутфу эҳсон мекунам.
Оҳ-оҳ, ки захми ханҷар дорам андар ҷони хеш,
Рафт оне, ки маро мегуфт дармон мекунам.
Содаи Меҳринисои орамида, худ ба худ
Бо кӣ мегӯи, ки худро бар ту қурбон мекунам?

* * *

Печидаӣ дар ҷони ман,
Аз ту ҷудоӣ нест, нест.
Ёди туро аз ёдҳо
Ғайри гадоӣ нест, нест.
Бе ту ҳама сомони ман
Ҷуз мубталоӣ нест, нест.
Ғайри паноҳи дасти ту
Қасри тилоӣ нест, нест.
Охир чӣ созам бо худам,
Мислат фидоӣ нест, нест.
Монанди ман дар ишқи ту
Обу адое нест, нест.
Оҳам нишаста дар гулӯ,
Аз ту садое нест, нест.
Хоҳам бимирам аз ғамат,
Лутфи худоӣ нест, нест.
Олам пур аз ишқи ту буд,
Бе ту кироӣ нест, нест.
То мерасӣ бар доди ман,
Меҳринисое нест, нест.

* * *

Хумори бо ту будан бар дили девона боз омад,
Хаёлам рафта, аз кӯи ту навмедона боз омад.
Ту оҳанги сафар аз ман нуҳуфтӣ, сад дареғ, ай дӯст,
Магар бар чашми ғамполо раҳам дуру дароз омад?
Қалам дар дасти ман аз ҳайбати ҳаҷри ту меларзад,
Ба гӯшам нолаҳи зор-зори найнавоз омад.
Найи бишкастаро мемонам аз ҳаҷру парешонӣ
Навои ҳасратам аз ҷабри танҳоӣ ба соз омад.
Шароби кӯҳна месозам бигуфтам, ҷони ман, аз васл,
Дареғо, аз канори ту ниёзам бо гудоз омад.

Дуоро чун кабӯтар рӯ ба гардуни Худо дидам,
Дусад афришта аз сӯзи ниҳонам бар намоз омад.
Ту беғайрат, чаро асрори ишқ омӯхтӣ бар ман?
Дили Меҳринисо аз ғайрати армон ба роз омад.

* * *

Ман садои ошно гум кардаам,
Бехудам, гӯӣ Худо гум кардаам.
Байни тӯфони балои зиидагӣ
Эй Худо, ман нохудо гум кардаам.

Нест таскине дили девонаро,
Саркаш асту меканад завлонаро,
Сахт метарсам, ки аз сӯзи ниҳон
Мезанад оташ тамоми хонаро.

Ҳар чӣ гирам, мефитад аз дасти ман,
Инқилобе хуфта андар ҳасти ман
Ин дили девона аз озурдагӣ
Мекунад навмедиро ҳамбасти ман.

Мефишорад зиндагӣ рӯҳи маро,
Менавозад марг андӯҳи маро.
Ҳеҷ кас дар мулки тан осуда нест,
Ишқ менозад шукӯҳи мурдаро.

* * *

Гуфта будӣ ояму сабрам ба сар шуд, н-омадӣ,
Аз фиғонам ними олам бохабар шуд, н-омадӣ.
Тифли нозам қаҳр карду рафт ҳамроҳи насим,
Бенасибе дар раҳат хуни ҷигар шуд, н-омадӣ.
Хома рӯи дафтарам номи туро бинвишту сӯхт,
Ахтари ашки ғамат зеру забар шуд, н-омадӣ.
Аз калом омӯхтам ман сабри комилро, дареғ,
Дониш андар санҷишу ишқам ҳадар шуд, н-омадӣ.

Шарм меояд маро аз гуфтугӯ бо қалби хеш,
Дил ба ман бегона чун шамсу қамар шуд, н-омадӣ.
Дигар акнун аз ману бемеҳриям ҳарфе магӯй,
Мӯҳри бемеҳрӣ бароям қуфли дар шуд, н-омадӣ.
Нешу нӯши интизорӣ чашми дилро боз кард,
Захмҳои кӯҳнаи ман тозатар шуд, н-омадӣ.
Донаҳои ашки Марям аз камоли зикри ту
Дона-дона аз кафи розам бадар шуд, н-омадӣ.
Се дили қудсӣ ба ҳам омад дар ин шоми фироқ,
Ғофило, ин шоми қимат ҳам сипар шуд, н-омадӣ.

* * *

Оқилам аз оқилӣ девонаам,
Гирди шамъи ақли худ парвонаам.
Рангу рӯямро чу гул бинмудаам,
Бод мехонад кунун афсонаам.
Ошноёнам забониву равӣ.
Ҷуз дили худ бо ҳама бегонаам.
Мисли коҳам, тифлаконам каҳрабо,
Роҳати ҳарду ҷаҳон дар хонаам.
Нафси бадро кушта эҳсоси ҳаё,
Бӯсаи борон бувад субҳонаам.
Аз хушиҳои паёми дӯстон
Накҳате дорад аҷаб паймонаам.
Сарфаи атри фарангу анҷибар
Мешавад, Меҳринисо, моҳонаам.

* * *

Сӯхтам аз ҳаҷр, балокаш куҷост,
Уд шудам, шӯълаи оташ куҷост?
Дар дили ман нақши ҳазор орзуст,
Дидаи бинову мунаққаш куҷост?
Ташналаби соҳили дарёи ишқ,
Шаҳд куҷо, шарбати беғаш куҷост?

Гӯй, ки аз худ раву бо ман биё,
Олами пиндори ҷафокаш куҷост?
Ақли туро сурати дилҷӯ рабуд,
Сирати ҳамсурати маҳваш куҷост?
Ман қуи танҳои муҳаббат ҳанӯз,
Сайдаму сайёди чу Ораш куҷост?

* * *

Эй дӯст, биё, биё, ки афгор манам, ман,
Дар ҳасрати рӯи ту гирифтор манам, ман.
Аз матлаби дидори ту дар чашми рақибон
Бечоратар аз сурати девор манам, ман.
Ғайри ту касе нест, ки гӯям ғами дилро,
Бе лутфи ту аз умр чӣ безор манам, ман.
Дар фикри фаромӯшии ту азм намуда,
Дидам, ки тилисмӣ туву бекор манам, ман.
Иқболу таҷаллии туро ҳар даму ҳар рӯз
Аз лутфи Худованд талабгор манам, ман.
Эй дӯст, зи бас рӯҳу равониву гаронқадр,
Бо хотири ту мояи озор манам, ман.
Эй кош, ту аз ҷурми ман озурда набошӣ,
Зеро ба гунаҳҳои худ иқрор манам, ман.
Баъд аз сари ман зинда ба олам ту бимонӣ,
Донӣ нафасе кош, ки даркор манам, ман.

* * *

Ба ҷони ман ҷафо кардиву рафтӣ,
Ба лутфи худ гадо кардиву рафтӣ.
Миёни чорсӯи зиндагонӣ
Маро танҳо раҳо кардиву рафтӣ.
Намедонам, ки чунӣ, дар куҷоӣ,
Хато будӣ, хато кардиву рафтӣ.
Рабуда сабру ороми диламро,
Хушиҳоро адо кардиву рафтӣ.

Маро чун лӯлиёни хонабардӯш
Ба ишқат бенаво кардиву рафтӣ.
Ту шарҳи ҳоли моро хонда-хонда,
Найистоне ба по кардиву рафтӣ.
Дилам хуш буд, ки дорад муттакое,
Диламро мубтало кардиву рафтӣ.
Чӣ айбе дошт расми меҳрубонӣ,
Парешон ҳоли мо кардиву рафтӣ?
Бидуни шоҳу шоҳид Меҳри худро
Шаҳиди Карбало кардиву рафтӣ.

* * *

Шикваи ман ноз буду роз буд,
Ҷони манро ишқи ту эъҷоз буд.
Ашкҳоям зери пои лутфи ту
Дона-дона гӯӣ пойандоз буд.
Шӯру исёни сукутам дар ниҳод
Шоҳиди изҳори «Бо ман соз» буд.
Дар забонам қиссаи зебои ишқ,
Дидаам гӯётарин иброз буд.
Қиссаи буду набудамро қалам
Лаҳзаҳои бекасӣ анбоз буд.
Бахти нотакрори бо ту буданам
Зиндагонии маро пардоз буд.
Чун тилисми ношикан роҳи маро
Чашми ту ҳамвора аксандоз буд.
Бо ту будам як ҷаҳони орзу,
Қуфли иқболам ҳамеша боз буд.
Бе туям як мушти фарёду дареғ,
Бо кӣ гӯям, к-ӯ маро оғоз буд?!
Меҳрии меҳри ту, эй беҳтар зи меҳр,
Чун Ҳумои Қофи қурби ноз буд.

* * *

Ёди ёдат кардаму бе ёди ёдам чун кунам?
Бо ҳуҷуми талхи селоби ниҳодам чун кунам?
Ҷони ман дар ҷустуҷӯи эхтиёҷам нотавон,
Дар талоши диданат аз по фитодам, чун кунам?
Нуктаи асрори ман аз ашки шӯрам тира шуд,
Пеши устоди таманно бесаводам, чун кунам?
Аз шароби кӯҳнаи ишқи ту мондам бенасиб,
Соғари холӣ ба дасти эътиқодам, чун кунам?
Мутриби нозам занад худ панҷа бар тори шикеб,
Меканад банди хаёли эътимодам, чун кунам?
Ҳар кӣ саргардони хеш асту сарам гардони туст,
Менагардад чархи гардун бар муродам, чун кунам?
Қомати Меҳринисоро боди ҳиҷрон то намуд,
Ҷониби ту толиби кул раҳ надодам, чун кунам?

* * *

Ҳанӯзам, ки умеди зиндагонист.
Барои ту ғазал мегӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки баҳор асту ҷавонӣ,
Гули ёди туро мебӯям, эй дӯст.
Саҳар чун шона мепечад ба мӯям,
Кушода укдаҳо мемӯям, эй дӯст.
Ғубори хотири некӣ туро ман
Ба ашки шодиям мешӯям, эй дӯст.
Агар афтам чу дона дар қудумат,
Ба марзи ёдҳо мерӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки ба ту дорам ниёзе,
Туро аз ҳар куҷо меҷӯям, эй дӯст.
Ҳанӯзам, ки ҳанӯз асту ҳанӯз аст,
Биё бар хилвати гесӯям, эй дӯст.

## РӮҲИ МУБОРИЗ

То наояд давлати дунро шикаст,
То намирад хоҷаи сарватпараст.
То наорам дурри мақсудам ба даст,
Рӯҳи ман як умр дар оворагист,
Пайкари озурдаам осуда нест!

То нагардад охирин завлонаҳо
Пора бо дасти адолатпешаҳо,
То насӯзад ғам зи беху решаҳо,
Рӯҳи ман як умр дар оворагист,
Пайкари озурдаам осуда нест!

То намирад ҷангҷӯи охирин,
То нагирад меҳр ҷои макру кин,
То нагардад коми дил ширин, аз ин
Рӯҳи ман як умр дар оворагист,
Пайкари озурдаам осуда нест.

То набахшад зиндагӣ бар модарон
Бахту шодиву нишоти ҷовидон,
То нахандад беалам тифли ҷаҳон,
Рӯҳи ман як умр дар оворагист,
Пайкари озурдаам осуда нест!

*1971*

## СИПОС

Ман заминро дӯст медорам мисоли модарам,
Меҳри ӯро ҳамчу меҳри модарам мепарварам.
Домани ӯ саҷдагоҳи орзуҳои ман аст,
Ҳамчу модар такягоҳи ман, дилогоҳи ман аст.

Модарам гар номи неку бахти бедорам бидод,
Хоки ман чун устоде панди бисёрам бидод.
Модарам гар шири софу тарзи гуфторам бидод,
Хоки ман эҳсоси поку табъи саршорам бидод.

## УМЕД

*Ба Ҷамила Бадахшӣ*

Аз ғарибӣ ин баҳорон турнаҳо боз омада,
Навниҳолон бар сари худ шоли гулдӯзӣ кунанд,
Хандаи хуршед ҷони тармаҳоро гарм кард,
Булбулон дар шохсорон базми наврӯзӣ кунанд.

Ман вале танҳояму дар интизори роҳи ту,
Бо умеди омаданҳои хуши ногоҳи ту.
Аз Пули Чархӣ[1] ба манзилгоҳи мо раҳ дур нест,
Пас чаро аз ҳоли мо дерест ноогоҳӣ ту.

Бар саволи тифлакон то кай ҷавобе бардурӯғ,
Духтари сесолаат имсол мактаб меравад.
Дида чун во мекунад субҳи мунаввар рӯи шаҳр,
Бар лабаш номи падар бар сӯи матлаб меравад.

[1]Пули Чархӣ – зиндонест дар Кобул.

Беш аз ин зангӯлаи дарро ба хоби мо мазан,
Субҳи моро беш аз ин дам шоми ялдое макун.
«Ҳар замон мегуфтиям: дунё ба умед», эй умед,
Боз о, чашмони моро кӯри раҳпое макун!

*1979*

## БОВАР НАМЕКУНАМ

*То ҳол аксар занони афғон*
*ба марги азизон, ки қурбони ҷаҳолат*
*шудаанд, бовар намекунанд.*

Бар марги ёри худ
Бовар намекунам.
На, чодари сиёҳ
Бар сар намекунам.

Ӯ симу зар набуд,
Савдогарон баранд.
Садбарги тар набуд,
К-аз реша барканад.

Ӯ буд шоҳмард,
Аз фитна дар ҳазар.
Бар модаре писар,
Бар тифлаке падар.

То чархи зиндагӣ
Умре ба гардиш аст,
То ишқу орзу
Бар марг коҳиш аст.

На, чодари сиёҳ
Бар сар намекунам,

Бар марги ёри худ
Бовар намекунам!

## ОРЗУ

Барои модари пирам,
Ки умре дида бар роҳ аст.
Агарчи бесавод аст ӯ,
Вале аз олам огоҳ аст.

Барои тифли гаҳвора,
Ки рамзи зиндагонӣ аст.
Чароғи равшани фардо,
Чу шеди осмонӣ аст.

Барои иддае занҳо,
Ки армони ниҳон доранд,
Надоранд арчи фарзанде,
Зи некӣ сад нишон доранд.

Барои аскари бедор,
Ки сарҳад дар паноҳи ӯст.
Ки анвори шабони мо
Зи барқи ҳар нигоҳи ӯст.

Барои марди раҳҷӯе,
Ки ҳамвора ба раҳ бошад.
Ба дил ишқу ба сар умед,
Ба шоми тира маҳ бошад.

Барои Тоҷикистонам,
Барои халқи пуршонам,
Қасам бар ақлу виҷдонам,
Фидо созам дилу ҷонам.

*1973*

## МОДАР

Ҳар зан чу модар мешавад,
Дубора дилбар мешавад.
Чашмони тифлаш баҳри ӯ
Хуршеду ахтар мешавад.

Дар чашми пуруммеди ӯ
Нуре ба нуре зам шавад.
Аз ҳусни дилорои ӯ
Ҷону дилаш хуррам шавад.

Ҳар гӯшаи кошонааш
Чархи пурахтар мешавад.
Оғӯши гарму нозукаш
Дунёи дигар мешавад.

Як зан чу модар мешавад,
Дубора эҳё мешавад.
Ҳар кас надонад қадри ӯ,
Мардуди дунё мешавад.

## ХАНДАИ БАҲОР

Ало, эй чашмаи зебои кӯҳсор,
Ба овои дили ман гӯш кун, гӯш.
Ман имрӯз омадам аз нав ба дунё,
Ҳама ғамҳои олам шуд фаромӯш.

Маро имрӯз тифли нозанинам
Чӣ ширин бори аввал « очаҷон» гуфт,
Ба сӯям офтоб аз арш хандид,
Баҳори умри ман якбора бишкуфт.

*1972*

## ТАМАННО

*Ба холаи ҷафокашам Мубарробону*

Хоҳам, ки дар оғӯши ҳавасҳои ту, эй зан,
Тифле шаваму ҷои ҷигарбанди ту бошам.
То пур бишавад хонаи холии ту аз меҳр,
Дилбанди ту, пайванди ту, фарзанди ту бошам.

Чашмони фурӯрафтаи ту хоб надорад,
Дардо, шаби армони ту маҳтоб надорад.
Такрор магӯ ҳасрати гаҳвораи холӣ,
Дигар дили ман тоқати ноёб надорад.

Афканда фалак санги сияҳро ба сари ту,
Гар ҷанг намебурд шаҳатро зи бари ту,
Аз меҳанати тоқатшикани домани саҳро
Бар дард гирифтор намешуд камари ту.

Ту бехабару дасти аҷалпарвари он ҷанг
Дар батни ту фарзанди туро кушт ҳамон вақт.
Чашми дили пуркинаву бадхоҳи фашизм
Нодида ҷигарбанди туро кушт ҳамон вақт.

Озурда мабош, эй ки ту фарзанд надорӣ,
Фарзанди ту ҳамроҳи шаҳидони Ватан шуд.
Оғӯши туро кард тиҳӣ арбадаи ҷанг,
Субҳи зафар оғӯш ба иқболи ту бикшуд.

*1970*

## ЭЪТИРОЗ

Як матлаби муқаддас дар нимароҳ монда,
Як орзуи ширин бесарпаноҳ монда.
Як қиссаи нахонда байни китоби ҳастӣ,
Чашми гунаҳрами ман бас пургуноҳ монда.

Ҳар гаҳ насим хонад бар гӯши ман тарона,
Бо лаҳни дилнишину бо шеваи гуворо.
Ошӯб мекунад дил бар сони рӯдборе,
К-ӯ бо хасе надорад асло сари муросо.

Бояд, ки аз Деваштич фазлу адолат омӯхт,
Аз Рустаму Сиёвуш дарси ҷасорат омӯхт.
Аз Зардуҳишти доно дарси вафо қабул аст,
Аз Рӯдакиву Саъдӣ пандеву ҳикмат омӯхт.

Афсонахони сонӣ, афсонаам махон ту,
К-аз қиссаҳои мозӣ як ҳисса нотамом аст.
То лаҳзае, ки ганҷам дар ихтиёри ғайр аст,
Рӯзам сиёҳҷома, хоби шабам ҳаром аст.

*1975*

## ШАБИ БОРОНӢ

Шаби бороние, як кунҷи айвон,
Нишинам барқро наззора карда.
Ҳаросам нест аз ғурридани раъд,
Ки барқе синаамро пора карда.

Парешон аст лутфи нарми борон
Ба рӯи ғунчаҳои навшукуфта.
Дилам сӯзад ба созу сӯзи булбул,
Ки чун ман то кунун розаш нуҳуфта.

Ба рӯи теппае ларзад парешон
Мисоли моми мотамдор бодом,
Ки аз бесабрии тифлонаи хеш
Насиби хок гашта ғӯраи хом.

Куҷо шуд Зӯҳраву моҳу тарозу,
Куҷо он шоҳидони ишқу армон.
Ки фардо боғбонро роз гӯянд,
Зи тороҷи тагарги сардпаймон.

Куҷо шуд водии фахру таманно,
Самангону Самарқанду Бухоро?
Забони ғунча лол асту нагӯяд
Ҳадиси бозгашти бахти моро.

## БО РОЗИ ХУД

Бо сози рӯд, бо рози худ,
Ҳамроз мехоҳад дилам.
Чун чашма аз қалби дара
Оғоз мехоҳад дилам.

Дар ин замини нозанин,
Бар васфи ёри нозанин,
Бо нағмаи мурғи саҳар
Овоз мехоҳад дилам.

Ҳамроз мехоҳад дилам,
Дамсоз мехоҳад дилам.
То мулки ёри интизор
Парвоз мехоҳад дилам.

*1975*

## ДИЛ

Ту гоҳе ҳамчу гул, гоҳе саҳобӣ,
Гаҳе зулматсаро, гохе шиҳобӣ.
Гаҳе созиву гаҳ сӯзи ниҳонӣ,
Муҳаббатпарварӣ, рӯдӣ, шубобӣ.

Гаҳе гулзору гоҳе шӯразорӣ,
Гаҳе бераҳмию гаҳ ғамгусорӣ.
Гаҳе мисли чаманҳо пуршукуфта,
Пур аз гулрезии фасли баҳорӣ.

Гаҳе боло сар, гаҳ зери поӣ,
Гаҳе дороию гоҳе гадоӣ.
Зи армону ҳавасҳо зиндаӣ ту,
Зи баски ошиқӣ ту, бефаноӣ.

Ба ҳар ҷабру ситамҳою ғурурам,
Ба ҳар худхоҳии бас нозарурам,
Чӣ хомӯшиву ботамкинӣ, эй дил,
Аё маъвои андӯҳу сурурам.

*1976*

## НИЁЗ

Дилам хоҳад сари кӯҳи баланде
Бишиниву бароям най навозӣ.
Ба рӯи қолии себаргазорон
Маро бо созу овозат гудозӣ.

Навозӣ ончунон, ки ғарқ гардам
Миёни мавҷи оҳангу тарона.
Бипӯшам чашми хешу баркушоям
Дили худро ба сӯят ҷовидона.

Ба ту ҳамвора мегӯям, ғамам нест,
Ба ҷуз ишқу ҷунун сармоям нест.
Дар ин шаҳре, ки мардум ношиносанд,
Ба ҷуз ишқат касе ҳамсоям нест.

*1976*

## ЁДИ ҚУЛЛА

Дилам пур аз ғаму ҳасрат,
Ду чашмам махзани нур аст.
Вале онро надидиву намедонӣ,
Дареғо, чашми ту кӯр аст.

Чӣ бераҳмӣ ту, эй дилдори деринам,
Намебинӣ, ки ман як тифли тамкинам.
Зи рахши дидаҳои ту, ки баҳрам ошно ҳастанд,
Ниёзу орзуҳои дили худро намебинам.

Ту аз ғурридани раъди табиат сахт метарсӣ,
Ту аз тӯфону исёни ҳақиқат сахт меларзӣ.
Шудам хаста аз ин раҳҳои ҳамвори ҳароси ту,
Ту аз шебу фарози қуллаҳои бахт метарсӣ.

Дигар тобу тавонам нест,
Дигар рози ниҳонам нест.
Маро озод кун, озод,
Ки қасрат ошёнам нест.

Маро озод кун, озод,
Дилам парвоз мехоҳад.
Ба сӯи қуллаҳои дур,
Ба сӯи осмону нур,
Ки танҳо қулла паймоям,
Ки шояд қулла бикшоям?

* * *

Даме ки шеър мегӯям, ҷаҳон ранги дигар дорад,
Адолат дар дили олам мақоми бештар дорад.
Даме ки шеър мегӯям миёни оштиву ҷанг,
Замин фарзанди одамро канора аз хатар дорад.

Чӣ шӯху шанг мечархад ба гирди шамъ парвона,
Зи чархи пандомези замин гӯё хабар дорад.
Даме ки шеър мегӯям, нафасҳои насими субҳ
Шамими майсаи Наврӯз дар кӯҳу камар дорад.
Даме ки шеър мегӯям, ҳамехоҳам, ки оламро
Бани одам чу шеъри беҳтарине мӯътабар дорад.

* * *

Баҳори ишқи ту дунёи дилро гулбасар созад,
Кӣ битвонад ниҳоли ишқи моро бесамар созад?
Агар дар кӯрароҳи ишқ машъал мекунӣ дилро,
Ягон бадхоҳ натвонад, ки роҳатро дигар созад.
Ба саҳрои ҷунун оварда рӯ Қайси дилошуфта,
Ба уммеде, ки рӯзе Лайлӣ аз кӯяш гузар созад.
Дили кӯҳ меканад Фарҳоди мо бо тешаи ҳасрат,
Ки Ширин щояд аз шафқат ба сӯи ӯ назар созад.
Шарори ишқи ту дар синаи мо шӯълаҳо ангехт,
Кунун сӯзи дили ман оламеро шӯълавар созад.

*1967*

## ГАНҶИНА

Ту, эй дилдори деринам,
Ту, эй ғамҳои ширинам.
Биё бар осмони дил
Мисоли моҳу парвинам.

Зи кас пинҳон намедорам,
Туро ман дӯст медорам.
Яқин меҳроби ман бошӣ,
Бароят саҷда меорам.

Биё, аз нури меҳри хеш
Шабамро рӯшноӣ деҳ.

Дили сарди маро боре
Ба оташ ошноӣ деҳ!

Биё, ҷонам, ҷавониро
Ба ту ман ҳадя хоҳам дод.
Тамоми сарвати дилро
Бидуни нася хоҳам дод.

Ту ишқи аввалини ман,
Умеди охирини ман.
Зи ҳар чӣ дорам аз дунё,
Ту ганҷи беҳтарини ман.

*1966*

**АХТАР**

Садоят мекунам фасли баҳорон,
Ба сози обшорон ҷӯр гашта.
Садоят мекунам бо рези борон,
Зи ҷоми лолаҳо мастур гашта.

Шабонгаҳ ҳамраҳи истораи бахт
Туро оҳиста мехонам ба сӯям.
Гумонам, оқибат чун ахтари бахт,
Зи кайҳоне ту механдӣ ба рӯям.

**ГУЛ ВА ХОР**

Дилам кашоли рӯи ту,
Ҳариси гуфтугӯи ту.
Зи чор сӯи зиндагӣ
Нигоҳи ман ба сӯи ту.

Дареғи қисмати бадам,
Ки бо ту ҳамсафар нашуд.
Хаёли ман ба ёди ту
Кучҷо, ки дар ба дар нашуд.

Чу боди сарсарӣ гузашт
Ҷавонӣ аз диёри дил.
Насиб гашта дарди ту
Бидуни ихтиёри дил.

Чӣ қисмате ба зиндагӣ,
Ки гул насиби хор шуд.
Гуле ба ёди булбуле
Хазон дами баҳор шуд.

*1965*

## АКСИ ТУ

Акси ту дар хонаи чашмони дил,
Роздони бахти беранги ман аст.
Дарси ишқам ҳар гаҳе мушкил фитад,
Хома сармашқи дили танги ман аст.

Мегурезам аз ту бар дурии дур,
То ки, раҳзан, дидаатро нангарам,
То насозад соят думболагир,
То нашинад нақши поят бар дарам.

То надонӣ бо хаёлу ёди ту
Менишинам аз дили шаб то ба рӯз.
То нагӯӣ садди роҳи ман машав,
То надонӣ интизорат ман ҳанӯз.

## САРГАРДОН

Китоби қиссаҳои ишқи моро
Варақ чун мезанад дасти хаёлам.
Ҳама ҳарфу ҳиҷову нуктаҳояш
Дубора мекунад ошуфтаҳолам.

Чаро он гаҳ, чаро бо ту нагуфтам,
Ки равшан роҳи мо аз нури бахт аст.
Марав, ки дар таги ин чархи гардон
Бароям зиндагӣ берангу сахт аст.

Чаро бо пардаи шарму ғурурам
Бипӯшидам ҳавасҳои муҳаббат.
Макони офтобии диламро
Чаро кардам нишемангоҳи ғурбат.

Дарахти ишқи мо барвақт хушкид,
Чу боди ҳаҷр аз бунаш гузар кард.
Зи боғи атрогини умедам
Насими орзу майли дигар кард.

Ту аз ман рафтаӣ бар дурии дур,
Миёни мову ту ашк асту ғурбат.
Кунун ҳам чун тулӯи субҳи умед
Туро мечӯям аз ҳар рӯзи қисмат.

Туро мечӯяму донам, ки ҳаргиз,
Туро парвои саргардониям нест.
Агар ногаҳ ба раҳ оям дучорат,
Ту хоҳӣ гуфт: «Ин гумкардараҳ кист?!»

## ДАР ҚАТОРИ ВАЪДАҲО

Дар қатори ваъдаҳое, ки фаромӯшат шуданд,
Шӯълаҳое, ки даруни сина хомӯшат шуданд,
Ё қадаҳҳое, ки аз беғуссагӣ нӯшат шуданд,
Мерасам оё ба ёдат лаҳзае ман ногаҳон,
Қалби ту гум мезанад оё зи армони ниҳон?

Дар миёни хандаи мастонаву пур аз ғурур,
Дар садои нӯшбоду бахту шодиву сурур.
Дар ниёзи модари толеъ, ки бахшидаст зӯр,
Мерасам оё ба ёдат лаҳзае ман ногаҳон,
Қалби ту гум мезанад оё зи армони ниҳон?

Як шаб ар н-ояд канори дидаат шаҳнози хоб,
Равшании моҳ созад хонаатро нуқратоб,
Аз садои ларзиши баргони пур аз изтироб,
Мерасам оё ба ёдат лаҳзае ман ногаҳон,
Қалби ту гум мезанад оё зи армони ниҳон?

Чун савори киштии андешаҳо гардӣ даме,
Қиссаи бигзашта бар ёдат фитад чун шабнаме,
Дар миёни шодию андӯҳи умри одамӣ,
Мерасам оё ба ёдат лаҳзае ман ногаҳон,
Мезанад як бор қалбат ба армони ниҳон?

## ТУ ИШҚИ МАН

Гоҳе ситезӣ аз ғазаб,
Гоҳе биёмӯзӣ адаб.
Гаҳ ҷои худро гум кунӣ
Чун нуқтаи ҳарфи араб.

Гоҳе гурезам аз ту дур,
Гоҳе туро пазмон шавам.
Ҳар субҳдам чун офтоб
Бо ёди ту хандон шавам.

Ту ишқи ман, андӯҳи ман,
Парвардгори рӯҳи ман.
Ту ҳам рақибу ҳам ҳабиб
Бахши дили маҷрӯҳи ман.

Ду дида ҷавлонгоҳи туст,
Дар мағзи сина ҷои туст.
Ин зиндагӣ бо ҳар чӣ ҳаст,
Танҳо ба номи ту накӯст.

**ТАШНА**

Дили чун чашма софу беғаше ку,
Ки гӯям рози худро ошкоро?
Шафақосо бирезад бар сари ман,
Кунад сад ранг дунёи диламро.

Дили чун чашма софу беғаше ку,
Ки кӯдаквор сӯяш пар кушоям?
Рухамро шуста бо атру гулобаш,
Китоби рози худ аз нав кушоям.

Дили чун чашма софу беғаше ку,
Ки розамро ба бедарде нагӯяд?
Ба пеши дидаам бо худнамое
Гули дасти ҳарифонам набӯяд.

Дили чун чашма софу беғаше ку,
Ки гирям аз алам дар доманаш зор?
Маро як лаҳза чун модар навозад,
Ва нозамро бубардорад падарвор.

## ШАБОНГАҲ

Осмон имшаб чӣ зебо саҳнае ороста,
Махмалин чатри ҳариру парниёнӣ сохта.
Тӯрбофӣ кардааст аз абри найсон доманаш,
Дар баногӯшаш ҳилоли зарҳалӣ андохта.

Мисли қувони сафеди рӯи дарё абрҳо
Парфишон паҳлӯ ба паҳлӯи маҳи нав мезананд.
Ахтарон ҳам аз таманнои ҷавониҳои хеш
Ханда бар доғи рухи маҳтоби шабрав мезананд.

Мекунад афсун маро гардуни пурнақшу нигор,
Оламеро ҳамчу Монӣ нақши нав андохта.
Ахтари дуре зи роҳи каҳкашони нурбор
Гӯи чашмак мезанад бар ошиқи дилбохта.

## МУБОРАКБОДӢ

Баҳорон даҳрро нав карда дебо,
Дарахтон гулбасар, булбул ба ово.
Рухи ҳар ғунча чун рухсораи тифл
Ҳалиму беғубору нарму зебо.

Ба оҳанги насими субҳгоҳон
Равад арғушт гул андар гулистон.
Туро, эй майсаи аз хок руста,
Муборак бод айёми баҳорон.

Муборак бод бар ҷуфти парасту
Ба шифти хонаи наврахт лона.
Муборак бод байни дафтари роз
Нахустин байтҳои ошиқона!

## МУНДАРИҶА

Таронаи ҳастиву рӯҳ .... 3
Дар гузаргоҳи насим .... 5
Фараҳ .... 9
Чашми ӯ бинотар аз чашми вуҷуд .... 9
Рӯзи Рӯдакӣ дар Панҷрӯд .... 11
Ифтихор .... 12
Бухоро .... 13
Ҷонам фидои мардуми сулҳофарини ту .... 14
Ин ҷо Душанбе .... 14
Самарқанд .... 15
Ман Бухороям .... 16
Фари Эрону Тӯронам .... 17
Душанбе .... 19
Навбаҳоронам омад .... 19
Инъоми худо .... 20
Ватанам .... 21
Тоҷикистон .... 22
Суруди ман, дуруди ман барои Модар-Ватанам .... 22
Саразм .... 23
Забони модарӣ .... 24
Барфӣ .... 24
Ниёиш .... 25
Видоъ .... 25
Бозгашт .... 26
Нидои Есенин .... 27
Марги зебо .... 28
Маро танҳо намон дигар .... 29
Таманно .... 30
Таскин .... 31
Аз ёдҳо .... 32
Барои «Суруди сол» .... 33
Силсилаи тарона барои «Суруди сол» .... 35
То ба кай? .... 39
Биё, бо ҳамдигар бошем .... 39
Бо ман нишин .... 40
Масъулият .... 41
Дар хонаи танги хеш дунёи дигар дорам .... 41
Як барги ниёз .... 42
Роз бо ахтарон .... 43
Дилтангӣ .... 44
Гули ашк .... 45
Хайрбод .... 45
Дили ман косаи об .... 46
Савдои мушкил .... 47

Орзу....................................................................48
Арзи вуҷуд............................................................49
Пеша ....................................................................49
Маро бубахш .........................................................50
Сарвро тӯфони ноҳангом боло бишканад ..............51
Баргак ..................................................................52
Эй ту, ҳамеша.......................................................52
Фарёди ниҳон.........................................................53
Ориф ....................................................................54
Панд ....................................................................55
Ялдо ....................................................................55
Дили интизор ........................................................56
Ҳол ......................................................................56
Ман ҳам фаришта не ............................................57
Мунга....................................................................58
Зиндагӣ сад ҷома дорад, додарам.........................59
Беҳтар аз ишқи ту дилро ҳадяву инъом нест .......60
Маврус.................................................................61
Кош мемондӣ, ки ишқам дар дилат ҷо мегирифт ...62
Эътироф...............................................................62
Ин ёри ман, ағёри ман ёд аз вафо кай мекунад ......63
Бихоҳӣ ё нахоҳӣ ҳам, даме дигар намешавам ........64
Эътибори зан ........................................................64
Талаб....................................................................65
Гумшуда ...............................................................66
Танҳо ману ту .......................................................67
Роҳи фирор...........................................................68
Дилам саргаштаи кӯи ту бошад.............................68
Имшабам барқе зи борон дар само рахшон нашуд ...69
Башорат...............................................................69
Тика-тика .............................................................70
Роҳи ман то ба куҷо .............................................74
Салом, эй ишқ, эй беихтиёрӣ................................75
Тамом шуд, ҳисоби ман тамом шуд .......................76
Туӣ пирам, туӣ тадбирам, эй дӯст .........................76
Ягона ....................................................................77
Дили ман ..............................................................78
Асли вуҷуд............................................................78
Эй ёри писандида, оё ту намеоӣ............................79
Роҳи пурхор..........................................................80
Бе ту ....................................................................80
Танҳоӣ .................................................................81
Сабр .....................................................................82
Чашме ба раҳ, шоме сияҳ, оҳам ба гардун мерасад...83
Ҳеҷ андар ҳеҷ........................................................83
Умр бо ёди туву ранҷи парешонӣ гузашт ..............85

Аё модар....85
Нидои ҷовидонӣ....86
Эй осмони равшан, эй абри пора-пора....86
Сарои бемеҳрӣ....87
Тирамоҳ....88
Ба ёди ту....90
Бо ту хуш аст....91
Бо мужда бархезу биё....91
Ғубор....92
Роз маҷӯ....93
Панди рӯзгор....93
Алҳазар....94
Захм....94
Бебарг....95
Зиндонӣ....96
Таманнои будан....97
Хастаам, эй зиндагӣ, бо ман дигар бозӣ макун....97
Дунё идома дорад....98
Биё, эй дӯст, то бинӣ рухи аз ғам хазонамро....99
Хазон....99
Намедонам куҷоӣ ту, намеоӣ сароғи ман....100
Музтариб....101
Сӣ мурғи зиндагӣ....102
Оҳанги зиндагӣ....103
Расми видоъ....103
Ба дил гуфтам, сазои ман ту бошӣ....104
Ниёз....105
Боз омаду боз омад наврӯз ба дороӣ....105
Сада....106
Мақоми зан....106
Огоҳона....107
Корвони нокуҷо....108
Набзи сабз....109
Хумор....110
Интизор....110
Нафаси ҳавас....111
Дунёи ман ту....112
Дилбаро....113
Набзи чаман бихонад овозаи шанашро....113
Бозӣ ба бозӣ....114
Сароб....115
Фасли висол....115
Ранҷида....116
Илтиҷо....116
Нигаронӣ....118
Таронаи ватан....119

Зи озори дилозорон чунон беҳолу беморам ....119
Сипос ....120
Исрор ....121
Дӯстонро мепарастам, гарчи инкорам кунанд ....121
Пурсадотар аз сукутам дар мақоми эътибор ....122
Нома ....123
Машъалафрӯз ....124
Ту нури барқи кӯҳистон ....124
Садоят рамзи зебои муҳаббат ....126
Эҳдо ....127
Чун ту дигаре пайдо нест ....128
Навои Мастона ....129
Падруд ....129
Барои ту ....130
Мазҳари ишқу умедам ....131
Меҳр ....131
Ибодатгоҳ ....132
Тарона ....133
Ҳар гоҳ, ки овози ҳазор аз чаман ояд ....133
Каъбаи дил ....134
Ифтихор ....134
Душанбе ....135
Суруди сулҳи осиё ....136
Бомиён ....136
Шаҳри меҳр ....137
Пайванд ....138
Шаҳри нур ....138
Меҳри ҳаёт ....139
Деҳа ....139
Мақом ....140
Видои Рухшона ....140
Дар сӯги Лоиқ ....141
Зиёратгоҳи султони ғазал фасли хазон рафтам ....142
Ағбаи анзоб ....142
Хумор ....143
Ҷоми таманно ....144
Ба хотири гузаштаҳо ....144
Ояд хушам ....145
Дигар марав зи хонаи ман, модари азиз ....145
Афсонаи ширин ....146
Ба сури хонадони ту дилам гум мезанад, модар ....147
Файз бирафт ....147
Баъдҳо… ....148
Ҳури биҳиштӣ ....148
Бепаноҳ ....149
Роҳе то нокуҷо ....149

Ман тоқа мондам, оча ....................150
Хумор....................151
Сароғози сурур ....................151
Бе ту ....................152
Эй дӯст, биё, ки ғам шикорам накунад ....................152
Бемислу мисол ....................153
Кӯчи нур ....................153
Дили зан ....................154
Эй хуш он дам, ки равам боз ба дунёи сухан....................155
Ту кучҷои, модарам....................155
Эй ҷилои моҳи нав дар шоми торам, модарам ....................156
Чун худои меҳрубон дунёи розӣ, модарам ....................156
Лаҳзаҳои ноумедиву шигифт ....................157
Ба номи зиндагӣ ....................157
Бигӯ, нишони ӯ… ....................158
Дуоят накунам ....................158
Сози зиндагӣ ....................159
Илтиҷо....................159
Навиди ашк....................160
Ноилоҷ....................160
Соли маймун ....................161
Барг-барг....................162
Тахти бахт ....................163
Боли сабр....................164
Лаҳза ба лаҳза, дам ба дам ёди ту, ёр, мекунам ....................164
Ман чашми бози худро бастан наметавонам....................165
Рафтӣ, эй ёр, паноҳат ба Худо ....................165
Сайри лола дар канори Енисей....................166
Сипос ....................167
Бо ёди Ватан....................167
Савғо ба мардикорон....................168
Ёдгор....................168
Ба сарам шӯри маҳол аст, Худо медонад....................169
Дили ман рӯ ба намоз аст, Худо медонад....................170
Боз макун гиреҳи дил, боз нагардам ин сафар....................170
Рубоиҳои айём ....................171
Ту маро мешунавӣ....................172
Эъҷоз....................172
Қафаси коҳиш ....................173
Сӯзи ишқ....................173
Ҷавонӣ ....................173
Сар ба санги мармар....................174
руҷӯъ ....................175
Ду чашмам, модаро, вақте кушудам ....................176
Гавҳарак ....................177
Панде ба дил ....................177

Ангезаҳои поиз ....................178
Ноошно ....................178
Фирор ....................179
Гадои меҳрам куҷост? ....................180
Аз ёд рафта ....................180
Таскин ....................181
Домангир ....................182
Рӯи ту бинам ....................182
Азони ишқ ....................183
Майи ишқ ....................183
Фарёди ниҳон ....................184
Овора ....................185
Осмон силсилаи хотираҳо ....................185
Дарё, дарё… ....................186
Кӯчи навмедона ....................186
Қасам ....................187
Ба куҷо равам, чӣ созам, ба кӣ гӯям аз ғами ту ....................188
Шамъи ёди ту фурӯзон андар ин ҷонам ҳанӯз ....................189
Накҳати ёди ту дар пероҳани ҷони ман аст ....................189
Дар гулхани нокасон сипандӣ, ваъда ....................190
Ту рафтӣ, зиндагӣ ғам шуд, дар ин ғамхона танҳоям ....................190
Эй дил, чӣ ҳол дорӣ бо ҷабри интизорӣ ....................191
Маро имшаб хаёли ту чунон печида дар ҷонам ....................191
Тоҷикам ман, ғунчае аз навбаҳори тоҷикон ....................191
Рафтаӣ бе хайру маъзур аз барам ....................192
Боз бо ёдат, азизам, бемадорам, бемадор ....................192
Аз кибру риё бигзар, то авҷи само боз о ....................193
Азизо, номи ту бар лаб шаби умрам гузар дорад ....................193
Дилам гирифта, эй худо, ба сони осмони ту ....................194
Ишқи ман ҳеҷ гаҳ афсонаи дунё нашавад ....................194
Ҷони ман, дар ҳар қадам, аз ҳар куҷо ҷӯям туро ....................195
Сайёди носабурӣ бинשаста дар бари ман ....................195
Умре, ки сипар шуд ба афғон ба сар шуд ....................196
Бар ганҷи дилам, ёр, ту меарзида бошӣ ....................196
Мадеҳ ранҷам, ки эҳсон дорам, эй дӯст ....................197
Ишқ андар зеҳни ман ин мӯъҷизи Исо бувад ....................197
Бирав, ман интизори ту набошам ....................198
Ман бо ҳавасу ҳавсалаҳо кор надорам ....................198
Умри ман чун барги резон рафт, ҳайф ....................199
Сарчашмаи ҳиҷрони ман ишқи ситамхӯи ту буд ....................199
Азизи ман, хато макун, баҳонаро баҳо макун ....................200
Ман шабамро ба хаёли ту кунам рӯз, биё ....................200
Роҳҳоро биспарам, ҷонам чароғи раҳ кунам ....................201
Ба чашми ман намеоӣ, ки дар ҷону дилам ҷоӣ ....................201
Ман саропо диламу дида надорӣ чӣ кунам ....................202
Бе ту бо ҳаҷрат аҷоиб рӯзгоре доштам ....................202

Қаҳтӣ омад, эй дил, эй дил ........................................................202
Дарди бедармони ман бигзашт, шукр....................................203
На ба ҳукми дили худ сайри ҷаҳон омадаам .........................203
Дар фироқи дӯстон худро қаландар мекунам .......................204
Ба лабҳои хамӯши ман ҳадиси ишқ пинҳон аст ....................204
Туро, ки дарки ишқ нест, ба лаб фасона меравӣ..................205
Ман мазорам, маскани гӯри азизонӣ, дилам.........................205
Аз хамӯшӣ хонаи дил равшан аст..........................................206
Чаро дар зиндагӣ, ё раб, маро дилдору дилбар нест............206
Ман дар ин марҳилаи умр, ки гӯянд камол ..........................207
Рӯҳи исёнӣ ...............................................................................207
Навои най..................................................................................208
Ҳангомаи парвоз ......................................................................209
Исёни ниҳон ..............................................................................209
Завол .........................................................................................210
Қиблаи дил................................................................................211
Чӣ оғозе .....................................................................................211
Хато макун.................................................................................212
Дер кардӣ ..................................................................................213
Армон ........................................................................................213
Кӯчаи сармоядорон...................................................................214
Фарёди дуриҳо ..........................................................................215
Меҳр...........................................................................................215
Пора-пора ..................................................................................216
Эй мадоро… ...............................................................................216
Шиква.........................................................................................217
Деҳотӣ........................................................................................217
Абнои вафо ................................................................................218
Офтобпараст ..............................................................................218
Барқи баҳор ...............................................................................219
Бӯҳрон........................................................................................220
Исрор .........................................................................................220
Бе ту ...........................................................................................221
Ишқ ва ғурур.............................................................................221
Илтимос......................................................................................222
Шикаст .......................................................................................222
Ишқи ту .....................................................................................223
Ту бароям нома бинвис.............................................................223
Ахтари ҳаҷр ...............................................................................224
Ману ту.......................................................................................225
Имсол баҳорон ...........................................................................225
Чакидаҳо ....................................................................................226
Паёми сабз..................................................................................229
Хайрбод......................................................................................230
Ифтихори мо..............................................................................231
Ба куҷо равам суроғат ...............................................................232

Дили танҳоӣ.....233
Рӯзе, ки омадӣ.....234
Ошиқам.....235
Ҳадя.....235
Диёрам.....235
Ишқи ман.....237
Таскин.....237
Илтиҷо.....238
Сури сурур.....239
Исёни навмедӣ.....240
Эй дили бемор, аз ту илтиҷо кардан хатост.....240
Ай хуби ман, маҳбуби ман, аз ғам раҳо кун хастаро.....241
Дами дарвозаи ҳайрон ту меоӣ, намеоӣ.....241
Наврӯз шуд, эй ҷонам, бо ҳавсалаҳо боз о.....242
Боз ову нишин ба дидаи ман.....242
Хотирам аз нав парешон шуд, намедонам чаро.....243
Як умри дароз интизори ту манам.....243
Ваҳ, ки ин қадр тавоно шудаам.....244
Хоб аз чашмам гурезон шуд,ки обам мебарад.....244
Дурӯза умри раҳгузар азоби дар азоб шуд.....245
Эй ғами дерина, кай аз рӯзгорам меравӣ.....246
Эй азизон, нолаҳоро аз найистонам баред.....246
Эй сабо, к-омадаи вақти саҳар.....247
Биё, гул бо баҳори ишқ афшонам ба ҷони ту.....247
Мо ошиқони шайдо, моро кӣ мешиносад.....248
Рӯзгоре ғуссаҳо аз қалби зорам бигзарад.....248
Мо ошиқони ишқем, парвои кас надорем.....249
Хушрӯзи диёри мо муборак.....249
Зи ҳақиқати замона ту нагӯву ман насӯзам.....250
Бо соғари чашмонат паймони вафо бастам.....250
Умр бо ранҷи туву ганҷи парешонам гузашт.....251
Эй вой ҷони модар, ҷонам нисори модар.....251
Ман ба ёди лутфи ёрон рӯзро бегаҳ кунам.....252
Эй ишқи ҷигарсӯз, зи паймон хабаре нест.....252
Ба ёди ту, ба доди ту нидое мешавам охир.....253
Дилбари бовафо туӣ.....253
Боз афсун мекунад девонаро лайлои дил.....254
Умр бо ман мисли ёрам бевафоӣ карду рафт.....254
Ту меҳмон омадӣ, эй ҷон, ки қурбони дилам бошӣ.....255
Бо фанои дил ман фано шавам.....255
Дар ин шоми пурафсуни зимистонӣ.....256
Қаҳру истеҳзо залолат оварад.....256
Гӯям ғами Ватанро аз хотирам барорам.....257
Хоҷаи моро бубахш инсофу имон, эй худо.....257
Дар мизони ақли худ ҳангомаҳо бар мекашам.....258
Ҳаққи худро аз даҳони мор то кай мекашам.....258

Мо хотири болида зи наврӯз надорем ....................................259
Дар ҳисори хештан дил оқибат бегона монд..........................259
Бадбахтии мо «заҳмату ранҷ»-и дигарон аст .........................260
Дида аз дидори ёрон нозу ҷавлон мекунад.............................260
Баъд аз ин кошонаро обод мебояд намуд...............................260
Олами рангину дунёи ҳавас бошад маро ..............................261
Кӯҳандиёр.....................................................................................261
Рӯзгорон гашту гашт..................................................................262
Ин баҳорон...................................................................................263
Базми шоду сур мехоҳад дилам ...............................................263
Аз саводам пеши устодон хиҷолат мекашам.........................264
Тифлаки ман, офаридун, ҷони ман...........................................264
Ба духтарам Парвин....................................................................264
Ману дарё, ману дарё равонем...................................................266
Маҳастӣ ..........................................................................................266
Барои хуршеди азизам ................................................................267
Чакидаҳо ........................................................................................268
Дил оқибат бо ишқи ту то авҷи кайҳон мерасад....................268
Биҳишти ман ..................................................................................269
Ба гулбонги мусулмонӣ диҳам гӯш ..........................................270
Ҷустуҷӯро ибтидоӣ.......................................................................270
Ба одам нури имон офариданд ..................................................271
Розам ба каси нодон гӯям чӣ, нагӯям чӣ..................................271
Дил даруни синае ларзиду гуфт ................................................272
Ишқ дармон асту беморaш манам............................................272
Маро бо хештан пайванд...........................................................273
Эй худоё, пургуноҳам, пургуноҳ...............................................273
На ғогози зи худ осуда будан....................................................274
Нишастан рӯи хокистар барои зар намехоҳам........................274
Дасти маро бигир ........................................................................275
Сурурам ту ....................................................................................276
Мерасад аз дури дур овозҳо ......................................................276
Зиндагоният нисори меҳри ёрон боду ҳаст.............................277
Сари баланди марди деҳ кулоҳро чӣ мекунад..........................277
Аз фироқи дӯст месӯзад дилам.................................................278
Дар интихоби ёрон ҳаргиз хато накардам................................278
Ҷони ранҷур.................................................................................279
Ишқи зеборо ба ҷон пазмон манам..........................................280
Ман ба оташгоҳи зардуштӣ ибодат мекунам...........................280
Эй дил, ба вафо кӯш, ки озурда набошӣ...................................281
Азизон, хастаам, маъзур, маъзур..............................................281
Бӯқаламун ....................................................................................282
Рақси ниқоб...................................................................................282
Чӣ шавад, ки ногаҳонӣ, зи дари дилам дароӣ.........................283
Аз мани девона мепурсанд, кӣ афғонат зи чист .....................283
Зулматшиканам, нур надидан натавонам...............................283

Ёди туро меорад ....... 284
Эй кош ....... 285
Баҳор асту ҳавои резаборон ....... 285
Шаби бе ту, шаби андӯҳу алам ....... 286
Баъди ту ман, ҳар он чи мехоҳад дилам, он мекунам ....... 286
Печидаӣ дар ҷони ман ....... 287
Хумори бо ту будан бар дили девона боз омад ....... 287
Ман садои ошно гум кардаам ....... 288
Гуфта будӣ ояму сабрам ба сар шуд, н-омадӣ ....... 288
Оқилам аз оқилӣ девонаам ....... 289
Сӯхтам аз ҳаҷр, балокаш куҷост ....... 289
Эй дӯст, биё, биё, ки афгор манам, ман ....... 290
Ба ҷони ман ҷафо кардиву рафтӣ ....... 290
Шикваи ман ноз буду роз буд ....... 291
Ёди ёдат кардаму бе ёди ёдам чун кунам ....... 292
Ҳанӯзам, ки умеди зиндагонист ....... 292
Рӯҳи мубориз ....... 293
Сипос ....... 294
Умед ....... 294
Бовар намекунам ....... 295
Орзу ....... 296
Модар ....... 297
Хандаи баҳор ....... 297
Таманно ....... 298
Эътироз ....... 298
Шаби боронӣ ....... 299
Бо рози худ ....... 300
Дил ....... 300
Ниёз ....... 301
Ёди қулла ....... 302
Даме ки шеър мегӯям, ҷаҳон ранги дигар дорад ....... 302
Баҳори ишқи ту дунёи дилро гулбасар созад ....... 303
Ганҷина ....... 303
Ахтар ....... 304
Гул ва хор ....... 304
Акси ту ....... 305
Саргардон ....... 306
Дар қатори ваъдаҳо ....... 307
Ту ишқи ман ....... 307
Ташна ....... 308
Шабонгаҳ ....... 309
Муборакбодӣ ....... 309

**МЕҲРИНИСО**

**ОИНИ ХУРШЕД**

*(мунтахаби ашъор)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 28.07.2011 супорида шуд.
Чопаш 04.08.2011 ба имзо расид. Андоза 84x108 1/32.
Ҷузъи чопӣ 10,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар ҶДММ «Торос» чоп шудааст.